**ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ШАРҲИ «БАРНОМАИ МИЁНАМУҲЛАТИ РУШДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2016-2020» ДАР ДАВОМИ СОЛҲОИ 2016-2019



**ДУШАНБЕ -2020**

# МУНДАРИҶА

**САРСУХАН ............ 3**
**БОБИ 1. КОМЁБИҲО ВА РАВАНДИ РУШДИ УСТУВОР ............ 4**
**БОБИ 2. ТАҲКИМИ НЕРӮИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ВА ФАЗОИ СОҲИБКОРӢ ............ 9**
**БОБИ 3. БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИДОРИ БАХШИ ВОҚЕӢ ВА ҚОБИЛИЯТИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ ............ 14**
3.1.Саноат ............ 14
3.2.Комплекси энергетикию сӯзишворӣ (КЭС) ............ 18
3.3. Бахши аграрӣ: амнияти озуқаворӣ ва таъмини дастрасӣ ба ғизои хушсифат ............ 20
3.4. Инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ............ 25
3.5. Бахши молиявӣ ............ 32
3.6. Бахши иқтисоди хориҷӣ ............ 40
**БОБИ 4. РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАХШИ ИҶТИМОӢ ............ 55**
4.1. Шуғли пурмаҳсул ............ 55
4.2. Маориф ва илм ............ 56
4.3. Тандурустӣ ва дарозумрӣ ............ 58
4.4. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ............ 61
4.5. Фарҳанг ............ 62
**БОБИ 5. РУШДИ МАҶМӮИИ МИНТАҚАҲО ............ 64**
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОДҲО ............ 67**
**ЗАМИМА: ҶАДВАЛИ ИНДИКАТОРҲОИ АСОСИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИ ............ 70**

# САРСУХАН

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷараёни муҳокима ва ташаккули Ҳадафҳои рушди устувор иштирок намуда, «Рӯзномаи рушди устувор»-ро барои давраи то соли 2030 қабул кард ва ташаббускори пешниҳоди масъалаҳои бахши об ҳамчун яке аз мушкилоти муҳим дар доираи Рӯзномаи 2030 гардид.

Соли 2016 Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 таҳия ва тасдиқ гардиданд, ки дар он самтҳои асосии ноилшавӣ ба Ҳадафҳои рушди устувор муайян шудаанд.

Мақсади омода кардани Шарҳи мазкур арзёбии пешакии натиҷаҳои бадастомадаи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 аз рӯи нишондиҳандаҳои пешбинишуда бо инъикоси Ҳадафҳои рушди устувор, муайян ва асоснок намудани сабаққҳои омӯхта ва омилҳои рушд барои давраи миёнамуҳлати минбаъда мебошад.

Раванди татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 арзёбии чорабиниҳоеро дар бар мегирад, ки тавассути  манбаъҳои мухталифи буҷети давлатӣ, сармояи хориҷӣ, бахши хусусӣ ва дигар сарчашмаҳо маблағгузорӣ карда шудаанд.

Шарҳ нишон медиҳад, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои миллии стратегие, ки дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 муайян карда шудаанд, дар маҷмуъ татбиқ шуда, заминаи мусоидро барои рушди устувори минбаъдаи мамлакат фароҳам овардаанд.

Бо вуҷуди ин бинобар сабабҳои таъсири буҳронҳои иқтисодиву молиявӣ ва пандемияи коронавирус дар ҷаҳон ва омилҳои иқтисодию сармоягузории дохилӣ иҷрои баъзе нишондиҳандаҳои барнома дар сатҳи зарурӣ таъмин нагардиданд, ки аз мақомоти давлатии дахлдор андешидани тадбирҳои иловагиро тақозо мекунанд.

Ҳангоми омода намудани шарҳ рақамҳои оморӣ аз ҳисоботи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳои соҳавӣ, махзани маълумот ва нашрияҳои ташкилотҳои байналмилалӣ, инчунин таҳлилҳои коршиносони ватанӣ истифода бурда шудаанд. Рақамҳо ва иттилооти аз сарчашмаҳо ва методологияҳои гуногун ҷамъовардашуда барои тасдиқи эътимоднокӣ ва боварибахш будани натиҷаҳо бо ҳам муқоиса карда шудаанд.

Натиҷаҳои шарҳи гузаронидашуда ҳамчун манбаи боэътимоди таҳлилӣ дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 истифода бурда мешаванд.

# БОБИ 1. КОМЁБИҲО ВА РАВАНДИ РУШДИ УСТУВОР

Дар чор соли татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 бо мақсади ноил гардидан ба ҳадафу афзалиятҳои стратегӣ, бахусус таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил додан ба кишвари транзитӣ; таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат; таъмини шуғли пурмаҳсул ва саноатикунонии босуръати кишвар корҳои назаррас амалӣ гардиданд.

Дар ин давра дар самти тақвияти низоми идоракунии давлатӣ, рушди неруи инсонӣ, таъмини сифати рушди иқтисоди миллӣ, суботи молиявӣ, маъмурикунонии андоз, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, рушди инноватсионии бахши воқеии иқтисодиёт ва саноатикунонии бусуръати кишвар дастовардҳои назаррас бо ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ислоҳоти зарурӣ гузаронида шуданд, ки шарҳи онҳо дар қисматҳои дахлдори ҳуҷҷати мазкур қайд карда мешаванд.

**Намояи 1. Иҷрои ҳаҷми номиналии ММД нисбат ба нақшаи барнома**




Дар Тоҷикистон низоми маҷмӯии банақшагирии стратегӣ фаъол гардида, тамоми соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар бо барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоӣ фаро гирифта шуданд. Ҳамзамон дар давраи татбиқи чорсолаи БМР 2016–2020 консепсияҳо, стратегияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавӣ қабул гардида, дар таъмини рушди бемайлони иқтисодиёти миллӣ дар асоси дурнамосозии макроиқтисодӣ бо истифода аз моделҳои эконометрикӣ ва барномарезии миёнамӯҳлат ва дарозмуддат заминаи асоснок гузошта шуд.

Дар солҳои 2016-2019 рушди миёнасолонаи иқтисодиёт дар сатҳи 6,8 фоиз таъмин шуда, ҳаҷми воқеии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра 1,6 маротиба афзуд.

Дар натиҷаи роҳандозии тадбирҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва ҳадафу афзалиятҳои Барномаи миёнамуҳлати рушди кишвар ҳаҷми номиналии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар соли 2019-ум 77,4 млрд сомонӣ ва суръати рушди воқеии он 7,5 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли базавӣ (2015) 29 млрд сомонӣ ё 1,6 маротиба зиёд мебошад. Ҳамчунин, ҳаҷми **маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар нафар аҳолӣ** дар соли 2019 ба 8388,3 сомонӣ баробар гардида, нисбат ба соли 2015-ум 2660,5 сомонӣ ё 1,5 маротиба афзоиш ёфт.

Дар 4 соли татбиқи барнома ҳаҷми воқеии ММД нисбат ба нақша барзиёд таъмин гардид. Рушди босуботи иқтисодиёти миллӣ дар солҳои 2016-2019 асосан аз ҳисоби афзоиши соҳаҳои саноат 1,8 маротиба, кишоварзӣ 1,2 маротиба, ҳаҷми умумии гардиши савдои дохилӣ 1,5 маротиба, мусофиркашонӣ 1,2 маротиба, хизматрасониҳои пулакӣ 1,1 маротиба, боркашонӣ 1,2 маротиба ва маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ 1,3 маротиба таъмин гардид.

**Намояи 2. Нақша ва иҷрои ҳиссаи соҳаҳо дар сохтори ММД**




Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ аз 14,2 млрд сомонии соли 2015 то ба 27,6 млрд сомонӣ дар соли 2019 ё 1,9 маротиба ва 1,7 фоиз ба ҳисоби воқеӣ афзудааст, ки дар натиҷа ҳиссаи он дар ММД ба 21,9 фоиз баробар гардида, нисбат ба соли 2015-ум 6,8 банди фоизӣ зиёд шуд.

Бахусус ҳаҷми истеҳсоли семент дар ин давра 3 маротиба, ангишт 1,9 маротиба, калобаи пахтагин 4,4 маротиба, равғани растанӣ 2,2 маротиба ва маҳсулоти қаннодӣ 2,5 маротиба афзоиш ёфт.

Ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД дар соли 2019 ба 20,7 фоиз баробар гардид, ки дар муқоиса ба нишондиҳандаи пешбинишудаи барнома 0,3 банди фоизӣ камтар аст. Ин шаҳодат медиҳад, ки гузаштан аз модели аграрию индустриалӣ ба модели индустриалию аграрӣ бомуваффақият идома ёфта, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар корхонаҳои саноатӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар ин давра ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ сол то сол афзоиш ёфта, аз 16,6 миллиард сомонии соли 2015 ба 23,5 миллиард сомонӣ дар соли 2019 баробар шуд.

**Хароҷоти умумии буҷети давлатӣ нисбат ба ММД дар соли 2019-ум** 30,8 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи барнома (26%) 4,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар соли 2019 иҷрои қисми хароҷоти буҷети давлатӣ ба 23,8 млрд. сомонӣ баробар шуда, аз он 10,6 млрд. сомонӣ ба соҳаҳои иҷтимоӣ равона гардидааст.

Ҳаҷми **қарзи беруна** 2925,3 млн. доллар ё 36 фоизро **нисбат ба ММД** ташкил медиҳад, ки дар муқоиса ба соли базавӣ (соли 2015-27,9 %) 8,1 банди фоизӣ зиёд аст. Сабаби зиёд шудани қарзи беруна ин ҷалби маблағҳои шарикони рушд барои сармоягузорӣ ба иншооти муҳими афзалияти миллидошта мебошад, ки айни замон мавриди бунёду барқарорсозӣ қарор доранд.

Аз оғози татбиқи барнома то имрӯз 78 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ амалӣ карда шуда, дар доираи лоиҳаҳои мазкур ба иқтисодиёти мамлакат 18 миллиард сомонӣ (1,8 млрд. доллар) ҷиҳати рушди соҳаҳои воқеӣ, бахусус энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ, обёрӣ, обтаъминкунӣ, рушди инфрасохтори маҳаллӣ, маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, муҳити зист, идоракунии давлатӣ ва дигар бахшҳо ҷалб ва азхуд карда шудаанд.

Ҳоло дар кишвар 69 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо маблағи 38,2 млрд сомонӣ (3,7 млрд доллар) татбиқ шуда истодааст.

Ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз оғози татбиқи барнома то имрӯз зиёда аз 5 маротиба зиёд гардида, ба 55 млрд. сомонӣ расонида шуд. Дар ин давра аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ манзили истиқоматӣ ба масоҳати 5,5 миллион метри мураббаъ, муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва томактабӣ барои зиёда аз 77 ҳазор ҷойи нишаст, иншооти муассисаҳои тандурустӣ барои бештар аз 5 ҳазор ҷойи қабул ва кат сохта, ба истифода дода шудаанд.

Саҳми бахши хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ дар ин давра аз 54 фоиз ба зиёда аз 70 фоиз расонида шуд.

Дар ин давра ҳамасола зиёда аз 150 ҳазор ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ таъсис дода шуда, дар панҷ соли охир шумораи шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд 50 фоиз кам гардид.

Даромадҳои пулии аҳолӣ 1,9 ва музди миёнаи меҳнати як корманд 1,2 маротиба зиёд гардид.

Дар ин давра аҳолии Тоҷикистон аз 8,5 миллион ба 9,3 миллион нафар расида, нисбат ба соли 2015 (базавӣ) 800 ҳазор нафар ё беш аз 9 фоиз афзудааст, ки дар сатҳи нақшаи нишондиҳандаи чашмдошти барнома бетағйир мебошад. Дар соли 2019 дарозумрии миёнаи аҳолӣ то 75 сол боло рафт.

Тибқи маълумоти расмии соли 2019 шумораи таваллудшудагон 231 ҳазор нафарро ташкил дод. Коэффитсенти умумии таваллуд ва коэффитсенти умумии фавт мутаносибан ба 1000 нафар аҳолӣ 25,0 ва 3,6 нафар рост меояд, ки ин аз дуруст ба роҳ мондани ташвиқу тарғибот оид ба танзими оила, ҳифзи саломатӣ ва корҳои беҳдоштӣ шаҳодат медиҳад.

Сатҳи камбизоатӣ аз 31,3 фоизи соли 2015 то 26,3 фоиз дар соли 2019 коҳиш дода шуд. Бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ ба рӯйхати 10 кишвари дорои суръати баланди коҳишдиҳии сатҳи камбизоатӣ дар 15 соли охир дохил карда шуд.

Аз рӯи арзёбиҳои созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон беҳтар гардидааст.

Дар соли 2020 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи Индекси дарозумрии солим ҷои 98-ум, арзёбии малакаҳои рақамии аҳолии калонсол 57-ум ҷойро дар байни 141 кишвари дунё ва аз рӯи арзёбии тафаккури таҳлилӣ дар таълим мавқеи 30-юмро ишғол менамояд.

Инчунин Тоҷикистон дар арзёбии дастрасӣ ба қувваи барқ мавқеи 2-юм, сифати инфрасохтори роҳ мавқеи 50-ум, самаранокии хизматрасонии роҳи оҳан мавқеи 37-умро дар байни 141 кишвари ҷаҳон ва тибқи Индекси амнияти озуқаворӣ мавқеи 91-умро дар байни 133 кишвари ҷаҳон бо намояи сифати озуқа 42,6 аз 78,1 холи бузургтарини имконпазир ишғол менамояд.

Тибқи таҳлилҳои Форуми ҷаҳонии иқтисодӣ дар соли 2019 дар арзёбии байналмилалии самаранокии заминаи қонунгузорӣ ҷиҳати такмили расмиёти танзими давлатӣ мавқеи 30-юм, сарбории танзими давлатӣ мавқеи 20-ум ва самаранокии қонунгузорӣ барои ҳалли баҳсҳо мавқеи 34-умро дар байни 141 кишвари дунё соҳиб гардид.

Ҳамин тариқ, нишондиҳандаҳои асосии пешбинишудаи барнома барои давраи то соли 2020 аз рӯи ҷамъбасти нишондиҳандаҳои соли 2019 иҷро гардидаанд.

Бо назардошти паҳншавии пандемияи коронавирус, ҷой доштани мушкилоти геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳо ва тағйирёбии ноустувори нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ нишондиҳандаҳои алоҳидаи мақсаднок аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдо бозбинӣ карда шуд.

Барои ноилшавӣ ба ҳадафҳо андешидани тадбирҳои зарурӣ дар самти пешгирии таъсири омилҳои манфии беруна, баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, татбиқи чораҳои ҳавасмандкунии фаъолнокии иқтисодӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкориву сармоягузорӣ,

таҳкими иқтидорҳои истеҳсолӣ ва бунёди ҷойҳои нави корӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Бинобар ин ҷиҳати  ноилшавӣ ба ҳадафҳои стратегии кишвар барои таъмини заминаҳои босуръати рушд корҳо дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои минбаъда идома дода мешаванд.

## БОБИ 2. ТАҲКИМИ НЕРӮИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ ВА ФАЗОИ СОҲИБКОРӢ

Дар доираи татбиқи Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 чиҳати тақвият бахшидани муколамаи давлат ва бахши хусусӣ дар сатҳи миллӣ ва минтақавӣ, мутобиқ намудани фазои сармоягузорию соҳибкорӣ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, шомил гардидани ҷумҳурӣ ба узвияти СУС, Конвенсияи СММ оид ба эътирофи қарорҳои судҳои арбитражи хориҷӣ, Конвенсияи Гаага оид ба тайъиди легализатсияи ҳуҷҷатҳои расмии хориҷӣ, хусусигардонии моликияти давлатӣ, таъмини дастрасӣ ба воситаҳои молиявӣ, инфрасохтори рушди соҳибкорӣ, роҳандозии стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот ва муосиргардонии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорону сармоягузорон корҳои мушаххас анҷом дода шуданд.

Дар раванди хусусигардонии моликияти давлатӣ ва амалигардонии лоиҳаҳои инфиродии таҷдиди субъектҳои монополияи табиӣ ва корхонаҳои азими давлатӣ 90 фоизи дороиҳои давлатӣ ба бахши хусусӣ дода шуд.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи иқтисод ба самти дастгирии ҳаматарафаи ташаббуси бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ равона гардида, дар ин самт ҷиҳати аз байн бурдани монеаҳои маъмурии сунъӣ ва таъмини шаффофияти меъёрҳои ҳуқуқӣ нисбат ба субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ корҳои назаррас ба анҷом расонида шуд.

Дар ин самт қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав, «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ», «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ», «Дар бораи мораторияи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи дастгирии давлатии соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2020 ва якчанд стратегияву барномаҳои соҳавӣ қабул гардида, ба як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд, ки ин барои ҷалби сармоя ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона гардидааст.

Бо қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани нишондиҳандаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ ва Нақшаи чорабиниҳо оид ба 300 рӯзи ислоҳот соли 2018 қабул шуданд, ки аз онҳо мутаносибан 70 ва 32 тадбир ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ мавриди амал қарор доранд.

Аз ҷумла, бо мақсади содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» қабул гардида, бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ тибқи низоми «Равзанаи ягона» ба роҳ монда шуд, ки дар натиҷа шумораи сохторҳои бақайдгиранда аз 4 ба 1 адад ва мӯҳлати бақайдгирӣ аз 49 то 3-5 рӯз кам гардид.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон портали электронии хизматрасониҳо барои андозсупорандагонро роҳандозӣ намуда,

тавассути он 36 намуди хизматрасониҳои электронӣ, аз ҷумла тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳо барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, декларатсияи андозӣ ва ҳисоботдиҳӣ, пардохти андозҳо бо истифодаи кортҳои пардохтии миллӣ, МАСТЕР ва ВИЗА, баргардонидани андоз аз арзиши иловашуда ва дигар хизматрасониҳои машваратию иттилоотӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар доираи ислоҳоти содагардонии низоми иҷозатдиҳӣ шумораи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ то 56 адад коҳиш дода шуда, пешниҳоди 30 фоизи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тариқи низоми электронӣ ба роҳ монда шуд. Барои таъмини дастрасии васеъ ба иттилооти зарурӣ дар бораи расмиёти гирифтани иҷозатнома ва литсензияҳо онлайн портали www.ijozat.tj таъсис дода шуд.

Барои гузаронидани ислоҳоти санҷишҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидор дар доираи кори Шӯрои ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти санҷишӣ шумораи мақомоти санҷишӣ аз 31 то 25 адад коҳиш дода шуд. Ҳадафи ниҳоии ислоҳот то 20 адад кам кардани шумораи мақомоти санҷишӣ мебошад.

Бо ташаббуси бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷумҳурӣ мораторий ба ҳама намуди санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ то 1 январи соли 2021 эълон карда шуд, ки 1948 субъекти хоҷагидорро дар 24 соҳаҳои истеҳсолӣ фаро мегирад. Дар натиҷаи ислоҳот дар самти мазкур шумораи санҷишҳо аз 300 ҳазор санҷиш дар соли 2016 то 48 ҳазор санҷиш дар соли 2019, яъне 6 маротиба коҳиш ёфт.

Ҷиҳати таъмини дастрасии васеи соҳибкорон ва аҳолӣ ба хизматрасониҳои молиявӣ ва воситаҳои қарзӣ бюроҳои таърихи қарзӣ, феҳристи электронии гарави амволи манқул ва ғайриманқул ташкил ёфта, ислоҳоти босамари қонунгузории низоми созишҳои таъминшуда ҷиҳати тақвият бахшидани ҳуқуқҳои қарздорон татбиқ ва роҳандозии принсипҳои идоракунии корпоративӣ амалӣ шуда истодааст. Ин ислоҳоти босамар боиси 111 зина баланд шудани мавқеи кишвар тибқи нишондиҳандаи дастрасӣ ба қарз ва мавқеи 11-умро ишғол намудани Тоҷикистон дар арзёбии байналмилалии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ гардида, барои ҷорӣ гардидани технологияҳои муосири молиявӣ дар кишвари мо шароити мусоид фароҳам овард.

Дар доираи татбиқи онҳо ислоҳоти назаррас дар самти такмили қонунгузории соҳавӣ, рақамигардонии махзани маълумоти вазорату идораҳои давлатӣ, муосиргардонии хизматрасониҳо ба соҳибкорону аҳолӣ, таъсиси низомҳои миллии «Равзанаи ягона» барои бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, гирифтани иҷозат барои корҳои сохтмонӣ, пайвастшавӣ ба қувваи барқ, бақайдгирии амволи ғайриманқул, барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ ва роҳандозии расмиёти мустақим дар реҷаи онлайн, коҳиш додани вақт ва хароҷоти пешбурди соҳибкорӣ гузаронида шуд.

**Намояи 3. Ба даст овардани таҷрибаи пешқадами ислоҳот аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арзёбии байналмилалии Doing Business (бо фоиз)**




Бо мақсади амалигардонии чорабиниҳо оид ба ташкили фаъолият дар самти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таҳкими нерӯ, такмили ихтисос ва расонидани кӯмаки техникию методӣ ҷиҳати татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти инфрасохтор ва хизматрасонии иҷтимоӣ Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаҳои шарикии давлат ва бахши хусусӣ» таъсис дода шуд. Айни замон тавассути механизми шарикии давлат ва бахши хусусӣ 5 лоиҳа дар самтҳои энергетика, нақлиёт, тандурустӣ, маориф ва обтаъминкунӣ бо маблағи беш аз 280 млн сомонӣ амалӣ шуда истодааст.

Ҳамзамон дар ҳамкорӣ бо мақомоти марказӣ, маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва бахши хусусӣ нисбати 7 лоиҳа корбарӣ рафта истодааст, ки дар давраи наздик мавриди амал қарор мегиранд.

МД «Фонди дастгирии соҳибкорӣ», ки соли 2013 таъсис ёфта буд, соли 2020 ба корхонаи воҳиди давлатии Бонки давлатии саноатию содиротии «Саноатсодиротбонк» табдил дода шуда, ҷиҳати таҷдид ва таъсиси коргоҳу корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти истеҳсолшаванда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва мусоидат ба рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда ва содироти молу маҳсулот то имрӯз 196 лоиҳаи тиҷоратии соҳибкорон ба маблағи 298 млн сомонӣ, аз ҷумла 33 лоиҳаи тиҷоратии бонувони соҳибкорро ба маблағи 22 млн сомонӣ, 19 лоиҳаи тиҷоратии соҳибкорони ҷавонро ба маблағи 47,4 млн сомонӣ ва 171 лоиҳаи соҳибкори навтаъсисро ба маблағи 171 млн сомонӣ дастгирӣ намудааст.

Маблағҳои ҷудогардида ба соҳаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, истеҳсоли маҳсулоти қаннодӣ ва хуроквории, дузандагӣ, ҳунармандӣ, коркарди пӯсту чарм ва истеҳсоли пойафзол, истеҳсоли мебел, хизматрасонии таълимӣ, истеҳсоли маводи доруворӣ, масолеҳи сохтмонӣ,

таъсиси сардхона, коркарди санги мармар ва гранити маҳаллӣ ва дигар соҳаҳо рост меояд.

Бо мақсади рушди сайёҳӣ ва самаранок истифода бурдани имкониятҳои мавҷуда дар ин самт дар доираи татбиқи Нақшаи чорабиниҳо оид ба беҳтар кардани муҳити сармоягузорӣ дар соҳаи туризм аз 3 майи соли 2014, №301 фурудгоҳҳои байналмилалии ҷумҳурӣ аз нав таҷдид ва ба истифода дода шуда, тартиби мустақим пешниҳоди раводидҳои электронӣ ба сайёҳони байналмилалӣ ҷорӣ гардид. Мақомоти ваколатдори давлатӣ – Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, Стратегияи рушди туризм барои давраи то соли 2030 ва Барномаи рушди туризм барои солҳои 2018 – 2020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» дар таҳрири нав коркард ва қабул карда шуданд. Шӯрои ҳамоҳангсоз оид ба рушди сайёҳӣ, ва шуъбаи сайёҳӣ дар назди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис ёфт.

Ҳамзамон бо қарори дахлдори Ҳукумати кишвар ширкатҳои сайёҳии навтаъсис дар 5 соли аввали фаъолият аз андоз аз фоида, воридоти ашё ва таҷҳизот барои бунёди инфрасохтори сайёҳӣ аз аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод гардиданд. То охири соли 2019 15 лоиҳаи инфрасохтории сайёҳӣ бо имтиёзҳои пешбинигардида фаро гирифта шуданд.

Ҷиҳати ҳимояву дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷалби сармоя аз ҷониби Ҳукумати кишвар дар чор соли охир  дар соҳаҳои саноати сабук, кишоварзӣ, дорусозӣ, парандапарварӣ, чорводорӣ, сайёҳӣ ва дигар бахшҳои афзалиятнок иловатан 40 намуди имтиёзу сабукиҳо ҷорӣ карда шуданд.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорони навтаъсис (стартапҳо) ва рушди соҳибкории хурду миёна тавассути дастгирии методӣ, иттилоотӣ, машваратӣ ва омӯзишӣ соли 2018 Муассисаи давлатии «Ташаккул ва рушди соҳибкории Тоҷикистон» бо воҳидҳои минтақавии он дар шаҳрҳои Душанбе, Бохтар, Кӯлоб, Хуҷанд ва Хоруғ таъсис дода шуд.

Дастовардҳои ислоҳоти номбурдаи солҳои охир боиси ба 59 зина баланд шудани мавқеи Тоҷикистон дар арзёбии ҳисоботи «Пешбурди Соҳибкорӣ»-и Бонки  Ҷаҳонӣ (аз мавқеи 165-ум дар соли 2015 ба 106-ум ҷой дар соли 2020) ва солҳои 2015 ва 2020 ба рӯйхати «Топ-10» кишвари ислоҳотгари беҳтарин шомил гардидани он замина гузошт.

Бахусус дар соли 2020 тибқи арзёбии ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи худро ба 20 зина беҳтар намуд.

Аз соли 2017 инҷониб рейтинги кредитии соҳибихтиёрии кишвар аз ҷониби ширкатҳои байналмилалии рейтингии «Standard & Poor's» ва «Moody's Investors Service» дар сатҳи «B, бо дурнамои рушди устувор»  ва «B-»  арзёбӣ ва нигоҳ дошта мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аввалин бор дар таҷрибаи соҳибистиқлолии худ ба маблағи 500 млн. доллари амрикоӣ евробонд интишор карда, ба бозори ҷаҳонии сармоя ворид шуд.

Ислоҳоти гузаронидашуда ба афзоиши мунтазами шумораи субъектҳои  соҳибкории хурду миёна аз 206,5 ҳазор адади соли 2015 ба 328

ҳазор адад дар соли 2020 мусоидат намуда, дар натиҷаи он имрӯз ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД 70 фоиз, дар таъмини шуғли аҳолӣ 68 фоиз ва даромадҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ 80 фоизро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи ҷорӣ гардидани технологияҳои муосири молиявӣ дастрасии соҳибкорон ва аҳолӣ ба воситаҳои молиявию қарзии низоми бонкӣ мунтазам тавсеа ёфта, дар соли 2019 ҳаҷми қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ ба иқтисодиёт 9,8 млрд сомониро ташкил дод, ки нисбати соли 2013 30 фоиз зиёд аст. Дар 7 соли охир дар маҷмуъ ба иқтисодиёт зиёда аз 55 млрд сомонӣ, аз ҷумла барои рушди соҳибкорӣ зиёда аз 11 млрд сомонӣ ҷудо карда шудааст.

Тибқи маълумоти оморӣ воридоти умумии сармоягузории хориҷӣ дар ҳафт соли охир 60,9 млрд. сомониро ташкил додааст, ки аз он 26,5 млрд сомонӣ сармоягузории мустақим, 29,4 млрд сомонӣ қарзҳои аз ҷониби корхонаву ташкилотҳо ҷалбгардида ва 5,0 млрд сомонӣ сармоягузории портфелӣ (евробондҳо) мебошанд.

Воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар ин давра асосан ба соҳаҳои омӯзиши геологӣ ва истихроҷи канданиҳои фоиданок 11,3 млрд сомонӣ, саноат 6,8 млрд сомонӣ, алоқа 2,4 млрд сомонӣ, хизматрасонии молиявӣ 1,6 млрд сомонӣ, сохтмон 1,5 млрд сомонӣ, кишоварзӣ 985 млн сомонӣ, энергетика 599 млн сомонӣ, маориф 461 млн сомонӣ, сайёҳӣ 110 млн сомонӣ, савдо 87 млн сомонӣ ва дигар соҳаҳо 635 млн сомонӣ равона шудааст.

Дар доираи созишномаҳои сармоягузории баимзорасонидашуда ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ беш аз 10 млрд сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуда, 15 корхонаи пуриқтидори истеҳсолӣ сохта, ба истифода дода шуданд. Инчунин дар ҳамкорӣ бо доираҳои соҳибкорию сармоягузории ватаниву хориҷӣ омодагиҳо барои сохта ба истифода додани 11 корхонаи бузурги истеҳсолии дигар ба ҷалби беш аз 4 млрд сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсоли гӯшти чорво ва паранда дар ноҳияҳои Данғара ва Ёвон, коркарди маъдан дар ноҳияи Сангвор, истеҳсоли қубурҳои шишапластикӣ, таҷҳизоти барқӣ, нассоҷӣ ва халтаҳои полипропиленӣ, семент ва техникаи маишӣ дар шаҳри Душанбе идома доранд.

Дар баробари дастовардҳои қайдгардида нишондиҳандаи ҳиссаи сармоягузориҳои хусусӣ нисбат ба ММД дар соли 2019 4 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба нақшаи пешбинигардида 6 банди фоизӣ ва соли 2015 як банди фоизӣ кам аст.

# БОБИ 3. БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИҚТИДОРИ БАХШҲОИ ВОҚЕӢ ВА ҚОБИЛИЯТИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ

## 3.1.Саноат

Тӯли чор соли амалишавии барнома дар соҳаи саноат тавассути ба кор андохтани иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазиру воридотивазкунанда, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, густариши иқтидори содиротии кишвар як қатор тадбирҳои судманд амалӣ гардид, ки ин ба болоравии ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ мусоидат намуд.

Дар ин давра зиёда аз 690 корхона ва танҳо дар соли 2019 дар маҷмуъ 218 корхонаю коргоҳи нави саноатӣ бо таъсиси 2942 ҷойи корӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои мошинсозӣ 38 корхона, саноати сабук 53 корхона, масолеҳи сохтмон 50 корхона, саноати хӯрокворӣ 62 корхона, саноати маъдан 2 корхона, табъу нашр 5 корхона ва дигар соҳаҳо 8 корхона ташкил ёфтаанд.

Дар натиҷа соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 27,6 млрд сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 3,7 млрд сомонӣ ё 13,6 фоиз ва дар қиёс ба нишондиҳандаи пешбинишудаи барнома 9,9 млрд сомонӣ ё 55,9 фоиз зиёд мебошад. Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар муқоиса ба соли 2015 қариб 2 маротиба зиёд шудааст.

Дар давраи таҳлилшаванда ба ҳисоби миёна дар як сол таъсиси 175 корхонаи нав ба қайд гирифта шудааст. Танҳо давоми солҳои 2017-2019 ва давоми соли 2020 дар ҷумҳурӣ 582 корхонаи саноатии нав бо таъсиси 8624 ҷойҳои корӣ сохта ва ба истифода дода шудаанд, ки аз нақшаи пешбинишуда 3 баробар зиёд аст. Тайи солҳои 2015 - 2019 ва давоми соли 2020 бошад дар соҳаи саноати куҳии ҷумҳурӣ 37 корхона, аз ҷумла 25 корхонаи истихроҷу коркард ва 7 корхонаи заргарӣ ва 5 корхонаи истихроҷ ва коркарди сангҳои қиматбаҳо ва ороишӣ таъсис ёфтанд.

Давоми солҳои охир бо истифода аз технологияҳои инноватсионӣ ва ашёи хоми маҳаллӣ даҳҳо корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла сементбарорӣ, истеҳсоли хишт, маводҳои ғайримаъданӣ, коркарди санг сохта шуда, истеҳсоли маҳсулоти нави воридотивазкунанда- семент, гаҷкартон, сангҳои ороишӣ, андоваҳои минералӣ, рангҳои аккрилӣ, қубурҳои бетонӣ ба роҳ монда шуд.

Агар дар соли 2015 дар саноати масолеҳи сохтмонии ҷумҳурӣ 204 коргоҳу корхонаҳои саноатӣ фаъолият дошта бошанд, пас дар соли 2019 миқдори онҳо ба 517 корхона расидааст. Шумораи коргарони корхонаҳои соҳа 10364 нафарро ташкил медиҳад, ки ин назар ба соли 2015 бо шумораи 3743 нафар зиёд аст.

Дар давоми 4 соли охир дар соҳаи саноати сабук 24 корхонаю коргоҳҳо ифтитоҳ ёфтаанд, ки дар онҳо зиёда аз 3700 ҷойҳои кории нав таъсис дода шудааст.

Иқтидорҳои нав асосан дар самтҳои коркарди нахи пахта, пӯст, истеҳсоли пахтаи тиббӣ, маҳсулоти дӯзандагӣ, ҷӯроббофӣ, мебелсозӣ ва халтабарорӣ ба кор андохта шудаанд.

Соли 2020 дар соҳаи саноат ҷиҳати иҷрои ҳадафи чоруми миллӣ - саноатикунонии босуръати кишвар, истеҳсоли маҳсулот, ба кор андохтани иқтидорҳои нав, истифодаи иқтидорҳои истеҳсолӣ ва содиротӣ як силсила тадбирҳои дахлдор амалӣ гардиданд. Аз ҷумла «Барномаи саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2020-2025» таҳия ва бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 2020, №293 тасдиқ гардид.

Инчунин лоиҳаҳои «Барномаи рушди соҳаи мошинсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» ва «Барномаи рушди саноати ангишти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025» таҳия гардида, айни замон дар баррасии Ҳукумати кишвар қарор доранд.

**Намояи 4. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар давоми солҳои 2015-2019**




Соли 2019 **ҳиссаи саноат дар сохтори ММД** 21,9 фоизро ташкил дод, ки ин дар қиёс ба солҳои 2018-2017 ва соли базавӣ мутаносибан 0,7, 4,7 ва 6,8 банди фоизӣ зиёд мебошад. Бояд қайд кард, ки зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар чор соли охир аз ҳисоби ба кор андохтани иқтидорҳои нав ва истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда таъмин шудааст, ки он ба зиёд шудани ҳаҷми **истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ** мусоидат намуд. Шумораи ҳайати истеҳсолии саноат соли 2019 ба 93,9 ҳазор нафар расид, ки дар муқоиса ба соли 2018 ва соли базавӣ мутаносибан 8,3 ҳазор нафар ва 25,9 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Аз намояи 4 дидан мумкин аст, ки дар 4 соли татбиқи барнома ҳаҷми истеҳсоли воқеии маҳсулоти саноатӣ нисбат ба нақша зиёд аст.

Ҳиссаи **коркарди нахи пахта** дар соли 2019 ба 25,6 фоиз (102,5 ҳазор тонна) расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 1 банди фоизӣ ва дар муқоиса ба соли 2015 бошад 16,1 банди фоизӣ зиёд гардидааст.

Зиёдшавии ҳаҷми коркард асосан аз ҳисоби корхонаҳои ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил», ҶСП «Ресандаи Тоҷикистон», ҶММ «Файзи Истиқлол-2011» ва ҶДММ «Хима-текстил» таъмин карда шудааст.

Дар шашмоҳаи якуми соли 2020 корхонаҳои ресандагии кишвар 8241,7 тонна ресмони пахтагин истеҳсол намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 23,3 фоиз кам буда, ин нишондиҳанда асосан аз ҳисоби корхонаи ҶСП «Ҷунтай Данғара Син Силу Текстил» (нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 24,1 фоиз кам), ҶДММ «Спитамен текстайл» (2,8 фоиз кам), ҶДММ «Хима текстил» (92,3 фоиз кам) ва ҶДММ «Нику Хуҷанд» (85,8 фоиз кам) ба вуҷуд омадааст.

Дар самти **коркарди пилла** то ҳол мушкилиҳои зиёд боқӣ мондааст, ки онҳо ба рушди соҳа монеа мешаванд. Соли 2019 **ҳаҷми коркарди пилла** 803,7 тоннаро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 18,8 тонна афзоиш ёфтааст. Нишондиҳандаи мазкур дар қиёс ба соли базавӣ 93,6 тонна кам мебошад.

Ҳамзамон ба ҳолати 1 июли соли 2020 бинобар тағйирёбии номусоиди боду ҳаво дар мавсими кирмакпарварӣ танҳо 378 тонна пилла истеҳсол гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 49,6 фоиз кам мебошад.

Соли 2019 **истеҳсоли матоҳои пахтагин** 12,6 млн. $м^2$-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 5,1 млн. $м^2$ зиёд шудааст, вале дар муқоиса ба нақшаи нишондиҳандаи пешбинишудаи барнома 17,4 млн. $м^2$ кам мебошад.

Дар нимсолаи аввали соли 2020 дар кишвар 4097,6 ҳазор метри мураббаъ газворҳо истеҳсол карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,6 фоиз зиёд аст.

Сабаби асосии коҳиш ёфтани истеҳсоли матоҳои пахтагин пеш аз ҳама бо куҳнаю фарсуда будани дастгоҳҳои истеҳсолӣ, пурра истифода нашудани иқтидорҳои мавҷуда (6 корхона) вобастагӣ дорад. Иқтидори истеҳсолии газворҳо дар кишвар танҳо 22,9 фоиз истифода гардида, барои ба пуррагӣ дар дохили кишвар коркард намудани нахи пахта то сатҳи газвори пахтагин 13 маротиба зиёд намудани иқтидори истеҳсолӣ зарур мебошад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар ҷумҳурӣ 7 адад корхонаҳои истеҳсоли қолин ва маснуоти қолинӣ ба қайд гирифта шуда, соли 2019 6 адади онҳо дар ҳаҷми 4,4 млн метри мураббаъ қолин ва маҳсулоти қолинӣ истеҳсол намудаанд, ки нисбат ба соли 2016 2,6 маротиба ё 2,7 млн метри мураббаъ зиёд аст.

Дар чор соли татбиқи барнома **истеҳсоли семент** дар корхонаҳои сементбарорӣ аз 1409 ҳазор тоннаи соли 2015 ба 4202,2 ҳазор тонна дар соли 2019 расонида шуд, ки 2793,2 ҳазор тонна зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса ба нақшаи чашмдошти барнома 1402,2 ҳазор тонна зиёд аст. Зиёдшавии семент аз ҳисоби ба фаъолият шурӯъ кардани корхонаҳои нави сементбарорӣ ва ба таҷҳизоти муосир ҷиҳозонидани корхонаҳои амалкунанда сурат гирифт (аз ҷумла соли 2019 ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Ёвон 1143 ҳазор тонна семент, ҶДММ «Ширкати

байналмиллалии истеҳсолии Чжунгтсай Моҳир семент»-и ноҳияи Ёвон 204,4 ҳазор тонна семент ва ҶДММ «Хуаксин Ғаюр семент»-и ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 1144 ҳазор тонна истеҳсол шудаанд).

Дар ҷумҳурӣ 20 корхона ба истеҳсоли семент машғул аст, ки таъминоти аҳолӣ ва талаботи соҳаҳои сохтмон ва саноатро бо сементи ватанӣ пурра таъмин намуда истодаанд.

**Истеҳсоли хишти сохтмонӣ дар** соли 2019 ба 222 млн. дона расонида шуд, ки нисбат ба соли 2018 24,1 млн. дона ва дар қиёс ба нишондиҳандаи нақшаи пешбинишудаи барнома мутаносибан 72 млн. дона зиёд мебошад.

Солҳои охир дар шаҳри Душанбе ба васлкунии автобусҳо ва троллейбусҳо, дар КВД «Талко» автомобилҳои боркашон ва дар шаҳри Ҳисор ба истеҳсоли тракторҳо шурӯъ карда шуд. Аммо зарур аст, ки истеҳсоли на кам аз 50% маҳсулоти комплектӣ дар дохили кишвар ба роҳ монда шавад.

Дар давраи миёнамуҳлаи минбаъда ҷиҳати таъмини ҳадафи чаҳорум – саноатикунонии босуръати иқтисодиёти миллӣ таваҷҷӯҳи асосӣ бояд ба ҳалли масъалаҳои зерин равона карда шавад:

- Вазъи ташвишовари қарздории корхонаҳои азими саноатӣ, ки хавфҳои фискалиро зиёд менамояд ва ба рушди соҳаҳои дахлдор монеа мегардад. Агар дар соли 2014 қарзҳои кредитории баъзе корхонаҳои азими давлатӣ 12,8 миллиард сомониро ташкил медод, пас дар соли 2019 ҳаҷми ин қарз ба 32,7 миллиард сомонӣ расида, 2,6 маротиба афзоиш ёфтааст;
- Ҳаҷми ҳоло ҳам ками коркарди ашёи хом дар кишвар. Нахи пахта то 25,5 фоиз, пилла 1,2 фоиз, ҳамзамон алюминийи аввалия то 7 фоиз ва сабзавоту мева то 3 фоиз дар дохил коркард шуда, боқимонда дар шакли ашёи хом содирот карда мешавад;
- Дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда дар давоми солҳои 2016-2019 зиёда аз 35 млрд. сомонӣ молу маҳсулот истеҳсол карда шуд, ки то андозае вобастагии бозори истеъмолиро аз воридот коҳиш дод ва дар оянда низ зиёд кардани истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда идома дода мешавад;
- Солҳои охир дар шаҳри Душанбе ба васлкунии автобусҳо ва троллейбусҳо, дар КВД «Талко» автомобилҳои боркашон ва дар шаҳри Ҳисор ба истеҳсоли тракторҳо шурӯъ карда шуд. Аммо зарур аст, ки истеҳсоли на кам аз 50% маҳсулоти комплектӣ дар дохили кишвар ба роҳ монда шавад;
- Мутобиқат накардани салоҳият ба ҳадафҳои стратегии рушди иқтисодиёт – ҳосилнокии пасти меҳнат, ҳиссаи нисбатан ками аҳолии қобили меҳнати дорои салоҳияти замонавӣ оид ба иқтисодиёти рақамӣ, менеҷмент ва бахши муҳандисӣ;
- Гарчанде ки дар кишвар 22 паркҳои технологӣ ва 4 марказҳои инноватсионӣ фаъолият менамоянд, то имрӯз онҳо дар татбиқи лоиҳаҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо ва дар истеҳсолот ҷорӣ намудани ихтироот саҳми арзанда нагузоштаанд.

## 3.2.Комплекси энергетикию сӯзишворӣ (КЭС)

Давоми солҳои 2016-2020 дар соҳаи энергетикаи кишвар барои татбиқи яке аз ҳадафҳои стратегӣ - таъмини амнияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши нерӯи барқ 16 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии қариб 2,9 млрд сомонӣ (288 млн доллар) анҷом ёфт.

Ҳоло дар соҳаи энергетика 12 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии 16,1 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодааст.

Бо талошҳои созандаи Ҳукумат ва мардуми кишвар ду агрегати аввали НБО «Роғун» мавриди истифода қарор гирифта, маҳдудияти барқ дар фасли зимистон пурра бартараф карда шуд. Истеҳсоли нерӯи барқ аз 17,2 млрд кВт соат дар соли 2015 ба 20,7 миллиард кВт соат дар соли 2019 баробар гардид.

Дар ин давра, дар доираи татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ  як адад Маркази барқу гармидиҳӣ бо иқтидори 400 МВт (МБГ-Душанбе-2), як адад нерӯгоҳи барқи обии хурд бо иқтидори 1,5 МВт (НБО-и хурди Тоҷикистон дар ноҳияи Мурғоб) ва 6 адад нерӯгоҳи барқи обии хурд бо иқтидори умумии 685 кВт, ду агрегати нави нерӯгоҳи барқии обии Сарбанд, ду адад зеристгоҳи барқии нави 220 кВ (Шаҳринав ва МОИ Данғара), 198 км хатҳои интиқоли барқи 500 кВ (дар ноҳияҳои тобеи марказ), 350 км хатҳои интиқоли барқи 220 кВ («Қайроккум - Ашт», «Қайроққум - Суғд», «Айни - Рудакӣ» ва «Геран - Румӣ»), 12,6 км хатҳои интиқоли барқи 110 кВ («Хонақо - Шаҳринав», «МБГ-2 – Шимолӣ»), 4 адад зеристгоҳи барқии нави 110 кВ («Темурмалик», «Ваҳдат», «Хонақо» ва «Радиостансия») бунёд гардида, 3 адад зеристгоҳҳои барқии 220 кВ ва 2 адад зеристгоҳҳои барқии 110 кВ таҷдиду азнавсозӣ гардиданд.

Илова бар ин, дар ин давра нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда-2» бо иқтидори 220 МВт ва ду агрегати нерӯгоҳи барқи обии «Роғун» бо иқтидори 400 МВт мавриди баҳрабардорӣ қарор дода шуданд. Ҳамзамон тибқи нақшаҳои қаблан тарҳрезигардида татбиқи воқеии лоиҳаи минтақавии «CASA-1000» оғоз карда шуда, айни замон корҳои сохтмонии он бомаром идома доранд.

Корҳо дар доираи татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии Норак, Қайроққум, Сарбанд, ҷорӣ намудани системаи ҳисоби яклухти нерӯи барқ, сохтмони шабакаҳои барқӣ дар ҷамоати деҳоти Ромит ва ҷараёни озмунҳо дар доираи лоиҳаҳои бунёди нерӯгоҳи барқи обии Себзор, Электрификатсияи деҳот, Барномаи дастгирии ҷомеаҳо ва Азнавпайвастшавӣ ба низоми энергетикии Осиёи Марказӣ идома доранд.

Ҳамчунин истифодаи самараноки захираҳои энергетикӣ ва истеҳсоли энергияи гармӣ дар марказҳои барқу гармидиҳӣ ба роҳ монда шуда, дар ин раванд зиёда аз 2200 бинову иншооти соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёти шаҳри Душанбе дар фасли тирамоҳу зимистон бо энергияи гармӣ ҳамасола таъмин карда мешаванд.

Гарчанде ҳаҷми истеҳсоли неруи барқ дар давоми солҳои сипаришуда зиёд шуда бошад ҳам, вале суръати афзоиши он соли 2019 дар қиёс ба солҳои 2017-2018 ба андозаи 0,3 банди фоизӣ ва 4 банди фоизӣ  паст шудааст, ки яке

аз сабабҳои ин гузаронидани корҳои таҷдидӣ дар НБО «Норак» ва НБО «Қайроққум» ба ҳисоб меравад. Истеҳсоли неруи барқ дар соли 2019 ҳамагӣ ба 85,9 фоизи нақшаи пешбинишудаи барнома баробар гардид.

Дар соли 2019 истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО 19,2 млрд кВт/ соатро ташкил дод, ки он дар муқоиса ба соли базавӣ 13,9 фоиз (2,4 млрд. кВт/соат) ва нисбат ба солҳои 2018-2017 бошад 4,3 ва 11,8 фоиз (ё 789,9 млн. кВт/соат ва 2,1 млрд кВт/соат) афзоиш ёфтааст. Соли 2019 истеҳсоли неруи барқ дар НБО ҳамагӣ 82,4 фоизи сатҳи нақшаи нишондиҳандаи пешбининамудаи барномаро ташкил дод. Дар ҳаҷми умумии истеҳсоли неруи барқ ҳиссаи неругоҳҳои барқии обӣ 92,8 фоизро ташкил медиҳад.

Истеҳсоли неруи барқ дар НБҲ (ТЭС) ба 1507,3 млн. кВт/соат расид, ки дар қиёс ба солҳои 2016-2018 мутаносибан 2,5 маротиба (0,9 млрд. кВт/соат), 53,6 фоиз (526,1 млн. кВт/соат), 11,9 фоиз (159,8 млн. кВт/соат) афзоиш ёфтааст. Инчунин нишондиҳандаи мазкур нисбат ба нақшаи пешбинишудаи барнома қариб 2 маротиба зиёд шудааст. Сабаби асосии чунин тамоюли мусбӣ ба кор даровардани маркази барқу гармидиҳии шаҳри Душанбе мебошад.

Дар ҷумҳурӣ аз ҷониби барқистеҳсолкунандагони мустақили кишвар истеҳсоли нерӯи барқ нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, аз ҷумла ШСХК «Барқи Тоҷик» 98,9 фоиз, ҶСК НБО «Сангтӯда-1» 85,3 фоиз, ҶСК НБО «Сангтӯда-2» 101,4 фоиз, ҶСК «Помир-Энерҷӣ» – 98,7 фоиз, ҶСК «НБО Роғун» 2,8 маротиба зиёд ва НБО-ҳои хурд 97,5 фоиз таъмин гардид.

Сабаби коҳишёбии истеҳсоли нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои низоми ШСХК «Барқи Тоҷик» ин пеш аз ҳама кам гардидани талаботи корхонаҳои саноатӣ ва коҳишёбии содироти нерӯи барқ дар нерӯгоҳҳои низомӣ ва дар ҶСК «Помир-Энерҷӣ» бошад, аз тарафи дигар сард омадани обу ҳаво дар ВМКБ (дар моҳҳои январ-феврали соли ҷорӣ) ва дар ҶСК НБО «Сангтӯда-1» мутаносибан кам харидорӣ гардидани нерӯи барқ аз ҷониби ШСХК «Барқи Тоҷик» мебошад.

Дар соли 2019 истеҳсоли нерӯи барқ ба ҳар нафар аҳолӣ 2,24 ҳазор кВт. соат/нафар ташкил дод, ки дар муқоиса ба нишондиҳандаи базавӣ (соли 2015) 220 кВт/соат зиёд аст.

Дар соли 2019 содироти неруи барқ 2814 млн. кВт.соатро ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи пешбинишудаи барнома (4311 млн. кВт.соат) 1497 млн. кВт.соат кам ва дар муқоиса ба соли базавӣ 1413,8 млн. кВт.соат зиёд мебошад. Содироти неруи барқ сол аз сол зиёд гардида, аз 1400,2 млн. кВт.соати соли 2015 ба 2814 млн. кВт.соат расонида шудааст, ки ин 2,1 маротиба аз соли базавӣ зиёд мебошад. Дар воқеъ, ба болоравии содироти барқ ба истифода додани ду агрегати НБО «Роғун» ва инчунин бунёду барқарорсозии иқтидорҳои мавҷуда мусоидат намуд.

Таҳлили истихроҷи нафт нишон дод, ки дар соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли он 23,2 ҳазор тоннаро ташкил кард, ки дар муқоиса ба соли 2018 ба андозаи 0,7 ҳазор тонна ва дар муқоиса ба нишондиҳандаи нақшавии барнома барои солҳои 2018 ва 2017 мутаносибан 9,9 ҳазор тонна кам мебошад.

Чунин ҳолат дар истихроҷи газ низ мушоҳида мегардад. Соли 2019 истеҳсоли он  730 ҳазор метри мукаабро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли гузашта 180 ҳазор метри мукааб ва дар муқоиса ба соли базавӣ бошад 3381 ҳазор метри мукааб кам мебошад. Ин нишондиҳанда дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои нақшавии барнома барои соли 2019 ва 2018 мутаносибан 3770 ва 7070 ҳазор метри мукааб коҳиш ёфтааст.

### 3.3. Бахши аграрӣ: амнияти озуқаворӣ ва таъмини дастрасӣ ба ғизои хушсифат

Соҳаи кишоварзии кишвар аз рӯи ҳисса дар маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъмини амнияти озуқаворecho ии аҳолӣ ва соҳаҳои саноат бо ашёи хом ва шумораи аҳолии дар он машғул яке аз соҳаҳои муҳими стратегии иқтисодиёти ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад.

Тавре, ки маълум аст солҳои охир дар соҳаи кишоварзӣ ба диверсификатсияи истеҳсолот тавассути ташкили кишти такрорӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва сердаромади содиротӣ, васеъгардонии майдони кишти сабзавот ва бунёди боғу токзорҳои серҳосил таваҷҷуҳи хоса зиҳир гардидааст.

Хамзамон, дар ин давра якчанд барномаҳои мақсаднок барои рушди соҳаи чорводорӣ, аз ҷумла оид ба рушди паррандапарварӣ, занбӯри асал парварӣ, зотпарварӣ ва хушзоткунии чорво, кутоспарварӣ, аспparварӣ, беҳтаргардонии ҳолати чарогоҳҳои ҷумҳурӣ ва моҳипарварӣ қабул ва амалӣ гардидаанд.

Васеъ кардани майдони кишт, ба таври пурра ва сифатнок гузаронидани тадбирҳои агротехникӣ, татбиқи амалии барномаҳои рушди бахшҳои гуногуни соҳаи кишоварзӣ имконият дод, ки ҳосилнокӣ ва ҷамъоварии намуди бештари зироатҳои кишоварзӣ зиёд карда шавад.

Ҳамчунин, саҳми соҳаи кишоварзӣ дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ назаррас арзёбӣ мешавад. Қариб 2/3 ҳиссаи корхонаҳои истеҳсолии амалкунандаи ҷумҳурӣ корхонаҳои агросаноатӣ мебошанд.

Таҳлили нишондиҳандаи сатҳи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ нишон медиҳад, ки дар ин самт дар давоми чор соли амалишавии барнома пешравиҳо мушоҳида мешаванд. Агар дар соли 2018 сатҳи механизатсиякунонидани соҳаи кишоварзӣ 52 фоизро ташкил диҳад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 ба 60 фоиз расид, ки 8 банди фоизӣ зиёд ва нисбат ба нақшаи барнома 2 банди фоизӣ кам мебошад. Дар муқоиса ба нишондиҳандаи соли 2015 (базавӣ) сатҳи механизатсия ба андозаи 10 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Барои боло рафтани ин нишондиҳанда пеш аз ҳама ворид ва мавриди истифода қарор додани таҷҳизот ва мошинолоти кишоварзӣ боис шуда метавонанд. Дар давоми чор сол танҳо беш аз 660 адад трактори нав ба кишвар ворид шудааст.

Дар раванди ислоҳот дар соҳа тибқи маълумоти оморӣ теъдоди хоҷагиҳои деҳқонӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020-ум 171,9 ҳазор ададро

ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2015 ду маротиба зиёд шуда, айни замон дар таъмини бозорҳои истеъмолии кишвар саҳми худро гузошта истодаанд.

Бахри рушди соҳаи боғу токпарварӣ дар ҷумҳурӣ майдони боғу токзор ба 199,1 ҳазор гектар расонида шуд, ки аз он 160,5 ҳазор гектар боғ (ҳосилдиҳанда 107,5 ҳазор га) ва 38,5 ҳазор гектар токзор (ҳосилдиҳанда 33,7 ҳазор га)-ро ташкил медиҳад.

Тайи солҳои амалишавии Барномаи мазкур нишондиҳандаҳои пешбинишудаи соҳа қариб пурра таъмин гардида, ҳаҷми истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанпарварӣ ва чорводорӣ зиёд гаштаанд.

Афзоиши ҷамъоварии ниҳоӣ пеш аз ҳама ба зиёд намудани майдонҳои кишт ва зиёдшавии ҳосилнокии зироатҳо алоқаманд мебошад. Ҳамчунин дар соҳаи чорводорӣ афзоиши истеҳсоли маҳсулоти асосии ғизоӣ таъмин гардид.

Бо мақсади амалӣ гардонидани ҳадафи стратегии кишвар оид ба таъмини амнияти озуқаворӣ дар ҳафт соли охир ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ аз 20 млрд сомонии соли 2013 ба 27,7 млрд сомонӣ дар соли 2019 ё 38,3 фоиз зиёд гардида, суръати рушди солонаи он ба ҳисоби миёна 5,5 фоизро ташкил дод.

**Ҷадвали 1.Ҷамъоварии зироатҳои асосии кишоварзӣ ва истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ, ҳазор тонна.**

| | | Солҳо | | Тағйирот |
|---|---|---|---|---|
| № | Номгӯй | 2015 | 2019 | **Афзоиш дар давра, %** |
| 1. | Зироатҳои гандумӣ | 1392,6 | 1414,8 | **101,6** |
| 2. | Картошка | 887,4 | 994,4 | **112,0** |
| 3. | Сабзавот | 1666,6 | 2182,5 | **131,0** |
| 4. | Маҳсулоти полизӣ | 592,4 | 701,3 | **118,4** |
| 5. | Меваҳо | 299,3 | 473,6 | **158,2** |
| 6. | Ангур | 203,8 | 247,2 | **121,3** |
| 7 | Гӯшти чорво ва мурғ | 217,7 | 272,5 | **125,1** |
| 8 | Шир | 889,0 | 1000,6 | **112,5** |
| 9 | Тухм (млн. дона) | 357,2 | 725,7 | **203,1** |
| 10 | **Асал** | **3,9** | **4,2** | **107,6** |

Дар соли 2019 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидории ҷумҳурӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 1415 ҳазор тонна, пахта 406 ҳазор тонна, картошка 994,4 ҳазор тонна, сабзавот 2182,5 ҳазор тонна, полизӣ 701,3 ҳазор тонна, мева 473,6 ҳазор тонна, ангур 247,2 ҳазор тонна, гӯшт 272,5 ҳазор тонна, шир 1000,6 ҳазор тонна, тухм 725,7 млн дона, пашм 7771 тонна, пилла 768 тонна, асал 4215 тонна ва моҳӣ ба 2749 тонна расонида шуд, ки нисбат ба соли 2015 ғалладонагиҳо 1,6 фоиз, сабзавот 31 фоиз, полизӣ 18,5 фоиз, мева 58 фоиз, ангур 21 фоиз, гӯшт 25 фоиз, шир 12,5 фоиз, тухм 2,1 маротиба ва асал 7,6 фоиз зиёд гардид.

Истеҳсоли сабзавот дар соли 2019 бо назардошти истифодаи нуриҳои минералӣ ва риояи талаботи агротехникӣ ба 2182,5 ҳазор тонна расонида шуд, ки дар қиёс ба соли 2015 31 фоиз зиёд мебошад.

Сабзавоти дар дохили кишвар истеҳсолшаванда мутобиқи меъёрҳо метавонад талаботи аҳолиро 1,8 маротиба, аз ҷумла пиёз 3,4 маротиба таъмин намояд.

Соҳаи занбӯрпарварӣ дар шароити кӯҳсори ҷумҳурӣ соҳаи сердаромад ба ҳисоб рафта, дар ҷумҳурӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ 230207 оилаи занбӯри асал парвариш ёфта истодааст. Дар соли 2019 ҳаҷми истеҳсоли асал ба 4214,6 тонна расонида шуд, ки нисбат ба соли 2015 7,6 фоиз зиёд мебошад. Истеҳсоли асал дар ҷумҳурӣ ҳамасола тамоюли афзоиш дорад, вале дар доираи захираю имкониятҳои мавҷуда содироти он чандон назаррас нест.

Бояд ба ташкили корхонаҳои бастабандӣ ва дарёфти бозорҳои фурӯш таваҷҷӯҳи бештар дода шавад.

Айни замон дар ҷумҳурӣ парвариши моҳӣ дар 321 хоҷагиҳои моҳипарварӣ, ки дорои ҳавз, кул, дарё ва обанбор мебошанд ба роҳ монда шудааст.

Дар соли 2019 2749,3 тонна моҳӣ истеҳсол шудааст, ки нисбат ба соли 2016 1,3 маротиба зиёд мебошад, вале ин танҳо 2 фоизи иқтидорҳои мавҷударо ташкил медиҳад.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсол дар соҳа аз афзоиши шумораи аҳолии мамлакат зиёдтар буда, дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ қариб аз рӯи ҳамаи навъҳои маҳсулот, ба истиснои ғалладона, дар давраи солҳои 2015 – 2019 зиёд шуд.

Арзёбии сатҳи таъмини амнияти озуқаворӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки талаботи дохилӣ ба шир ва маҳсулоти ширӣ пурра аз ҳисоби истеҳсолоти дохилӣ таъмин гардида, қонеъкунии талабот ба сабзавот ва полизӣ ҳатто аз меъёрҳои муқаррааргардидаи истеъмолӣ (қарори ҲҶТ аз 31 августи соли 2018, №451) ба андозаи 1,84 маротиба зиёдтар мебошад.

Ҳамзамон бо ин, сатҳи худтаъминкунии аҳолӣ бо нон ва маҳсулоти нонӣ, растаниҳои хӯшадор ва лӯбиёдонагиҳо - 97,4%, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 71,3%, тухм – 27,7%, мева ва буттамевагиҳо (якҷо бо ангур) – 61,6% -ро ташкил медиҳад.

Афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва воридоти маҳсулоти кишоварзӣ ва ҳамчунин, даромади аҳолӣ имкон дод, ки калориянокии ғизо ба 1 нафар (дар соли 2018 – ум 2659 ккал/нафар дар як шабонарӯз ба ҷойи 2400 ккалорияи банақшагирифташуда) зиёд карда шавад. Тамоюли мусбат вобаста ба калорияи истеъмолшаванда, сафедаҳо ва чарбу, ҳам дар шаҳрҳо ва ҳам дар деҳот ба мушоҳида мерасад ва он аз беҳтар гардидани сифати ғизоӣ аҳолӣ, аз ҷумла кӯдакони синну соли то панҷсола ва занони синну соли репродуктивӣ дарак медиҳад.

Ҳарчанд, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат дар солҳои охир дар мамлакат беҳтар шуда бошад ҳам, ҳанӯз корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан зарур мебошад. Ин пеш аз ҳама ба истифодаи самараноки заминҳо, ҳатто заминҳои наздиҳавлигӣ ва хоҷагиҳои ёрирасон, беҳтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳо, ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои нав, риояи қоидаҳои агротехникаи парвариши зироатҳо, бунёди гармхонаҳо

ва сардхонаҳои муосир, таъмини хоҷагиҳо бо тухмии репродуксионии сифати баланд, таъмини онҳо бо техника ва нуриҳои минералӣ ва ташкили маҷмааҳои агросаноатӣ ҷиҳати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ вобастагӣ дорад.

**Ҷадвали 2. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ғизоии соҳаи кишоварзӣ ба ҳар нафар аҳолӣ, кг.**

| | 2015 | 2019 | Афзоиши миёнаи солона (дар солҳои 2016-2019),% | 2020 - арзёбӣ (ҳангоми нигоҳ доштани динамикаи афзоиш) |
|---|---|---|---|---|
| Ғалладона | 162,9 | 151,8 | -1,5 | 149,5 |
| Картошка | 103,8 | 106,7 | 1,5 | 108,2 |
| Сабзавот | 194,9 | 234,1 | 4,8 | 245,2 |
| Маҳсулоти полизӣ | 69,3 | 75,2 | 2,1 | 76,8 |
| Меваҳо | 35,0 | 50,8 | 9,9 | 55,8 |
| Ангур | 23,8 | 26,5 | 2,7 | 27,2 |
| Гӯшти чорво ва мурғ | 25,5 | 29,2 | 3,5 | 30,3 |
| Шир | 104,0 | 107,3 | 0,8 | 108,2 |
| Тухм | 41,8 | 77,9 | 19,6 | 93,1 |
| Асал | 0,5 | 0,5 | 0,1 | 0,5 |

Ҳамзамон ноброборории гендерӣ дар дастрасӣ ба захираҳои истеҳсолшаванда дар соҳаи кишоварзӣ ва музди меҳнат ҳануз ҳам ба назар мерасад.

Ба ғайр аз ин, дар доираи Барномаи ташкил ва барқарорсозии таҷҳизотҳои сардкунанда барои нигоҳ доштани маҳсулоти кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015 – 2019 танҳо дар соли 2018 – ум 33 анбор бо ғунҷоиши 4996 тонна ва 16 анбор бо ғунҷоиши 2235 тонна сохта ба истифода дода шудааст. Ҳамагӣ дар зарфи 4 соли татбиқи Барнома 188 анбор бо ғунҷоиши 223384 тонна сохта ба истифода шудааст.

Ҷиҳати татбиқи Барномаи рушди боғпарварӣ ва ангурпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020 дар давоми солҳои 2016-2019 2674 га. боғ (97,3% аз сатҳи пешбинишуда) ва 195 га токзорҳо (44,1%), 193 га боғҳои интенсивӣ (182,3%) бунёд карда шуда, 2197 га боғҳои кӯҳна (2,2 маротиба) ва 3 га замини таҳти ситрусҳо (6,3%) барқарор карда шуданд.

Аз худ намудани воситаҳои молиявии дар доираи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ дар давоми солҳои 2016-2019 ба соҳаи кишоварзӣ ҷудошуда 1,1 миллиард сомонӣ (111,1 млн. доллари ИМА) – ро ташкил намуда, фоизи азхудкунии маблағҳои ҷудогардида ба 38,8 фоиз баробар мебошад.

Дар давоми чор соли охир ба соҳаи кишоварзӣ 820 миллион сомонӣ (81,9 млн. доллари ИМА) сармояи мустақими хориҷӣ (аз он ҷумла дар соли 2016 – 34,3 млн. дол. ИМА, соли 2017 – 17,9 млн. дол. ИМА ва дар соли 2018 – 29,7 млн. дол. ИМА) ҷалб карда шудааст.

Дар натиҷа шумораи техникаҳои кишоварзӣ, аз ҷумла шумораи тракторҳо қариб 3 маротиба (аз 9197 адад то 27134 адад) ва комбайнҳои ғалладарав 2,7 маротиба (аз 375 адад то 1024 адад), шумораи тракторҳои ядакдор (қариб 2 маротиба), тракторҳои алафдарав (2,7 маротиба), тухмпошакҳо (15,4 маротиба), сипорҳо (3,4 маротиба) ва нармкунанда (25%) зиёд шудаанд. Бо вуҷуди ин, микдори мошинҳои чиниши пахта ва ҷамъоварандаи кӯрак мутаносибан 26,8% ва 45,7% коҳиш ёфтааст.

Умуман дар мамлакат ҳамагӣ 85 истгоҳи мошину тракторҳо (ИМТ) мавҷуданд, ки ҳамагӣ 786 трактор, 27 комбайн ва 2228 автомашина доранд.

Меҳвари асосии баланд бардоштани маҳсулнокии соҳаи кишоварзӣ – ин рушди низоми обёрӣ ва беҳдошти замин ба ҳисоб меравад. Дар БМР 2016-2020 ба сифати заминаи асосии нигоҳ доштани ҳолати хуби мелиоративии заминҳои корам ва таъмини амнияти озуқаворӣ, шуғли аҳолии деҳот ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии аҳолии деҳот устувории инфрасохтори обёрӣ ва заҳбурҳо муайян карда шудааст.

Дар ин радиф доир ба таъмин кардани аҳолии кишвар бо оби босифати нӯшокӣ ва обёрии заминҳои кишоварзӣ дар доираи Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 як силсила корҳо анҷом дода шуданд.

Аз ҷумла, дар ин самт дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд 52 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ дар ҳаҷми 7,8 миллиард сомонӣ татбиқ шуда истодаанд.

Дар давраи солҳои 2016–2019 дар чараёни амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба беҳтар намудани инфрасохтори обёрӣ ва беҳтар намудани ҳолати мелиоративии замин корҳо дар самти тоза намудани заҳбурҳо дар ҳаҷми 5899 ҳазор метри кубӣ ва таъмири қубурҳои калони обтаъминкунӣ дар ҳаҷми 10206 метри кубӣ, инчунин таъмири 2124 адад иншооти гидротехникӣ, таъмири 250 воҳид насосҳои пойгоҳҳои обкашӣ ва 697 адад агрегатҳои обкашӣ иҷро гардиданд. Ҳаҷми корҳои иҷрошуда ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда наздик аст.

Айни замон 6 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ бо арзиши 1,6 миллиард сомонӣ (165515 ҳазор доллари ИМА, ки аз он саҳми шарикони рушд 157444 ҳазор доллари ИМА ва саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 8071 ҳазор доллари ИМА – ро ташкил медиҳад) иҷро шуда истодаанд. Дар ин давра ҳолати мелиоративии 285 ҳазор га заминҳои обёришаванда беҳтар карда шуд, ки 37 фоизи майдони заминҳои обёришавандаи мамлакатро дар бар мегирад. Азхудкунии заминҳои нав дар давраи солҳои 2016–2019 аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузоришаванда 1016 гектарро ташкил дод.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муҳайё намудани замимаи ҳуқуқӣ «Барномаи ислоҳоти бахши об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2025»–ро ба тасвиб расонид, ки вазифаҳо ва чорабиниҳои ин Барнома бо татбиқи ҳадафҳои рушди устувор алоқамандии зич доранд. Дар ин самт заминаҳои ҳуқуқӣ таҳким бахшида шуд, аз ҷумла, Қонуни ҶТ «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва гардиши об», Кодекси оби Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар таҳрири нав, лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон» «Дар бораи ассосиатсияҳои истифодабарандагони об», «Барномаи ислоҳоти бахши об дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2025», лоиҳаи «Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030» қабул карда шуданд. Инчунин 4 гурӯҳи кории ҳавзаҳои дарёҳо, аз он ҷумла дар минтақаҳои ҳавзаҳои дарёҳои Сир, Зарафшон, Панҷ ва Кофарниҳон таъсис дода шуда, махзани захиравӣ барои кори самараноки онҳо ташкил ёфт.

Дар давраи миёнамуҳлати минбаъдаи рушд ҷиҳати рушди соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ андешидани тадбирҳо дар чунин самтҳои афзалиятнок мувофиқи мақсад мебошанд:

1 Бо назардошти меъёрҳои истеъмоли озуқаворӣ аз ҷониби аҳолӣ тибқи стандартҳои тиббӣ, истифодаи оқилонаи потенсиал ва нигоҳ доштани самти содиротии бахши кишоварзӣ, афзоиши назарраси ҳаҷми истеҳсолот ва дигаргуниҳои назарраси сохториро тақозо менамоянд.

2. Мониторинги амнияти озуқаворӣ тибқи меъёрҳои сатҳи ҳадди ақкал ва муҳимтарини истеъмол, аз ҷумла сатҳи ҳадди ақкали миқдор ва номгӯи хӯрок, таркиби ғизо ва кофӣ будани нерӯнокӣ амалӣ карда шавад.

3. Таъмини рушди устувори соҳаи кишоварзӣ андешидани тадбирҳоро дар ду самт талаб менамояд. Якум, амалигардонии сиёсати кишоварзии ҳавасмандкунанда барои афзоиши истеҳсоли маҳсулоти соҳа ҷиҳати дар сатҳи зарурӣ қонеъ намудани талабот ба ғизо аз рӯи меъёрҳои асосноккардашудаи илмӣ. Дуюм, таъмини қобилияти пардохтпазирии аҳолӣ барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани талабот ба ғизои хушсифат.

4. Гузариши ҳатмӣ аз истифодаи технологияи сермасраф ва каммаҳсул ба технологияи каммасраф ва агротехникаи пурмаҳсул дар истеҳсолоти кишоварзӣ.

5. Ташкили иқтидорҳои истеҳсолӣ бо мақсади коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва ташкили низоми захира намудани он бо истифода аз технологияҳои муосир, ки дар шароити буҳронҳои шадиди ҷаҳонӣ кишварро эмин нигоҳ медорад. Ҳамзамон ташкили маҷмааҳои агросаноатӣ дар кишвар, ки маҳсулоти рақобатпазирро истеҳсол менамоянд.

6. Тақвияти чораҳо дар самти таъмини баробарии гендерӣ барои дастрасӣ ба захираҳои кишоварзӣ.

Дар шароити хуруҷи COVID-19 ва паёмадҳои манфии он аз нуқтаи назари стратегӣ тақвияти кӯшишҳо барои таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар махсусан муҳим мебошад. Дар шароити пандемия, захираҳои дохилии кишвар аҳамияти баланд пайдо мекунанд ва мувофиқан, бояд таваҷҷӯҳи бештар ба ташаккул ва истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсоли маводи ғизоии ватанӣ дода шавад.

### 3.4. Инфрасохтори нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ

Соҳаи нақлиёт дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти кишвар мавқеи муҳим дошта, яке аз соҳаи афзалиятнок ба ҳисоб меравад. Ҳадафи асосии соҳа раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари

транзитӣ буда, барои ноил шудан ба он дар доираи ду ҳуҷҷати стратегии қабулгардида (СМР-2015 ва СМР-2030) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои мушаххас андешида шудааст.

Бо мақсади баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва тақвият додани имкониятҳои транзитии кишвар  дар тӯлӣ чор соли амалишавии БМР 2016-2020 дар баробари афзоиши маблағгузорӣ ба дигар соҳаҳо, ҳамчунин сармоягузорӣ барои бунёду барқарорсозӣ, таъмиру нигоҳдории роҳҳо ва харидории намудҳои нақлиёти истифодаи умум низ зиёд шудааст. Афзоиши ҳаҷми маблағгузорӣ ба соҳаи нақлиёт аз амалишавии тадбирҳои пешбинишуда шабоҳат медиҳад.

Умуман, дар доираи БМР 2016-2020 барои рушди нақлиёти автомобилӣ амалӣ шудани чунин чорабиниҳо, аз ҷумла  рушди нақлиёти ҷамъиятӣ, таъсиси марказҳои логистикии аҳамияти ҷумҳуридошта, бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ, харидории воситаҳои нақлиёт барои ҳамлу нақли байналмилалӣ, таҳкими парки автобусҳо троллейбусҳо ва зеристгоҳҳо дар шаҳрҳои калон ба нақша гирифта шудааст.

Барои амалӣ шудани чорабиниҳои пешбинишуда таҷдиди роҳҳои мошингарди Восеъ-Ховалинг (88 км) ба маблағи 37,6 млн. дол. ИМА, Сайрон-Қарамиқ (89 км) ба маблағи 12,4 млн. дол. ИМА, Хуҷанд-Исфара (74,4 км) ба  маблағи 54,0 млн. долл. ИМА), Кангурт-Балҷувон-Ховалинг (23 км ва 20,4 км) ба маблағи 16,5 млн. дол. ИМА, Душанбе-Ҳисор тавассути шаҳраки Айнӣ (6,7 км) ба маблағи 4 млн. дол. ИМА ба анҷом расонида шуд.

Дар воқеъ, таҷдиди роҳи мошингарди Восеъ-Ховалинг ва Сайрон-Қарамиқ ба афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ мусоидат намуд. Соли 2019, тавассути роҳи мазкур 25,1 ҳазор тонна бор ва 35,7 ҳазор нафар мусофир интиқол ёфтааст, ки дар муқоиса ба соли 2017 мутаносибан 5,9 фоиз, 5,3 фоиз ё 1,4 ҳазор тонна бор ва 1,8 ҳазор нафар мусофир зиёд мебошад. Ҳамзамон, шиддатнокии ҳаракати воситаҳои нақлиёт аз рӯи намуди нақлиёт дар роҳи мошингарди Восеъ-Ховалинг дар ду соли охир 19,5 фоиз аз 13200 адади  соли 2017 ба 15768 адад дар соли 2019 ва дар роҳи Сайрон-Қарамиқ 11,5 фоиз аз 6958 адад ба 7757 адад зиёд шудааст. Зиёд шудани ҳаракати ҳамаи намуди мошинҳо дар роҳи Восеъ-Ховалинг ва Сайрон-Қаромиқ  аз ҳолати хуби роҳ шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин,  таҷдиди роҳҳои мазкур ба коҳиш ёфтани хароҷоти зиёдатии сӯзишвории масрафшудаи автомобилҳои дар ин самт ҳаракаткунанда мусоидат намуд.

Таҷдиди роҳҳои мошингарди Хуҷанд-Исфара, Кангурт-Балҷувон-Ховалинг ва  Душанбе-Ҳисор тавассути шаҳраки Айнӣ дар соли 2019 мавриди истифодабарӣ қарор гирифтанд.

Ҳамзамон, дар соли 2019 барқарорсозии қитъаи 347-ум км роҳи автомобилгарди Душанбе – Кулма (мавзеи Ширговади ноҳияи Дарвоз) ба маблағи 20 миллион сомонӣ (2,0 млн. Доллар), ки дар натиҷаи офати табиӣ зарар дида буд, барқарор карда шуд.

Давоми солҳои 2017-2019 барқарорсозии роҳи мошингарди Душанбе-Бохтар  (94 км) ба маблағи 1,4 млрд сомонӣ (136,8 млн доллари ИМА) ва

қисмҳои боқимондаи таҷдиди роҳи мошингарди Хуҷанд-Исфара (4,7 км) ба маблағи 370 млн сомонӣ (36,9 млн доллари ИМА), Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ӯзбекистон қисматҳои ҳайкали Абуалӣ ибн Сино то дарвозаи ғарбии шаҳри Душанбе, чорроҳаи сесатҳа дар маҳаллаи 82-и пойтахти кишвар ба маблағи 370 млн сомонӣ (36,4 млн. доллари ИМА), сохтмони роҳи мошингарди Кӯлоб-Қалаихумб, мавзеи Кӯлоб-Ш.Шоҳин ва Шкев-Қалаихумб (бо дарозии 32 км ва 26 км) ба маблағи 660 млн сомонӣ (65,6 млн доллари ИМА) ва Қурбоншаҳид-Темурмалик (31,8 км) ба маблағи 240 млн сомонӣ (24,0 млн доллари ИМА) оғоз гардида, ҳоло сохтмони онҳо босуръат идома доранд.

Дар самти рушди нақлиёти ҷамъиятӣ танҳо дар солҳои 2017-2019 дар шаҳри Душанбе беш аз 364 адад автобуси тамғаи гуногун ба маблағи зиёда аз 310 млн сомонӣ (28,0 млн. евро) ворид карда шуд. Инчунин, ҷиҳати харидорӣ намудани 300 адад автобус ба маблағи 260 млн сомонӣ (23,6 млн евро) ва 2000 адад автомобили сабукрави таксии тамғаи «Пежо» Ёддошти тафоҳум ба маблағи 230 млн сомонӣ (21,1 млн. евро) ба имзо расидааст (ҳоло 30 адад автобус ва 176 адад автомобили сабукрави тамғаи «Пежо» ворид шудааст). Дар дигар шаҳрҳои калони ҷумҳурӣ низ автобус ва таксиҳо харидорӣ карда шудаанд.

Инчунин, барои нигоҳдории роҳҳо дар ВМКБ, вилоятҳои Суғд, Хатлон ва водии Рашт 304 адад таҷҳизоту техника ба маблағи 255 млн сомонӣ (25,2 млн доллари ИМА) ва барои боркашонии байналмилалӣ 1528 адад автомобили боркаш ба маблағи 220 млн сомонӣ (21,9 млн доллари ИМА) харидорӣ карда шудааст.

Бунёд ва таҷдиди роҳҳо тибқи талаботи меъёрҳои байналмилалӣ дар дохили кишвар боиси беҳтар шудани сифати роҳҳои автомобилӣ гардид, ки дар натиҷа Тоҷикистон аз рӯи рейтинги кишварҳои собиқ Шӯравӣ мавқеи худро нисбат ба соли 2018 ба 20 банд паст намуда, аз зинаи 90 ба зинаи 70 ҷойгир шуд.

**Ҷадвали 3. Рейтинги ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ аз рӯи сифати роҳҳо миёни 141 давлати ҷаҳон**

| № | Номгӯй | 2018 с | 2019 с. | | ⬇⬆ |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Озарбойҷон | 36 | 27 | 9 | ⬆ |
| 2. | Литва | 37 | 39 | 2 | ⬇ |
| 3. | Эстония | 38 | 42 | 4 | ⬇ |
| 4. | Тоҷикистон | 70 | 50 | 20 | ⬆ |
| 5. | Гурҷистон | 82 | 81 | 1 | ⬆ |
| 6. | Арманситон | 85 | 91 | 6 | ⬇ |
| 7. | Қазоқистон | 115 | 93 | 22 | ⬆ |
| 8. | Латвия | 107 | 95 | 12 | ⬆ |
| 9. | Россия | 114 | 99 | 15 | ⬆ |
| 10. | Қирғизистон | 122 | 113 | 9 | ⬆ |
| 11. | Украина | 130 | 114 | 16 | ⬆ |
| 12. | Молдова | 128 | 129 | 1 | ⬇ |
| 13. | Туркманистон | - | - | | |
| 14. | Узбекистон | - | - | | |
| 15 | Белоруссия | - | - | | |

Соли 2019 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи рейтинги сифати роҳҳо дар муқоиса ба Шоҳигарии Белгия, Ҷумҳурии Ирландия, Италия ва Лаҳистон мавқеӣ худро баланд бардошта, бо Норвегия, Зеландияи Нав, Ҳиндустон ва Африқои Ҷанубӣ дар як сатҳ, яъне 4,5 хол (тибқи нишондиҳандаи байналмилалии Индекси сифати роҳҳо аз 1 то 7 хол арзёбӣ мегардад (1 баъд ва 7 олӣ) қарор гирифтааст.

**Сохтмони терминалҳои наздисарҳадӣ**. Дар доираи тадбирҳои пешбинишудаи барнома терминалҳои наздисарҳадии байналмилалии боркашонӣ дар ноҳияҳои Мурғоби ВМКБ, Қарамиқи ноҳияи Лахш, шаҳри Душанбе, ҶДММ «Дустӣ» дар шаҳри Турсунзода ба маблағи 150 млн сомонӣ (15,0 млн доллар) сохта ба истифода дода шуд. Ҳоло сохтмони терминалҳои наздисарҳадии «Саразм» дар шаҳри Панҷакент, «Патар» ва «Равот» дар шаҳри Конибодом, «Навбунёд» дар ноҳияи Ашт, «Куштегирмон” дар ноҳияи Спитамен, «Зафаробод», «Ҳавотог» ва «Ҳаштяк» дар ноҳияи Зафаробод идома доранд.

Бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ ба афзоиши ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ мусоидат намуд.

**Ҷадвали 4. Ҳаҷми боркашонӣ тавассути терминалҳои наздисарҳадӣ дар давоми солҳои 2015-2019 (ҳаз. тон./сол. бор)**

| Индикатор | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2019 нисбат ба соли 2015 % (- +) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми боркашонӣ тавассути терминалҳои наздисарҳадӣ | 1126481 | 941321 | 1345237 | 1563472 | 2001582 | 177,7 |
| аз ин, воридот | 814272 | 580325 | 681610 | 887768 | 911755 | 112,0 |
| содирот | 231793 | 311045 | 611988 | 620160 | 1080370 | 466,1 |
| транзит | 80416 | 49951 | 51639 | 55544 | 9457 | 11,8 |

Агар дар соли 2015 тавассути терминалҳои наздисарҳадӣ бо назардошти транзит 1126,5 ҳазор тонна бор кашонида шуда бошад, пас дар соли 2019 ҳаҷми боркашонӣ бо назардошти транзит ба 2001,5 ҳазор тонн расонида шудааст, ки ин дар муқоиса ба соли 2015 ба андозаи 875,1 ҳазор тонна ё 77,7 фоиз зиёд аст. Инчунин, боркашонии воридотию содиротӣ низ ба андозаи 90,4 фоиз зиёд шуда, аз 814,3 ва 231,8 ҳазор тоннаи соли 2015 ба 911,7 ва 1080,4 ҳазор тонна дар соли 2019 расонида шуд.

Афзоиши ҳаҷми боркашонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки хизматрасониҳо дар ин самт беҳ шуда, бехатарии ҳаракат таъмин гардидааст ва дар натиҷа мӯҳлати расонидани борҳо кӯтоҳ гардидааст.

Ба ҳисоби миёна ҳаҷми боркашонӣ тавассути терминалҳои наздисарҳадӣ дар чор соли охир 20,8 фоиз афзоиш ёфтааст.

**Рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан**. Дар доираи ноил шудан ба рушди инфрасохтори нақлиёти роҳи оҳан қитъаи Ваҳдат-Ёвон” ба

масофаи 40,7 км ба маблағи 1,3 млрд сомонӣ (130,0 млн доллар) бунёд гардидааст. Дар натиҷа соли 2019 тавассути роҳи мазкур 320,2 ҳазор тонна бор ва 46,7 ҳазор мусофир кашонида шудааст.

Дар давоми чор соли охир барои таъмири роҳи оҳан (аз ҷумла, корҳои ивазкунӣ ва бардоштани релсҳо) беш аз 215,0 млн сомонӣ маблағ харҷ шуда, зиёда аз 486 км роҳ таъмир гардидааст, ки аз 174 км ба маблағи 94,8 млн сомонӣ ба солҳои 2016-2019 рост меояд.

Бо мақсади ба кишвари транзитӣ табдил додани ҷумҳурӣ лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар самти нақлиёти роҳи оҳан, аз ҷумла сохтмони роҳи оҳани минтақавии Чин – Қирғизистон – Тоҷикистон – Афғонистон – Эрон ва Тоҷикистон – Афғонистон – Туркманистон, дархости лоиҳавии «Сохтмони роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ-Ҷайҳун-Панҷи Поён» сарҳади Афғонистон таҳия ва расмиёти дахлдор ҷиҳати ба имзорасонии онҳо ба анҷом расонида шуд ва барои ҷалби маблағгузорӣ ба шарикони рушд пешниҳод гардидаанд.

Ҳамзамон 30 декабри соли 2019 Созишнома байни Ҳукумати ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Исломии Афғонистон оид ба сохтмони роҳи оҳани Ҷалолиддини Балхӣ (Колхозобод) – Ҷайҳун - Панҷи Поён (Тоҷикистон) - Шерхон Бандар (Афғонистон) ба имзо расид.

Дар заминаи барқарор шудани муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолияти 8 гузаргоҳи сарҳадии қаблан аз фаъолият бозмонда, аз нав барқарор шуданд. Инчунин, дар ин самт қитъаи роҳи оҳани Бохтар-Термиз тавассути нуқтаи гузариши байнидавлатии Амузанг-Ғалаба ифтитоҳ гардид.

Дар натиҷа интиқоли бору мусофирон дар самти байналмилалӣ тариқи 18 гузаргоҳи сарҳади давлатӣ ба роҳ монда шуд.

Дар ин давра 3 адад локомотиви манёврӣ ба маблағи 40 млн сомонӣ (4 млн доллари ИМА), 5 адад локомотиви шоҳроҳӣ ба маблағи 232 млн сомонӣ (23,2 млн доллари ИМА), 450 вагони гуногуни борашонӣ, 15 вагони мусофирбар ва 2 вагон тарабхона ба маблағи 300 млн сомонӣ (29 млн. доллари ИМА) харидорӣ шудааст.

Ба дастовардҳои ноилшуда нигоҳ накарда ҳолати воқеии парки воситаҳои ҳаракаткундаи КВД «Роҳи оҳани Тоҷикистон» дар ҳолати мураккаб қарор дошта, 58 фоизи вагони боркаш, 70 фоизи вагони мусофирбар ва 34 фоизи локомотивҳои муассисаи мазкур фарсуда ва муҳлати истифодабариашон ба итмом расидааст. Инчунин, дар соҳаи нақлиёти роҳи оҳан чунин мушкилиҳо ба назар мерасанд. Аз ҷумла:

- мавҷуд набудани марказҳо ва инфрасохтори логистикии ҷавобгӯи талаботи муосир;
- ба охир расидани муҳлати истифодабарии парки вагонҳои боркаш ва локомотивҳои дар соҳаи роҳи оҳан;
- татбиқ намдани лоиҳаҳои бунёди хатҳои роҳи оҳани таъминкунандаи робита бо баъзе кишварҳои ҳаммарз ва пайвастшавӣ бо роҳҳои оҳани транзитӣ;

**Рушди инфрасохтори авиатсияи гражданӣ.** Барои расидан ба ҳадафи мазкур сохтмони терминали боркашонӣ дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ба маблағи 210 млн сомонӣ (20,7 млн. доллари ИМА) сохта ба истифода дода шуд. Дар доираи азнавсозии фурӯдгоҳи шаҳри Қурғонтеппа аз ҳисоби маблағҳои худи фурӯдгоҳ корҳои азнавсозӣ ба маблағи 13,6 млн сомонӣ ва барои таъмири капиталии хати парвози тайёраҳо дар фурудгоҳи шаҳри Кӯлоб бошад тайи солҳои 2013-2018 беш аз 36,0 млн сомонӣ маблағ сарф карда шудааст.

Ҷиҳати рушди инфрасохтори авиатсияи гражданӣ дар давоми даҳ соли охир беш аз 1,2 млрд сомонӣ (120,0 млн. доллар) масраф шудааст. Дар ин давра, сохтмони терминали байналмилалӣ дар ш. Душанбе ба маблағи 520 млн сомонӣ (51,6 млн доллар) (ба иқтидори хизматрасонии 500 нафар дар як соат), харидории ҳавопаймоҳо (тариқи лизинг) 8 адад Боинг, 1 адад ҳавопаймои МА-60 ба маблағи 530 млн сомонӣ (52,5 млн доллар), 1 чархболи Н-125 ба маблағи 30 млн сомонӣ (3 млн доллар), азнавсозии дастгоҳҳои аэронавигатсионӣ аз ҷумла таҷҳизоти рақамии «СМАРТ-Т», ҷойи кории автоматикии «Мастер», сохтмони Маркази Идораи ҳаракати ҳавоӣ ба маблағӣ 16 млн сомонӣ (15,8 млн доллар) насб карда шуд.

Чорабиниҳои андешидашуда дар самти рушди инфрасохтори авиатсияи гражданӣ имконият дод, ки ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ дар фурудгоҳи шаҳри Душанбе мутаносибан 1,0 ва 1,1 фоиз, шаҳри Хуҷанд 13,0 ва 2,0 фоиз зиёд шавад.

**Ҷадвали 5. Маълумот оид ба ҳаҷми боркашонӣ ва мусофирбарӣ бо ҳамаи намудҳои нақлиёт**

| Нишондиҳанда | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 (фаврӣ) | 2019 нисбат ба 2015 (%) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми боркашонӣ, млн тонна | 59,3 | 74,4 | 84,1 | 84,1 | 89,6 | 80,1 | 107,7 |
| Гардиши бор млн тонна-км | 5995,5 | 5995,5 | 5515,3 | 6094,1 | 6516,8 | 7537,6 | 125,7 |
| Ҳаҷми мусофирбарӣ, млн мусофир | 539,5 | 564,5 | 572,9 | 594,7 | 614,5 | 671,5 | 118,9 |
| Гардиши мусофирон млн. мусофир-км | 9036,1 | 9230,1 | 9148,0 | 9308,8 | 9477,2 | 9250,0 | 100,2 |

Амалӣ шудани чорабиниҳо барои ноил шудан ба ҳадафи стратегии кишвар (раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва табдил ба кишвари транзитӣ) ва ҳадафи асосии соҳа (ҳамгироии долонҳои нақлиётии фаромарзӣ ва миллӣ, тараққӣ додани шабакаҳои телекоммуникатсионӣ*)* мусоидат намуд.

Барои пайгирӣ намудани раванди иҷрои масъалаҳои марбут ба нақлиёт дар БМР 2016-2020 ду нишондиҳандаи асосӣ, ки хусусияти фаъолияти

иқтисодии соҳаро тавсиф менамояд, яъне гардиши бор ва гардиши мусофир муайян шудааст. Ин нишондиҳандаҳо ҳамчунин ба индикаторҳои Ҳадафҳои рушди устувор тааллуқ доранд.

Соли 2019 дар муқоиса ба соли 2015 афзоиши ҳаҷми гардиши бор 1,5 млн тонна/км (7,5 млн т/км нисбат ба 6,0 млн т/км) ва гардиши мусофир 0,1 млн мусофир км (9,3 нисбат ба 9,2 млн мусофир км) зиёд шудааст. Боло рафтани ҳаҷми гардиши бор ва гардиши мусофирон дар муқоиса ба нишондиҳандаҳои базавӣ аз бунёди долонҳои нақлиётии ба талаботи муосир ҷавобгӯй, кушодани хати роҳи оҳани Тоҷикистон-Ӯзбекистон ва кушодани хатсайрҳои нави ҳавоӣ шабоҳат медиҳад.

Ба ҳисоби миёна дар давоми чор соли амалишавии БМР 2016-2020 ҳаҷми боркашонӣ 7,7 фоиз, гардиши бор 25,7 фоиз, ҳаҷми мусофирбарӣ 18,9 фоиз ва гардиши мусофирон 0,2 фоиз зиёд шудааст. Вале нишондиҳандаи гардиши мусофирон аз нишондиҳандаи муқаррарнамудаи БМР 2016-2020 паст мебошад.

Вазифаҳои аввалиндараҷаи рушди нақлиёт, ки оянда низ ҳаллу фасли ҷиддиро тақозо менамоянд, инҳо мебошанд:

- ташаккул ва рушди долонҳои нақлиётӣ бо мақсади таъмини баромадан ба бандарҳои баҳрӣ;
- ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ мутобиқ намудани тамоми объектҳои нақлиётӣ ва марказҳои логистикӣ бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми боркашонӣ ва мусофиркашонӣ;
- навкунии тамоми намуди нақлиёт ва паст кардани хароҷотҳои барзиёди соҳаи нақлиёт;
- таъмини алоқаи нақлиётӣ миёни шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар тамоми сол;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи инфрасохтори нақлиётӣ.

Иқтидори иттилоотию коммуникатсионӣ

Баромад аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳамчунин бо тавсеаи шабакаҳои он алоқамандӣ дорад. Дар СМР 2030 муайян карда шудааст, ки дастрасии дилпурона ба интернет ва хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ дар раванди расонидани хизматрасониҳои ҷамъиятӣ ва идоракунии самараноки давлатӣ нақши муҳим хоҳад бозид.

Барои ин кор дар СМР 2030 чунин нишондиҳандаи мақсаднок ба мисли тақвияти рақобатпазирии бозори ватанӣ ва тавсеаи минбаъдаи он дар сатҳи мамлакатҳои Осиёи Марказӣ тавассути азхудкунии иқтидори транзитии телекоммуникатсионӣ ҷорӣ карда шудааст. Дар БМР 2016-2020 рушди минбаъдаи шабакаҳои телекоммуникатсионӣ ҳамчун ҳадафи миёнамуҳлати рушд муайян карда шуда, тавсеаи дастрасӣ ба хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ ҳамчун авлавияти рушд муқаррар гардидаанд.

Аз рӯи маълумоти дар ҷадвали 6 овардашуда дар раддабандӣ ва шохисҳои байналмилалӣ оид ба ҳукумати элекронӣ ҷумҳурӣ дар ҷойи на чандон баланд дар муқоиса ба давлатҳои Осиёи Марказӣ қарор дорад. Дар

соли 2018 Тоҷикистон тибқи рейтинги байналмилалӣ ва шохиси рушди ҳукумати электронӣ мавқеи худро нисбат ба соли 2016 ба 8 банд баланд кард.

**Ҷадвали 6. Раддабандии байналмилалӣ ва шохисҳои рушди ҳукумати электронӣ дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ**

| Солҳо | Қирғизистон | Қазоқистон | Тоҷикистон | Туркменистон | Ўзбекистон |
|---|---|---|---|---|---|
| | Рейтинг (ҷой) | | | | |
| 2016 | 97 | 33 | 139 | 140 | 80 |
| 2018 | 91 | 39 | 131 | 147 | 81 |
| | Шохис | | | | |
| 2016 | 0,4969 | 0,7250 | 0,3366 | 0,3337 | 0,5433 |
| 2018 | 0,5835 | 0,7579 | 0,4220 | 0,3652 | 0,6207 |
| | Хизматрасониҳои озод | | | | |
| 2016 | 0,4275 | 0,7681 | 0,1232 | 0,0870 | 0,6884 |
| 2018 | 0,6458 | 0,8681 | 0,3403 | 0,1319 | 0,7917 |
| | Зерсохтори телекоммуникатсионӣ | | | | |
| 2016 | 0,3123 | 0,5668 | 0,1866 | 0,2559 | 0,2463 |
| 2018 | 0,3418 | 0,5723 | 0,2254 | 0,3011 | 0,3307 |
| | | | | | |
| 2018 | +6 | -6 | +8 | -7 | -1 |

**Алоқа.** Дар Тоҷикистон зиёда аз 95 фоизи минтақаҳои аҳолинишин ба алоқаи мобилӣ дастрасӣ доранд. Шумораи умумии муштариёни алоқаи мобилӣ беш аз 12 млн. нафар (аз ин 6,8 млн. нафари он муштариёни фаъол мебошанд, ки ба ҳар 100 нафар шаҳрванди ҷумҳурӣ 78 адад телефони фаъол рост меояд). Шумораи муштариёни интернет 2,9 млн нафар ва шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ 6,7 млн нафар мебошанд.

### 3.5. Бахши молиявӣ

Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳот дар бахши молиявӣ дар солҳои 2016-2019 ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи чораҳои солимгардонӣ нисбат ба ташкилотҳои қарзӣ, бахусус бонкҳои муаммодор, инчунин рушди бозори коғазҳои қиматнок, таъмини муътадилии бозори дохилии асъор, тақвият бахшидани системаи мониторинги хавфҳо як қатор корҳо ба анҷом расонида шуда, вазъи низоми бонкии кишвар давра ба давра беҳтар гардида истодааст.

Бахусус бо мақсади муайян намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоӣ - нигоҳ доштани сатҳи муътадилии нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат «Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020» таҳия гардида татбиқ шуда истодааст.

Стратегияи мазкур густариши ислоҳоти институтсионалӣ, таҳкими фишангҳо ва вусъатдиҳии дараҷаи таъсирбахшии онҳо, марҳила ба марҳила ташкили фазои мусоид ва заминаи устувор барои гузариш ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррумро пешбинӣ менамояд.

Бо мақсади таъмини истифодаи самараноки воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ, дастгирии ташкилотҳои қарзӣ, тавсеа бахшидани бозори байнибонкӣ ва танзими пардохтпазирии кӯтоҳмуҳлати низоми бонкӣ фишангҳои доимамалкунандаи монетарӣ - қарзи рӯзона (интрадей), қарзи шабонарӯзӣ (овернайт) ва қарзҳо тариқи музоядаи қарзӣ мавриди истифода қарор гирифта, тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ ба роҳ монда шуд. Ҳамзамон, ҷиҳати идоракунии самаранок ва афзун намудани захираҳои байналмилалӣ, раванди табдил додани тиллои ғайримонетарӣ ба монетарӣ идома ёфта, амалиётҳои хариди филизоти қиматбаҳо ва асъори хориҷӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ тақвият дода шуд.

Инчунин бо мақсади ба танзим даровардани гардиши асъори накди хориҷӣ, паст намудани сатҳи доллариконӣ ва таъмини устувории қурби пули миллӣ аз 2 феврали соли 2016 тартиби мубодилаи пурраи рубли русии интиқолкардаи шахсони воқеӣ ба пули миллӣ ва фурӯши минбаъдаи на кам аз 50 фоизи маблағҳои мубодилашудаи рубли русӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ва бозфурӯши онҳо дар бозори байнибонкӣ тавассути низоми ягонаи электронии савдои ширкати «Томсон Рейтерс» ҷорӣ карда шуд.

Ҷиҳати ҷоннок намудани амалиёти пешниҳоди пардохтпазирии кӯтоҳмуддат ва васеъ намудани доираи предмети гарав дар амалиёти Бонки миллии Тоҷикистон аз 21 августи соли 2017, №226 Дастурамал «Дар бораи гузаронидани амалиёти кӯтоҳмуҳлати амонатӣ бо пули миллӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия ва тасдиқ гардид.

Баҳри рушди бозорои коғазҳои қиматнок ва иҷрои нақшаву ҳадафҳои гузошташуда ҷиҳати паст намудани хавфи амалиётӣ ва ба талаботҳои муосири баргузории музоядаҳо ҷавобгӯ будан аз аввали соли 2017 сар карда фурӯши коғазҳои қиматнок тавассути барномаи махсусгардонидашудаи «Томсон Рейтерс» дар реҷаи вақти воқеӣ (on-line) ба роҳ монда шуд.

Дар заминаи дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёми навбатиашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 22 декабри соли 2017 бо мақсади таъмини рақобати солим дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ва дастрасии аҳолӣ ба воситаҳои молиявӣ, инчунин ҷалби бештари сармоя ба ин соҳа андозаи ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои бонкҳои навтаъсис аз 80 млн. сомонӣ то ба 50 млн сомонӣ паст гардид.

Инчунин бо мақсади зиёд намудани сармояи оинномавӣ дар соли 2018 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» тағйирот ворид гардид, ки тибқи он сармояи оинномавии Бонки миллии Тоҷикистон ба андозаи 500 млн. сомонӣ муқаррар гардида, то соли 2025 давра ба давра пурра карда мешавад.

Дар асоси натиҷаҳои баҳодиҳии хавфҳои миллии қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом БХМ ҚД/МТ, Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии)

даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025 ва Нақшаи амалисозии он таҳия гардид, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 марти соли 2018, №1033 тасдиқ карда шуд.

Дар Ҷаласаи 31-уми пленарии ГАО, ки моҳи ноябри соли 2019 дар шаҳри Ашхободи Ҷумҳурии Туркманистон баргузор гардида буд, тибқи Тартиби гузаронидани даври 2-юми баҳодиҳии ГАО Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисобот оид ба пешрафтро пешниҳод намуд.

Бо мақсади рафъи камбудиҳои дар ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон муайяншуда лоиҳаи «Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастомада, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МҚД/МТ/МПСҚО)» таҳия карда шуда, санаи 4 апрели соли 2019 аз ҷониби Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардида, мавриди корбарӣ қарор дорад.

Дар натиҷаи паҳншавии пандемияи коронавирус дар ҷаҳон аксари кишварҳо бо мақсади нигоҳдории сатҳи муътадили таваррум, устувории қурби пули миллӣ, танзими ҳаҷми пул дар муомилот, таъминнокии иқтисодиёт бо асъори хориҷӣ ва дастрасӣ ба қарзҳои имтиёзнок сиёсати пулию қарзии худро тағйир дода, тадбирҳои амалиро роҳандозӣ намуданд.

Бонки миллии Тоҷикистон низ ҷиҳати кам намудани таъсири хавфҳои беруна ба низоми бонкӣ аз 3 августи соли 2020 меъёри бозтамвилро ба андозаи 1 банди фоизӣ паст намуда, ба 10,75 фоиз баробар намуд. Ҳамзамон бо мақсади ҷалби пасандозҳо ба низоми бонкӣ ва дар ин замина зиёд намудани ҳаҷми қарздиҳӣ ва таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ, инчунин мусоидат намудан ба афзоиши даромадҳои пулии аҳолӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020, №1544 «Дар бораи пешгирии таъсири бемории сироятии COVID-19» ба соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» меъёри андоз аз даромади пасандозҳои шахсони воқеӣ то охири соли 2020-ум аз 12 фоизи амалкунанда то 6 фоиз паст карда шуд.

Дар ин замина дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда дороиҳо ва ухдадориҳо ташкилотҳои қарзӣ дар моҳҳои январ-июни соли 2020 мутаносибан 22,5 ва 16,1 млрд сомониро ташкил дод.

Ҳаҷми пулҳои захиравӣ ба ҳолати 30 июни соли 2020-ум ба 18,8 млрд сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот ба 16,4 млрд сомонӣ баробар гардид.

Ҳаҷми пасандозҳои ҷалбгардидаи низоми бонкӣ бошад, ба ҳолати 30 июни соли 2020-ум 9,7 млрд сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта бо пули миллӣ 1,3 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 0,8 фоиз афзоиш ёфт.

Дар шароити имрӯза маблағгузории қарзӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ва афзалиятноки низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, омили мусоидаткунандаи рушди

иқтисодиёт, таҳкими иқтидори содиротии кишвар, паст намудани сатҳи бекорӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми кишвар арзёбӣ мегардад.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи низоми бонкӣ дар соли 2019 9,6 млрд. сомониро ташкил медиҳад, ки нисбат ба соли 2018 ба андозаи 25,5 фоиз ё 2,4 млрд сомонӣ зиёд мебошад. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба соҳаи истеъмолот 25,7 фоиз, саноат 21,6 фоиз, савдои хориҷӣ 14,0 фоиз, кишоварзӣ 13,6 фоиз, хизматрасонӣ 13,0 фоиз, сохтмон 7,9 фоиз ва дигар соҳаҳо 4,2 фоиз рост меояд. Дар соли 2019 аз ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда 46,1 фоиз ё 4,4 млрд сомонӣ ба соҳибкории истеҳсолӣ рост омад, ки нисбат ба соли 2018 мутаносибан 3,8 банди фоизӣ ё 1,2 млрд сомонӣ зиёд аст.

Бояд қайд кард, ки дар нимсолаи якуми соли 2020 ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои молиявию қарзӣ 3,9 млрд сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,0 фоиз ё 392,5 млн сомонӣ кам мебошад. Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда дар ин давра нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 12 фоизро ташкил додааст, ки ин қонеъкунанда намебошад. Зеро тибқи таҳлилҳои Бонки Ҷаҳонӣ дар мавриди ба 23 фоиз баробар намудани нишондиҳандаи мазкур иқтисодиёти кишвар ҳар сол 1,24 фоиз зиёдтар рушд меёбад.

Бо мақсади рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар моҳҳои январ - июни соли ҷорӣ ба соҳибкорон дар маҷмӯъ ба маблағи 2,8 млрд сомонӣ қарз дода шудааст, ки аз ин 52,1 фоиз ё 1,4 млрд сомонӣ ба соҳибкорони истеҳсолӣ рост меояд.

Меъёри кифоятии сармоя яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявӣ дар низоми бонкӣ ба ҳисоб рафта, дар соли 2019 ба 21,4 фоиз расид, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 1,6 банди фоизӣ кам ва дар муқоиса ба соли базавӣ 6,8 банди фоизӣ зиёд гардидааст. Меъёри кифоятии сармояи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба ҳолати 30 июни соли 2020 19,71 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба талаботи муқарраршуда (12%) 7,71 банди фоизӣ зиёд ва нисбат ба нақшаи пешбинишуда 6,69 банди фоизӣ кам мебошад.

Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ дар нимсолаи якуми соли 2020 тамоюли манфиро касб намуда, 30,4 фоизи сандуқи қарзиро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 5,4 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Аммо нисбат ба соли базавӣ бошад ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ 13,3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки таъсири омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ, бахусус ба низоми бонкӣ боиси коҳишёбии ҳаҷми умумии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ гардидааст.

Қайд бояд кард, ки ин коҳишёбӣ дар мадди аввал аз кам шудани шумораи умумии ташкилотҳои қарзӣ (филиалҳои онҳо) ва ба мушкилоти молиявӣ дучор шудани бонкҳои низомсоз низ вобастагӣ дорад.

Ҳамзамон омилҳои қайдгардида ба кам гардидани шумораи ташкилотҳои қарзӣ низ таъсир расонид, ки дар давоми 5 соли охир раванди

камшавии шумораи умумии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз 123 адади соли 2015 то 73 адад дар соли 2020 ба назар расид, ки таъсири худро бевосита ба маблағгузории қарзии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ расонида истодааст.

Айни замон дар низоми бонкии кишвар 73 ташкилоти қарзии молиявӣ, аз ҷумла 17 бонки анъанавӣ, 1 бонки исломӣ, 20 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд ва 29 фонди қарзии хурд фаъолият дорад.

Дар панҷ соли охир дар низоми молияи кишвар ҳуҷҷатҳои муҳим, аз қабили Стратегияи идоракунии молияи давлатӣ, Стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ, Стратегияи идоракунии хавфҳои фискалии корхонаҳои давлатӣ қабул гардиданд, ки мутобиқи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ идоракунии молияи давлатӣ дар давраи миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ба куллӣ тағйир ёфта истодааст.

Дар доираи санадҳои қайдгардида қабул гардидани барномаи банақшагирии миёнамуҳлати хароҷоти давлатӣ барои се сол, мутобиқ намудани гурӯҳбандии буҷетӣ ба стандартҳои байналмилалӣ, таҳияи лоиҳаи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути низоми иттилоотӣ, ҷорӣ намудани банақшагирии буҷет аз рӯи гурӯҳбандии барномавӣ дар соҳаҳои пилотӣ, ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ дар бахшҳои давлатӣ ва хусусӣ ба низоми молиявии ҷумҳурӣ таъсири мусбат расонид.

Сиёсати буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи татбиқи Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҷиҳати таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъмин намудани маблағгузории рушди иқтисодиёт, самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, рушди соҳаҳои энергетика, нақлиёт, хоҷагии қишлоқ, хизматрасонӣ, дастгирии соҳибкории хурду миёна ва иҷрои ҳадафҳои дар барнома пешбинишуда равона гардидааст.

Дар давраи татбиқи барнома ҳаҷми даромади буҷети давлатӣ давра ба давра афзоиш ёфта, аз 18,4 млрд сомонии соли 2016 ба 23,5 млрд сомонии соли 2019 баробар гардид.

Агар дар соли 2016 ба буҷети давлатӣ аз ҳисоби воридоти андозӣ 11,2 млрд. сомонӣ ва воридоти ғайриандозӣ 1,4 млрд сомонӣ ворид шуда бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2019 мутаносибан ба 15,8 ва 2,0 млрд сомонӣ баробар гардид.

Дар баробари даромади буҷети давлатӣ ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ низ дар ин давра афзоиш ёфта, аз 18,3 млрд сомонии соли 2016 ба 23,8 млрд сомонии соли 2019 баробар гардид.

Ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соли 2016 33,6 фоизро ташкил дода, нисбат ба нишондиҳандаи дар барнома пешбинигардида (32 фоиз) 1,6 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Нишондиҳандаи мазкур дар соли 2019 30,6 фоизро ташкил дода, нисбат ба нишондиҳандаи дар барнома пешбинигардида (26 фоиз) 4,8 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2020 хароҷоти буҷет нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) 31,5 фоизро ташкил дода, иҷрои он бо назардошти паёмадҳои манфии паҳншавии бемории сироятии COVID-19 ба ҳолати 1 июли соли 2020 дар сатҳи 81,9 фоиз (2,3 млрд сомонӣ кам) таъмин гардид. Новобаста аз мушкилиҳои мавҷуда сиёсати иҷтимоии хароҷоти буҷети давлатӣ нигоҳ дошта шуда, барои дар амал татбиқ намудани афзалиятҳои стратегие, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини рушди иқтисодиёт ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ, рушди соҳаҳои маориф, тандурустӣ, таъмини пурраи уҳдадориҳои давлат, бахусус дар самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва беҳтар намудани хизматрасониҳои иҷтимоӣ ба аҳолӣ муайян намудаанд, равона карда шудааст.

Ҳиссаи бештари хароҷоти буҷети давлатиро хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ ташкил дода, сол то сол ҳиссаи он зиёд гардида истодааст. Агар дар соли 2016 ҳиссаи хароҷоти соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҳисоби буҷети давлатӣ 42 фоизро ташкил дода бошад, пас ин нишондиҳанда дар соли 2020 ба 49,5 фоиз баробар гардид.

Дар соли 2019 нисбат ба соли 2016 маблағузории соҳаҳои маориф 1,4 маротиба, тандурустӣ 1,5, ҳифзи иҷтимоӣ 1,3 ва фарҳанг 1,3 маротиба зиёд гардид.

Қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016 2274,1 млн. долларро ташкил дод, ки ин ба 33,3 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) баробар буда, нисбат ба нишондиҳандаи дар барнома пешбинигардида (37 фоиз) 3,7 банди фоизӣ кам мебошад.

Дар соли 2019 бошад нишондиҳандаи мазкур (2925,3 млн, доллар) 36 фоизро ташкил дода, нисбат ба барнома 3 банди фоизӣ (39 фоиз) кам мебошад.

Ҷалби маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба зиёдшавии қарзи берунаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 мусоидат намуда, тибқи ҳисобҳои пешакӣ дар маҷмуъ 3380,4 млн доллар ё 42,3 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил хоҳад дод.

Имрӯз ҷаҳони муосир дар шароити мураккаби бӯҳрони иқтисодиву молиявӣ қарор дошта, ноустувории он ба тағйирёбии фишангҳои бозори иқтисодию молиявӣ, инчунин ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ки ба иқтисодиёти ҷаҳони пайванд мебошад, таъсири манфӣ расонида истодааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади паст намудани таъсири омилҳои берунӣ, дастгирии бахши бонкӣ ва хусусӣ барномаҳои мушаххас қабул ва амалӣ намуда, нишондиҳандаҳои молиявӣ, макроиқтисодӣ ва натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ ба андозае дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта шудаанд.

Чораҳои андешидашуда имконият доданд, ки як дараҷа мушкилотҳои воқеии муътадилии макроиқтисодӣ ва буҷет, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи сифати зиндагии аҳолӣ, муҳайё намудани шароити мусоид барои таъмини рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва иҷтимоиёт таъмин гардад.

Дар баробари тадбирҳои андешидашуда паҳншавии бемории коронавирус дар ҷаҳон таъсири худро ба иҷрои нақшаи буҷети давлатӣ расонид.

Дар натиҷа бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2020, №377 «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2020» нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар соли 2020 дар ҳаҷми 2476,4 млн сомонӣ кам (секвестр) карда шуд.

Дар ин росто ҳаҷми умумии нақшаи аниқшудаи даромади буҷети давлатӣ дар соли 2020 ба 23,6 млрд сомонӣ, хароҷот 26 млрд. сомонӣ ва касри буҷет ба 3,1 млрд. сомонӣ ё 3,7 фоизи ММД баробар гардид. Пешбинӣ мегардад, ки касри буҷет аз ҳисоби маблағҳои иловагии қарзию грантӣ, аз ҷумла маблағҳои қарзии Хазинаи Байналмилалии Асъор, маблағҳои грантии Бонки Осиёии Рушд, маблағҳои қарзии имтиёзноки Фонди Авруосёии Стабилизатсионӣ ва Рушд ва дигар манбаъҳо рӯйпӯш карда мешавад.

Сарфи назар аз кам кардани нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ тибқи маълумоти Вазорати молия (ба санаи 8.07.2020) дар моҳҳои январ-июни соли 2020 иҷрои нақша 95,5 фоизро ташкил дода, воридоти маблағҳо ба 9,8 млрд сомонӣ баробар гардид.

Дар ин давра нақшаи даромадҳои ҷории буҷети давлатӣ 95,3 фоиз иҷро гардида, ба буҷет 7716,3 млн сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба нақша 379,3 млн. сомонӣ кам мебошад.

Дар нимсолаи якуми соли 2020 тибқи супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ҷалби маблағҳо ҷиҳати пешгирӣ ва кам кардани таъсири иқтисодию иҷтимоии пандемияи коронавирус COVID-19 ба кишвар аз институтҳои байналмилалии молиявӣ ва шарикони рушд маблағҳои грантӣ ва қарзҳои имтиёзнок ҷалб гардиданд. Дар маҷмӯъ маблағҳои ҷалбшаванда дар соли 2020 беш аз 450 млн долларро ташкил хоҳад дод.

Дар баробари ин пандемияи коронавирус дар ҷаҳон тамоюлҳои муосири роҳандозии технологияҳои молиявиро дар низоми бонкӣ дар заминаи ислоҳоти низоми созишҳои таъминшуда ба қадри назаррас тақвият бахшид.

Ҳамзамон якбора фаъол гардидани хизматрасонии фосилавии молиявию қарзӣ зарурияти такмили қонунгузории соҳавиро дар самти барасмиятдарории дархостҳои муштариён тариқи воситаҳои муосири алоқа ва таъмини ҳуҷҷатгузории электронӣ тақозо менамояд.

Вобаста ба ин дар марҳилаи миёнамуҳлати минбаъда идомаи мантиқии ислоҳот ҷиҳати бартараф намудани масъалаҳои зерин равона карда мешавад:

- норасоии сармоягузориҳо – ҳаҷм ва афзоиши сармояи асосии андӯхтшуда барои таъмини рушди устувори дарозмуҳлат нокифоя мебошад;

- саҳми нокифояи низоми бонкӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ. Дар соли 2019 ҳаҷми умумии қарзҳои додашудаи ташкилотҳои молиявию қарзӣ ба 9,8 млрд сомонӣ баробар шуда, нисбат ба маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ 12,3 фоизро ташкил додааст, ки ин барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ кифоя нест;

- дар баробари тамоюлҳои мусбати низоми бонкӣ то ҳол ба эътидол наомадани вазъи молиявии ду бонки собиқ низомсози кишвар ҶСК «Агроинвестбонк» ва ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», норасогии асъори хориҷӣ, баланд будани меъёри фоизи қарзҳо ва сатҳи қарзҳои ғайрифаъол ба рушди бахши хусусӣ ва истеҳсолоти молҳои ватанӣ бетаъсир намемонанд;

- ҳиссаи нисбатан баланди иқтисоди ғайрирасмӣ аз рӯйи бахшҳо (тибқи арзёбӣ дар баъзе бахшҳо аз 40% зиёд аст);

- гарчанде ки дар самти пешниҳоди хизматрасонии давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ такмил дода шуданд ва якчанд лоиҳаҳо дар ин самт татбиқ гардидаанд, ҳанӯз корҳо вобаста ба баланд бардоштани сифати ин хизматрасониҳо, таъмини дастрасии онҳо ба мардум ва доираи соҳибкорон бо истифода аз воситаҳои муосири технологияи электронӣ беҳбудиро тақозо менамояд;

- тақвият бахшидани ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ. Бо вуҷуди ислоҳоти назаррас дар низоми дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ шумораи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ то 56 адад коҳиш дода шуда, пешниҳоди танҳо 30 фоизи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тариқи низоми электронӣ ба роҳ монда шудааст ва миқдори мақомоти санҷишӣ аз 31 то 25 адад (ҳадафи ниҳоии ислоҳот то 20 адад) коҳиш дода шуд;

- ҳоло ҳам зиёд будани шумораи расмиёти танзимкунанда, аз ҷумла дар низоми бақайдгирӣ, ҳисоботдиҳӣ ва фискалӣ. Чунончӣ дар самти гирифтани иҷозат барои сохтмон дар соли 2020 26 расмиёт (157 рӯз) ва пайвастшавӣ ба шабакаи барқ 9 расмиёт (98 рӯз) вуҷуд дорад;

- қонеъкунанда набудани рейтинги кишвар дар ҳисоботи «Пешбурди соҳибкорӣ»-и Бонки Ҷаҳонӣ (мавқеи 106-ум дар соли 2020 нисбат ба мавқеи 100-ум тибқи Барнома), чунки аз байни кишварҳои минтақа дар соли 2020 мавқеи Қазоқистон 25-ум, Ӯзбекистон 69-ум ва Қирғизистон 80-ум мебошад.

Дар давраи миёнамуҳлати минбаъда бо мақсади таъмини рушди устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, аз ҷумла афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, таъмин намудани маблағгузории рушди иқтисодиёт ва дастгирии соҳибкории хурду миёна андешидани тадбирҳои зерин дар самти низоми бонкӣ ва молияи давлатии кишвар ба мақсад мувофиқ мебошад:

1. Тақвияти ҳамоҳангсози амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ дар самтҳои буҷету андоз, пулию қарзӣ, бахши воқеӣ ва тавозуни пардохт, инчунин пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ.

2. Татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ тавассути истифодаи васеи фишангҳои муосири он бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи пешбинигардидаи нишондиҳандаи сатҳи таваррум ва тадриҷан гузаштан ба реҷаи «ҳадафгирии таваррум».

3. Идома додани фаъолият дар самти мукаммал ва пурзӯр намудани раванди танзиму назорати бонкӣ, бахусус дар самти назорати ташкилотҳои қарзии молиявии ба хавф нигаронидашуда, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкӣ ва беҳтар намудани чораёни қарздиҳӣ дар он.

4. Паст кардани меъёри фоизҳои қарзҳои пешниҳодшаванда ва зиёд намудани ҳаҷми қарзҳои дастрас дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ;

5. Таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ ва коҳиш додани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт.

6. Мукаммал намудани низоми идоракунии корпоративӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тибқи таҷрибаи пешқадами байналмилалӣ.

7. Вусъат бахшидани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар муомилоти пулии кишвар, истифодаи васеи воситаҳои электронии пардохтӣ дар нуқтаҳои савдо ва хизматрасонӣ.

8. Коҳиш додани иқтисоди ғайрирасмӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт.

9. Баланд бардоштани сатҳи эътимоднокии бонкҳо ва таъмин намудани дастрасии аҳолӣ ба захираҳои молиявию қарзӣ тавассути такмил додани фаъолияти низоми бонкии кишвар, ҷалби бештари воситаҳои молиявӣ ва беҳтар кардани сифати хизматрасониҳо;

10.Пурра ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар низоми молияи давлатӣ ва вусъат бахшидан ба раванди буҷетикунонии барномавӣ

11.Таъмин кардани самаранокии идораи молияи давлатӣ ва пурзӯр намудани назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ;

12. Баланд бардоштани дараҷаи шаффофият ва қобилияти пешгӯии низоми андоз ва такмили маъмурикунонии он.

13. Беҳтар ва шаффоф намудани низоми хариди давлатӣ.

### 3.6. Бахши иқтисоди хориҷӣ

Ҳукумати кишвар бо мақсади фароҳам сохтани шароити мусоид барои татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, афзун намудани ҳаҷми истеҳсоли молу маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулот, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, инчунин бунёди фазои шарикӣ ва ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси марказҳои муосири логистикӣ, рушди долонҳои байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ дар доираи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 дар чор соли татбиқи он корҳои назаррасро анҷом дод.

Шомилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба СУС пеш аз ҳама ба густариши ҳамгироии кишвар ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ мусоидат намуда, барои васеъ гардидани доираи ҳамкориҳои мутақобилан судманд ва ҳимояи манфиатҳои иқтисодии ҷумҳурӣ заминаи мусоид фароҳам меоварад. Истифодаи афзалиятҳои муосири низоми бисёрҷонибаи савдои ҷаҳонӣ барои такмили сохтори идоракунӣ ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос дар соҳаи иқтисодиёт ва савдои байналмилалӣ нақши муҳим мебозад.

Узвияти Тоҷикистон дар ин созмон имкон медиҳад, ки дар дохили кишвар низоми шаффоф, пешгӯишаванда, ба талаботи ҷаҳонӣ ҷавобгӯ будани заминаи ҳуқуқии савдо ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ таъмин гардад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо мақсади иҷрои Барнома дар солҳои 2016-2019 ҷиҳати таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазири ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, такмили асосҳои институтсионалӣ, диверсификатсияи содирот, соддагардонии расмиёти савдо ва дарёфти бозорҳои нави фурӯш як қатор тадбирҳои назаррас амалӣ гардиданд.

Дар ин раванд бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №503 Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 қабул ва мавриди татбиқ қарор дорад.

Бо роҳбарии Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Комиссияи доимоамалкунанда оид ба таҳкими истеҳсолоти воридотивазкунанда ва рушди содирот таъсис дода шуда, фаъолият менамояд, ки дар ҷаласаҳои он ҳисоботи вазорату идораҳои мутасаддӣ оид ба иҷрои тадбирҳои Барнома шунида ва қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Дар асоси дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҷиҳати таҳлили ҳаматарафаи сохтори молии гардиши савдои хориҷӣ, таҳкими истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо Гурӯҳи доимоамалкунандаи коршиносон оид ба такмили фишангҳои тарифию ғайритарифии савдои хориҷӣ бо ҷалби мутахассисони вазорату идораҳои мутасаддӣ ва намояндагони молистеҳсолкунандагони ватанӣ таъсис дода шуда, фаъолияти доимӣ дорад.

Бо мақсади таъмини амнияти озуқавории кишвар дар заминаи ташкили истеҳсолоти ватанӣ аз тарафи Гурӯҳи доимоамалкунандаи коршиносон таҳлили ҳаматарафаи сохтори молии гардиши савдои хориҷӣ бо фарогирии 58 мавқеи молӣ (тахминан 2085 намуди мол) гузаронида шуда, 145 таклифу тавсия пешниҳод гардида, ҷиҳати иҷрои онҳо Ҳукумати ҷумҳурӣ ба вазорату идораҳо дастур додааст.

Ҷиҳати мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии кишвар ба талаботи байналмилалӣ, Номгӯи молии фаъолияти иқтисоди хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (НМ ФИХ ҶТ) қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи меъёрҳои боҷҳои гумрукии воридотӣ» аз 8 августи соли 2020, №399 қабул гардида, сатҳи миёнаи меъёри боҷҳои гумрукӣ барои воридоти номгӯи молу маҳсулот аз 7,6 фоизи пештара то 8,1 фоиз, барои баъзе молҳои алоҳида то 30 фоиз баланд бардошта шуд, ки дастгириву рақобатпазирии истеҳсолкунандагони молҳои ватаниро беҳтар гардонид.

Инчунин барои таъмини истеҳсолот бо ашёи хом ва рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ меъёри боҷҳои воридотию содиротии як қатор молу

маҳсулот, аз қабили нахи пахта, пуст, пилла, абрешими хом ва ғайраҳо бо назардошти манфиатҳои иқтисодии кишвар ва риояи уҳдадориҳои байналмилалӣ муқаррар ё баланд карда шуданд.

Дар баробари ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба манъ намудани содироти пораву партовҳои металлҳои сиёҳ ва ранга аз Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манъи воридоти равғани нахл ба Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд.

Бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти таҷҳизоти истеҳсолию технологӣ, таҷҳизоту техника ва маводи сохтмонии иншооти сайёҳӣ, ашёи хом барои корхонаҳои коркард, истеҳсоли либоси мактабӣ, техникаи таъиноти кишоварзӣ, технологияҳои навтарин барои корхонаҳои дорусозӣ ва таҷҳизоти ҳозиразамони ташхису табобат, маводу лавозимот барои истеҳсоли доруворӣ, технологияву таҷҳизоти соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, тухмии зироатҳои кишоварзии дараҷаи суперэлита ва элита, чорвои зотӣ (таъйиноти гӯштӣ, ширӣ ва пашмӣ), хӯроки омехтаи паранда ва чорво, автомашинаҳои нав аз пардохтҳои гумрукӣ пурра ё қисман озод карда шуда, ҳадди даромад дар низоми махсуси андозбандӣ то 1 млн. сомонӣ зиёд гардид, барои субъектҳои бозори қоғазҳои қиматнок, инчунин корхонаҳои амалкунандае, ки ба силсилаи пурраи коркарди нахи пахта ба маҳсулоти ниҳоӣ (тибқи тартиби амалкунанда) машғул мебошанд, низоми имтиёзноки андозбандӣ ва имтиёзҳои тарифию гумрукӣ пешниҳод гардид.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи паёмашон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, танҳо солҳои 2016-2018 маблағи умумии имтиёзҳои ҷоришуда беш аз 15 млрд. сомониро ташкил намуд, ки ин саҳми Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаҳои иқтисодиву истеҳсолӣ мебошад.

Барои дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2019, №327 «Дар бораи Тартиби аз андоз аз арзиши иловашуда ва боҷи гумрукӣ озод намудани ашёи хоми ҷиҳати коркард ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ воридшаванда ва Номгӯи ашёи хоми дар дохили мамлакат истеҳсолшаванда» қабул гардид.

Дар навбати худ татбиқи имтиёзҳои андозию гумрукӣ имкон дод, ки воридоти таҷҳизоти технологӣ дар солҳои охир афзоиш ёбад. Дар солҳои 2016-2019 воридоти таҷҳизоти технологӣ ва қисмҳои такмилдиҳандаи онҳо беш аз 992,7 млн долларро ташкил намуд, ки манбаи асосии воридоти сармоя ба инфрасохтори истеҳсолӣ мебошад.

Агентии содироти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки ба зиёд намудани содироти молу маҳсулот ва дарёфти бозорҳои нав мусоидат менамояд. Аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравии назди Агентии содирот лоиҳаҳои «Феҳристи маҳсулоти содиротии ватанӣ» ва «Феҳристи маҷмӯии содироткунандагон» таҳия карда шудаанд.

Дар асоси супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Портали савдои Тоҷикистон санаи 26 апрели соли 2019 расман ифтитоҳ гардид.

Дар Портал маълумот оид ба 53 расмиёти молу маҳсулоти содиротию воридотӣ ва транзитӣ (20 - маҳсулоти содиротӣ, 30 - маҳсулоти воридотӣ ва 3 - маҳсулоти транзитӣ) баробар ба 1500 номгӯи молӣ, аз қабили риштаи пахтагӣ, семент, либосворӣ, меваю сабзавоти тару тоза, меваи хушк, асал, маҳсулоти қаннодӣ, қолин, мебел, шоколад, тухм, гулҳо, орд, нуриҳо ва дигар маҳсулот ворид гардидааст.

Инчунин маълумот оид ба намунаи иҷозатномаҳо (сертификатҳо) ҳангоми воридот ва содироти маҳсулот, пардохтҳо вобаста ба дастрас намудани иҷозатномаҳо, аксҳои шахсони масъул, утоқҳои корӣ ва рақамҳои телефонҳо барои тамос, ки ба хизматрасониҳои содиротию воридотӣ машғуланд, мавҷуд мебошанд.

Илова бар ин дар портал маълумоти дахлдор вобаста ба суроға, маҳсулоти истеҳсолшуда ва тамос бо корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ дастрас мебошад.

Қайд бояд кард, ки Портали савдои Тоҷикистон таҷрибаи нахустин дар фаъолияти савдои хориҷии кишвар ва дар байни кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб рафта, соли 2019 Созмони Милали Муттаҳид дар нашрияи навбатии худ ин порталро ҳамчун намунаи беҳтарин дар минтақа арзёбӣ намуд.

То ба ҳолати моҳи августи соли 2020 шумораи истифодабарандагони Портали савдои Тоҷикистон ба 71 ҳазор нафар намояндагони беш аз 30 кишвари дунё расидааст.

Дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи афзалиятҳои Ҳукумати кишвар оид ба соддагардонии расмиёти савдо рӯзи 8 ноябри соли 2019 дар шаҳри Душанбе шакли пилотии «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» расман ифтитоҳ гардид.

Аз рӯи нақша дар соли 2020 баъди анҷоми шакли пилотӣ, низоми «Равзанаи ягонаи барасмиятдарории амалиёти содиротию воридотӣ ва транзитӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо фарогирии ҳамаи мақомоти танзимкунандаи тарифию ғайритарифии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мавриди истифода қарор мегирад.

Бо мақсади рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузариш ба расонидани хизматрасониҳои давлатии рақамӣ ва ҳукумати рақамӣ, ҳамаҷониба ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт ва соҳаи иҷтимоӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, мавриди амал қарор дорад.

Дар шароити имрӯза гузариш ба савдои электронӣ яке аз намудҳои камхарҷ ва дастраси ҳамагон буда, дар давлатҳои хориҷӣ босурат рушд меёбад.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо ҳангоми таҳияи Консепсия ва Барномаи иқтисоди рақамӣ муҳимияти масъаларо ба инобат гирифта, барои фарогирии соҳаи савдо ва хизматрасониҳо таваҷҷӯҳи хоса зоҳир намуда, ҷиҳати таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунанда дар ин самт бо шарикони рушд корбарӣ менамояд.

Бо мақсади мусоидат ва самаранок амалӣ намудани сиёсати иқтисодии хориҷии кишвар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2018, №518 Низомномаи намояндагиҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давлатҳои хориҷӣ қабул гардид.

Мувофиқи банди 2 қарори мазкур дар назди сафоратҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Германия, Туркия, Ӯзбекистон ва Қазоқистон таъсис додани воҳидҳои кории иловагӣ барои намояндагони тиҷоратӣ пешбинӣ гардидааст.

Барои манфиатнокии иқтисодӣ аз узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) уҳдадориҳои кишвар аз нав бозбинӣ карда шуда, ба Котиботи СУС равон карда шуд.

Тасдиқномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба эътирофи Протоколи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи Мароккаш оид ба таъсиси СУС 2 июли соли 2019 аз ҷониби Котиботи СУС расман қабул гардид.

Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои ҷорӣ дар раванди содироти молу маҳсулот, барасмиятдарории гумрукӣ, масъалаҳои сифат ва дигар хизматрасониҳо Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо дар назди Вазорати рушди иқтисод ва савдо таъсис дода шуда, фаъолият намуда истодааст.

Дар солҳои 2017-2019 ҷаласаҳои Кумита мунтазам баргузор гардида, вобаста ба иҷрои қарорҳои он 8 Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар самтҳои дастгирии содирот, такмили фишангҳои тарифию ғайритарифии савдои хориҷӣ, дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ, соддагардонии расмиёти савдо, ҳамлу нақл ва транзит таъсис дода шуд.

Аз ҷониби Кумита дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва шарикони рушд 23 лоиҳаи қонуну қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шуда, 6 лоиҳа қабул гардид, 1 лоиҳа дар баррасии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва 16 лоиҳа дар баррасии вазорату идораҳо қарор доранд.

Инчунин марказҳои миллии иттилоотӣ оид ба монеаҳои техникӣ дар савдо дар назди Агентии «Тоҷикстандарт» ва оид ба чораҳои санитарӣ ва фитосанитарӣ дар назди Кумитаи бехатарии озуқаворӣ таъсис дода шудаанд.

Мақоми ҳамоҳангсози миллӣ оид ба амалиёти транзитӣ Хадамоти гумрук муайян гардид.

Ҷиҳати дастгирии содироткунандагони молу маҳсулот Нақшаи чорабиниҳо оид ба кам кардани вақт ва хароҷоти субъектҳои фаъолияти иқтисодии хориҷӣ барои содирот, воридот ва транзити молҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №286 ба тасвиб расида, то имрӯз як қатор корҳо амалӣ карда шуданд, аз ҷумла:

- рӯйхати давлатҳое, ки сертификати онҳо дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф карда мешаванд тартиб дода шуда, дар гӯшаи иттилоотӣ барои соҳибкорон дар шакли овеза ҷой дода шудааст;

- талаботи ҳуҷҷатгузорӣ ҳангоми воридоти мол барои гирифтани сертификати мутобиқат аз 7 номгӯй ба 2 номгӯй кам карда шуд;

- барасмиятдарории корҳои сертификаткунонӣ барои молу маҳсулоти содиротӣ дар як рӯз амалӣ карда мешавад;

- протокол байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумруки Федератсияи Россия доир ба ташкили мубодилаи маълумоти пешакӣ оид ба молҳо ва воситаҳои нақлиёти интиқолёбанда ба имзо расид;

- бланкаҳои соҳавии Кумитаи бехатарии озуқаворӣ дар шакли нав тибқи талаботи СУС ва Кодекси солимии ҳайвоноти рӯизаминии Созмони умумиҷаҳонии солимии ҳайвонот (ББЭ) тартиб дода шуда, мавриди истифода қарор гирифт;

- дар назди Кумитаи бехатарии озуқаворӣ сомонаи www.cfs.tj кушода шудааст, ки минбаъд ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои иттилоот ва истифодабарӣ дар ин сомона ҷой карда мешаванд.

Аз тарафи Кумитаи ҳамоҳангсоз оид ба соддагардонии расмиёти савдо «Харитаи роҳ» вобаста ба амалҳои минбаъда дар самти кам кардани хароҷоти субъектҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ таҳия гардида, мавриди татбиқ қарор дорад.

Лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Кодекси гумрук барои ҳалли масъалаҳои сари вақт нашр намудани иттилоот оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти гумрукӣ ва таъсиси танзимгари ваколатдори иқтисодӣ ба тавсиб расид. Дар Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон боби нав иборат аз 12 модда ворид карда шуда, дар он мафҳуми «Иштирокчии боэътимоди бозор» (Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ), шартҳои соҳиб шудани шахси ҳуқуқӣ ба ин мақом, дохил намудани он ба Феҳрист, додани шаҳодатнома, бозхондани он ва дигар масъалаҳои марбути фаъолияти он пешбинӣ шудаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ ва баромадан ба бозорҳои ҷаҳонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон 27 Конвенсия ва Протоколҳое, ки дар регламенти Шӯро ва Парлумони Иттиҳоди Аврупо замима гардидаанд, ҷиҳати шомилшавӣ ба Низоми умумии бархурдории тиҷорати GSP+ ба тасвиб расонида, дар марҳилаи ниҳоии истифодабарии ин низом қарор дорад.

Низоми мазкур имкон медиҳад, ки беш аз 6000 намуди молҳои истеҳсоли ватанӣ бо истифода аз ҳуқуқи шароити беҳтари низоми тиҷоратӣ бо мизони сифрии меъёри боҷҳои гумрукӣ ба бозори кишварҳои Иттиҳоди Аврупо содирот карда шаванд.

Барои ҳимояи бозори дохилӣ аз воридоти маҳсулоти пастсифату зарарнок, ҳифзи манфиатҳои истеҳсолкунандагони ватанӣ ва танзими воридоти молҳо истифодаи фишангҳои ғайритарифӣ пурзур карда шуданд. Дар ин давра 15 регламенти техникӣ дар

бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ, бозичаҳо ва дигар молҳо, инчунин чораҳои фитосанитарӣ, карантинӣ, бойторӣ ва санитарию эпидемиологӣ таҳия ва мавриди амал қарор гирифтанд.

Дар 120 корхонаҳои истеҳсолӣ низоми идоракунӣ ва корҳои сертификатсиякунонӣ тибқи талаботи стандарти байналмилалӣ ҷорӣ карда шуда, аз ҷумла фаъолияти 83 корхонаҳои истеҳсолӣ тибқи талаботи стандарти ИСО 9001:2015 «Низоми менеҷменти сифат», 35 корхонаи истеҳсолӣ - стандарти «НАССР - таҳлили хатарҳо ва назорат дар нуқтаҳои таҳдидомез», 2 корхона - стандарти ИСО 22000:2007 «Низоми менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» сертификатсия карда шудааст.

Бо мақсади дастгирии соҳибкорон ва беҳтар намудани низоми андозбандӣ дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июни соли 2019, №АП-1236 лоиҳаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ дар раванди таҳия қарор дорад, ки тибқи нақша аз соли 2021 мавриди истифода қарор мегирад.

Ҷиҳати муаррифии молу маҳсулот, дарёфти шарикони тиҷоратӣ ва сармоягузорони хориҷӣ портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (В2В) дар назди КВД «Тоҷинвест»-и Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ташкил карда шудааст, ки субъектҳои соҳибкорӣ аз хизматрасониҳои портали интерактивии соҳибкор бо соҳибкор (В2В) самаранок истифода бурда истодаанд.

Барои таъмини бехатарии шаҳрвандони кишвар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣи бо микронутриенҳои бойгардонидашуда» аз 19 июли соли 2019, №1635 қабул гардид. Ҳамзамон «Нақшаи миллии амалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣи бо микронутриенҳои бойгардонидашуда барои солҳои 2019-2020» таҳия гардид.

Бо мақсади дастгирии истеҳсолоти ватанӣ тавассути истифодаи чораҳои ғайритарифӣ «Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо» таҳия шуда, мавриди амал қарор доранд.

Ҷиҳати дуруст муайян намудани дурнамои таъмини аҳолӣ ба ғизои хушсифат меъёрҳои тавсиявии физиологии истеъмолии маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар сари аҳолӣ таҳия гардида, татбиқ шуда истодаанд.

Барои таъмини бехатарии бозори истеъмолӣ аз воридоти маҳсулоти пастсифат ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз тарафи мақомоти назоратӣ як қатор чораҳои пешгирикунанда андешида шуда истодааст. Аз ҷумла ба хотири пешгирӣ кардани воридоти маҳсулоти пастсифати озуқаворӣ (гӯшти паранда, тухм, маҳсулоти қаннодӣ, моҳӣ, бозичаҳои кӯдакона ва дигарҳо) тавассути регламентҳои техникӣ, фишангҳои тарифию ғайритарифӣ талабот нисбати воридот ва таҳвили маҳсулот пурзӯр карда шуд.

Ҷиҳати дастгирии аҳолӣ ва таъмини мӯътадилии нархҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №287 Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарур, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд, тасдиқ гардид.

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар доираи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти савдои хориҷӣ» ва Барномаи мутобиқгардонии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар узвият дар Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) лоиҳаи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби татбиқи чораҳои махсуси муҳофизатӣ, зиддидемпингӣ ва ҷубронӣ»-ро таҳия намуд, ки дар баррасии вазорату идораҳо қарор дорад.

Тартиби мазкур имконият медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҳимояи истеҳсолкунандагон ва содироткунандагони молҳои ватанӣ, маҳдуд намудани воридоти молҳои пастсифати хориҷӣ ба кишвар ва беҳтар гардонидани тавозуни савдои хориҷӣ, инчунин иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди СУС чораҳои махсуси муҳофизатӣ, зиддидемпингӣ ва ҷуброниро амалӣ намояд.

Ҷиҳати фаъолгардонии кори созмонҳои байналмилалӣ Вазорати кишоварзӣ якҷо бо Ташкилоти озуқаворӣи Созмони Милали Муттаҳид (ФАО) дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, семинар-машваратҳо доир ба мавзӯи «Стандартҳои кишоварзӣ Global G.A.P, ISO/TS 22002-1:2009 ва Стандартҳои амнияти озуқаворӣ HACCP» бо иштироки хоҷагиҳои пешқадам баргузор намуд.

Агентии «Тоҷикстандарт» барномаи низоми «Маҳзани электронии стандартҳо»-ро омода намудааст, ки ҳар як субъект имкон дорад оид ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ маълумот дастрас намояд. Айни ҳол ин маҳзан бо вебсомона Fehrist-standart.tj дар шабакаи интернетӣ фаъол мебошад.

Тибқи супоришҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазорату идораҳои дахлдор дар ҳамкорӣ бо ҷониби Россия масъалаҳои ташкили долонҳои сабз барои афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ, аз ҷумла тавассути сохтмони Маркази яклухту тақсимотӣ барои содироти молу маҳсулот ба Федератсияи Россия дар шаҳри Душанберо баррасӣ доранд.

Бахри беҳтар намудани логистика ва нигоҳдории маҳсулот дар минтақаи озоди иқтисодии «Суғд» лоиҳаи маркази логистикии «Суғд» ба маблағи умумии 430 млн сомонӣ (43 млн доллар ИМА) омода гардида, ба ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ ва сармоягузорон пешниҳод шудааст.

Ҳамзамон тибқи иттилои Вазорати нақлиёт дар доираи «Барномаи мақсадноки давлатии рушди комплекси нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2025», дар минтақаҳои озоди иқтисодии «Данғара», «Панҷ», «Суғд» ва «Ишкошим» сохтмони марказҳои логистикӣ бо назардошти ҷорӣ намудани технологияи муосири соҳавӣ, фаъолияти маркетингӣ, анборкунию нигоҳдорӣ (аз ҷумла сардхонаҳо), ба нақша гирифта шудааст, ки ҷиҳати баланд бардоштани хизматрасониҳои логистикии байналмилалӣ ва иқтидори содиротии кишвар мусоидат хоҳанд кард.

Аз ҷониби Ҷамъияти саҳомии пушидаи «Тоҷиквнештранс» 8 адад терминалҳои наздисарҳадӣ дар ноҳияи Б. Ғафурови вилояти Суғд, «Панҷи Поён»-и вилояти Хатлон, «Гулистон»-и шаҳри Исфара, «Қарамиқ»-и ноҳияи Лахш, «Қулма»-и ноҳияи Мурғоб, «Патар»-и шаҳри Конибодом, «Фотеҳобод»-и ноҳияи Мастчоҳ, «Саразм»-и шаҳри Панҷакент ва 2 адад терминалҳои фосилавии шаҳрҳои Душанбе ва Бохтар, ки сармоягузории умумии онҳо зиёда аз 65 млн. сомониро ташкил медиҳад, сохта шуда, ба интиқолдиҳандагони ватаниву хориҷӣ хизмат мерасонанд. Инчунин аз ҷониби ҶДММ «Дӯстӣ» дар гузаргоҳи «Дӯстӣ»-и шаҳри Турсунзода низ терминали наздисарҳадӣ фаъолияташ ба роҳ монда шудааст.

Бо мақсади тақвияти иқтидори содиротии кишвар дар доираи «Барномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» Вазорати нақлиёт якҷо бо Ассотсиатсияи боркашонии байналмилалии автомобилии Тоҷикистон «АВВАТ» татбиқи амалии лоиҳаҳои «Ташкили Маркази ягонаи шабакаҳои иттилоотӣ-логистикии нақлиётӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайваст намудани он ба шабакаҳои иттилоотии байналмилалӣ», «Таъсиси маркази логистикӣ дар шаҳри Турсунзода», «Сохтмони маркази логистикии Панҷи Поён» ва дигар гузаргоҳҳои сарҳадиро мавриди пайгирӣ қарор додаанд.

Бо мақсади зиёд намудани ҳаҷми содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва ба таври имтиёзнок содирот намудани маҳсулоти зудвайроншаванда Созишнома байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти федералии гумрукии Федератсияи Россия оид ба ташкили тартиби соддагардонидашудаи амалиёти гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия («Долони соддагардонидашудаи гумрукӣ») ба имзо расонида шуд.

Инчунин байни Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи давлатии гумруки Ҷумҳурии Ӯзбекистон Созишнома оид ба ташкили тартиби соддагардонидашудаи расмиёти гумрукӣ ҳангоми интиқоли мол ва воситаҳои нақлиёт байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон («Долони соддагардонидашудаи гумрукӣ») ба тасвиб расид.

Тибқи иттилои Вазорати нақлиёт айни замон дар бозори хизматрасониҳои нақлиёти автомобилии байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 адад ширкатҳои нақлиёти автомобилии ватанӣ дар ҳамкорӣ бо 3 Ассотсиатсияҳои байналмилалии автомобилии боркашонӣ (АВВАТ, AIATT ва АЛТ) фаъолият мекунанд, ки дорои воситаҳои нақлиёти ҳозиразамони махсусгардонидашуда (рефреджираторҳо) буда, барои содироти маҳсулоти кишоварзӣ омода мебошанд.

Инчунин қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №667 «Дар бораи муайян намудани мақомоти ваколатдор оид ба амалисозии Протоколи иловагӣ ба Конвенсия дар бораи аҳднома оид ба боркашонии нақлиётӣ (КАБ) марбут ба борхати электронӣ» қабул гардид.

Дар раванди истеҳсол, содирот ва таҳвили молу маҳсулот низоми идоракунии сифат ва бехатарӣ аз рӯи стандартҳои байналмилалӣ нақши муҳим доранд.

Вобаста ба ин корҳои омӯзишӣ, фаҳмондадиҳӣ ва сертификатсионии системаи менеҷменти сифат дар корхонаҳои ватанӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалии ISO 9001:2008 «Системаи менеҷменти сифат», ISO 14001:2004 «Системаи менеҷменти экологӣ», ISO 22000:2005 «Системаи менеҷменти бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ», OHSAS 18001:2007 «Системаи менеҷменти махсуси бехатарӣ ва саломатӣ», низомҳои «HACCP» (Таҳлили хатарҳо ва назорат дар нуқтаҳои таҳдидомез) амалӣ гардонида шуданд.

Низоми идоракунӣ ва корҳои сертификатсионӣ дар 131 корхонаҳои ватанӣ тибқи талаботи стандартҳои байналмилалӣ ба сомон расонида шуда, айни ҳол дар 12 корхона ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалӣ корҳои сертификатсионӣ идома доранд.

**Намояи 4. Динамикаи гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда ва татбиқи имтиёзҳои қайдгардида дар ҷумҳурӣ дар соҳаҳои гуногун корхонаҳои истеҳсолӣ бо технологияи муосир таъсис дода шуд, ки ҳаҷми истеҳсоли молҳои ниёзи аввал афзоиш ёфта, талаботи бозори дохилӣ таъмин ва сохтори содирот бо тадриҷ васеъ мешавад.

Дар давраи татбиқи Барнома содироти молу маҳсулот аз 890,6 млн доллари соли 2015 ба 1174,4 млн доллар дар соли 2019 ё 1,3 маротиба зиёд карда шуд.

Ҳиссаи содирот дар ҳаҷми гардиши савдои хориҷӣ аз 20 фоизи соли 2015 то 26 фоиз дар соли 2019 афзоиш ва ҳиссаи воридот аз 80 фоизи соли 2015 то 74 фоиз дар соли 2019 коҳиш ёфт.

Шарикони тиҷоратии Тоҷикистон аз 90 то 116 кишвар тавсеа ёфта, асосан кишварҳои Россия (23,3 фоиз), Қазоқистон (21,2 фоиз), Хитой (14,6 фоиз), Туркия (8,3 фоиз), Ӯзбекистон (8 фоиз), Швейтсария (5,2 фоиз), Афғонистон (2,2 фоиз), Олмон (1,7 фоиз), Ҷопон (1,5 фоиз), Эрон (1,4 фоиз), Покистон (1,2 фоиз), Қирғизистон (1,2 фоиз), Италия (1 фоиз) ба ҳисоб мераванд.

Сохтори содиротии кишвар дар давраи ҳисоботӣ асосан аз ҳисоби фурӯши маъдану консентратҳо (25,3 фоиз), сангу филизоти қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо (19,2 фоиз), алюминийи аввалия (14,7 фоиз), нахи пахта (12 фоиз), қувваи барқ (8 фоиз), семент (5,8 фоиз) ташаккул ёфтааст.

Сохтори воридот аз маҳсулоти хӯрока (21,5 фоиз), маҳсулоти нафтӣ (11,6 фоиз), воситаҳои нақлиёти заминӣ (9 фоиз), таҷҳизоти технологӣ (7,6 фоиз), металлҳои сиёҳ (6,7 фоиз), гази моеъ (6,1 фоиз), мошину таҷҳизоти барқӣ (5,1 фоиз), чӯбу тахта ва маҳсулот аз он (3,8 фоиз), гилхок (3,2 фоиз), маҳсулоти полимерӣ, пластмасӣ (3,1 фоиз), маҳсулот аз металлҳои сиёҳ (2 фоиз) иборат мебошад.

**Намояи 5. Сохтори содирот ва воридот дар соли 2019**




Дар натиҷаи андешидани тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар самти ташкили истеҳсолоти воридотивазкунанда талаботи бозори истеъмолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ бо молҳои асосии хӯрокворӣ, асбобҳои рӯзгор ва масолеҳи сохтмонӣ таъмин гардида, ҳиссаи молу маҳсулоти шабеҳи воридотӣ сол аз сол коҳиш меёбад.

Дар давоми солҳои 2016-2019 истеҳсоли маҳсулоти ниёзи аввал ба таври мунтазам рушд ёфта истодааст, ки ҷавобгӯ ба ҳадафи Ҳукумати кишвар дар самти истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда мебошад.

Дар ин давра маҳсулоти воридотивазкунии асосӣ дар ҳаҷми 15,4 млрд сомонӣ истеҳсол шуд, аз ҷумла дар соли 2019 маҳсулоти хӯрокворӣ 4,9 млрд сомонӣ, семент 1,8 млрд сомонӣ, ангиштсанг ба маблағи 311,8 млн сомонӣ,

қубурҳои металлӣ 224,7 млн сомонӣ, маҳсулоти қаннодӣ 170,5 млн сомонӣ, олинҳо ва маҳсулоти он 111,5 млн сомонӣ, халтаҳои полипропиленӣ 98,1 млн сомонӣ, қубурҳои пластикӣ 39,6 млн сомонӣ, оби маъданӣ 30,9 млн сомонӣ, трансформатору таҷҳизоти барқӣ 14,4 млн сомонӣ, бомпӯшҳои оҳанӣ 6,5 млн сомонӣ, мармар 5,7 млн сомонӣ ва ғайра ташкил намуд.

Сохтори содирот аз 342 то 450 номгӯи молу маҳсулот зиёд гардид. Бахусус дар баробари алюминий, нахи пахта, сабзавоту мева, ҳиссаи содироти маъданҳо, семент, қувваи барқ, маҳсулоти тайёр аз пахта, шоҳӣ, пустҳои коркардшуда, металлҳои сиёҳ ва дигар маҳсулоти ватанӣ зам гардид.

Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар самти тақвияти истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ имкон дод, ки нишондиҳандаҳои нави маҳсулоти содиротӣ, аз ҷумла филизот ва маснуот аз онҳо 23,0 млн доллар, ашёҳои либосворӣ ва лавозимот барои либоса 15,8 млн доллар, ҷавҳарҳо ва афшураи растанӣ 7,2 млн доллар, тамоку ва маҳсулоти ивазкунандаҳои саноатии он 2,5 млн доллар, сурб ва маснуот аз он 2,3 млн доллар, моводи тарканда 1,6 млн доллар, нӯшокиҳои спиртӣ ва ғайриспиртӣ 1,4 млн доллар, орд 0,8 млн доллар, халтаҳо 0,1 млн доллар, лулаҳои пластмассӣ 0,07 млн доллар ва ғайра афзоиш ёбанд.

Дар натиҷаи диверсификатсияи содирот ва дарёфти бозорҳои нав солҳои охир содироти маҳсулоти коркарди меваю сабзавот, сару либос, маҳсулоти кимиёвии органикӣ, пластмасса ва маҳсулот аз он, металлҳои сиёҳ ва маҳсулот аз он, маҳсулот аз алюминий ва дигар молу маҳсулот тамоюли афзоиш доранд. Чунин тамоюл аз рақобатпазирии маҳсулоти содиротии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар баробари содироти молҳои асосӣ содироти як қатор молҳои ватанӣ бо вуҷуди ҳаҷм ва маблағи начандон калон доштанашон тамоюли афзуншавӣ касб намудааст. Масалан, риштаи пахтагин, наххои кимиёвӣ, матоъ, сурби коркардашуда, ширинбия, обҳо, аз ҷумла маъдан ва газноккардашуда, халтаҳо ва коғазхалтаҳои борпечонӣ, гӯшти мурғ, лулаҳои пластмасӣ, маҳсулот аз металлҳои сиёҳ ва ғайраҳо содирот шуданд, ки дар соли 2016 ҳаҷми он ночиз буд ё қариб содирот намешуданд.

Таҳлил ва мониторинги Барнома дар давраи татбиқ нишон медиҳад, ки иқтисодиёти кишвар аз таъсири омилҳои беруна вобастагии зиёд дорад ва тадбирҳое, ки дар оянда роҳандозӣ мешаванд бояд ба мақсади коҳиш додани онҳо равона карда шаванд.

Вазъи баамаломада вобаста ба паҳншавии пандемияи коронавирус COVID-19 дар ҷаҳон ва афзоиши таъсири он ба иқтисодиёти давлатҳои ҷаҳон моро водор месозад, ки фаъолияти самараноки корхонаҳои истеҳсолиро дар шароити паст гардидани талабот ба маҳсулот таъмин намуда, ҷиҳати нигоҳ доштани ҷойҳои кории амалкунанда, дастгирии бахши хусусӣ, бахусус савдо ва хизматрасониҳо, ки қисми зиёди аҳолии кишварро бо шуғли доимӣ таъмин менамоянд, тадбирҳои мушаххас андешем.

Тибқи баҳодиҳии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо дар соли 2020 аз сабаби таъсири паҳншавии пандемияи коронавирус дар ҷаҳон эҳтимолияти паст рафтани рушди савдои байналмилалӣ аз 13 то 32 фоиз ва Хазинаи Байналмилалии Асъор то 11 фоиз пешгӯӣ карда мешавад.

Бо мақсади ҳимояи бозори истеъмолӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ кишварҳои ҷаҳон содироти молу маҳсулотро дар давраи паҳншавии пандемияи коронавирус маҳдуд карда, чораҳои ҳимоявӣ андешиданд.

Татбиқи чораҳои ҳимоявӣ дар савдои байналмилалӣ нисбати давлатҳое, ки таъмини бозори истеъмолиашон аз воридот вобастагии зиёд дорад таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар давраи ҳисоботӣ зина ба зина татбиқ гардидани Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 имкон дод, ки иқтидори содиротии кишвар рушд ёфта, вобастагии бозори истеъмолӣ аз воридоти молу маҳсулот камтар гардад. Вале ба ин нигоҳ накарда, дар ин ҷода ҳоло ҳам имкониятҳои мавҷуда истифода нашудаанд.

Барои расидан ба ҳадафу афзалиятҳои рушди миллӣ дар самти мусоидат ба рушди содирот ва воридотивазкунии дар марҳилаи миёнамуҳлати минбаъда андешидани тадбирҳои зерин тавсия дода мешаванд:

1. Барои баланд бардоштани иқтидори содиротии кишвар ва мусбикунонии тавозуни гардиши савдои хориҷӣ заминаи меъёрии ҳуқуқии мусоидат ба рушди содирот ва воридотивазкунии интихобӣ такмил дода шуда, низоми расмиёти содироту воридот содда ва ниҳодҳои ба содирот мусоидаткунанда таъсис дода шаванд.

2. Дар Барномаи нав барои 5-соли оянда се самти асосӣ - ҳавасмандгардонии содирот, таъмин намудани гуногуншаклии истеҳсолоти ба содирот нигаронидашуда ва соддагардонии расмиёти савдо самтҳои афзалиятнок пешбинӣ гарданд.

3. Бо мақсади кам кардани таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисодиёти кишвар ва дар заминаи ашёи хоми ватанӣ ташкили истеҳсоли молҳои дорои арзиши баланди иловашудаи ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба бомаротиб зиёд намудани коркарди ниҳоии алюминийи аввалия, нахи пахта, маъданҳо, масолеҳи сохтмонӣ, маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар маҳсулот тадбирҳои мушаххас андешида шаванд;

4. Дар доираи ҳадафи саноатикунонии босуръат зиёд намудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ба содирот нигаронидашуда ва воридотивазкунанда, кам кардани вобастагии бозори истеъмолӣ аз воридоти маҳсулоти асосии ниёзи мардум, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии маҳсулот, беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ, инчунин тақвияти шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таъсиси марказҳои муосири логистикӣ, васеъ кардани долонҳои

байналмилалии коммуникатсионӣ, нақлиётӣ ва иқтисодӣ бояд меҳвари асосӣ бошанд.

5. Бо назардошти захираю имкониятҳои кишвар, интихоби соҳаҳои афзалиятнок, дарёфти бозорҳои мақсаднок, фароҳам овардани шароити хуби ташкилӣ, институтсионалӣ ва ҳуқуқӣ барои рушди содирот ва воридотивазкунӣ, бартараф намудани монеаҳои сунъӣ, ҳавасмандгардонии ҳамаҷонибаи содирот ва воридотивазкунӣ, беҳтар намудани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рейтингҳои байналмилалии савдо самтҳои муҳим муайян шаванд.

6. Бо назардошти муҳим будани фаъолияти соҳаҳои саноат ва кишоварзӣ дар рушди содироти кишвар, таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои ниёзи аввал ва дастрасии аҳолӣ бо ғизои солим вазоратҳои соҳавиро зарур аст, ки барномаҳои соҳавии истеҳсол ва коркардро дар заминаи ашёи хоми маҳаллӣ барои давраи миёнамуҳлати минбаъда таҳия намуда, бо мақсади мониторинг ва назорати иҷрои онҳо индикаторҳои баҳодиҳӣ вобаста ба истеҳсоли молу маҳсулоти алоҳида, таъмини бозори истеъмолӣ аз ҳисоби истеҳсолоти ватанӣ, инчунин ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои дурнамои содирот ва воридотивазкунӣ дарҷ карда шаванд.

7. Бо мақсади ба меъёрҳои талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ мутобиқ гардонидани барнома, ба истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва манбаъҳои барқароршавандаи энергия диққати махсус дода шавад. Амалӣ намудани асосҳои иқтисодиёти «сабз» дар кишвар ба афзоиши ҳаҷми содироти маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ба баланд шудани сифати зиндагӣ ва муҳити зист мусоидат мекунад, ки дар он технологияҳои каммасрафи энергия истифода мегардад;

8. Масъулияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати таъмини амнияти озуқаворuи кишвар, ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ, содда гардонидани ҷудо намудани замин бо мақсадҳои ташкили истеҳсолот, истифодаи самараноки замин ва дигар сарватҳои табиӣ баланд бардошта шавад.

9. Бо мақсади таҳкими минбаъдаи муносибатҳои тиҷоратӣ бо кишварҳои шарики тиҷоратӣ масъалаҳои соддагардонии расмиёти савдо дар доираи талаботҳои байналмилалӣ бо истифода аз узвият дар Созмонии Умумиҷаҳонии Савдо, масъалаҳои пурра ва самаранок фаъолият намудани низомҳои «Равзанаи ягона», «Истгоҳи ягона» ва долонҳои сабз ҳаллу фасл карда шаванд ва соддагардонии расмиёти савдо боз ҳам беҳтар гардад.

10. Ташкили терминали борфарорию азнавборкунии маҳсулот, маркази логистикии бастабандӣ ва коркард дар назди истгоҳҳои роҳи оҳан, махсусан дар ҷануби кишвар муҳим буда, таҳияи лоиҳаи сармоягузорӣ ҷиҳати маблағгузорӣ ва татбиқи он бо шарикони рушд зарур арзёбӣ мегардад.

11. Ҷиҳати беҳтар намудани муаррифии молу маҳсулоти ватанӣ дар хориҷи кишвар, дарёфти бозорҳои нав, диверсификатсияи содирот ва ҳавасмандгардонии субъекҳои фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, фаъолияти ниҳодҳои мусоидаткунандаи содирот, аз ҷумла Агентии содирот,

намояндагиҳои тиҷоратӣ дар хориҷи кишвар ва Бонки давлатии саноатию содиротии «Саноатсодиротбонк» дар доираи вазифаҳои низомномавӣ тақвият бахшида шаванд.

12. Тақвияти корҳо дар самтҳои идоракунии сифат, ташкили ташхисгоҳҳои замонавии дорои аккредитатсияи байналмилалӣ, эътирофи сертификати мол дар хориҷи кишвар ва дар доираи талаботи муосир бастубанду тамғагузорӣ намудани маҳсулот муҳим мебошанд.

13. Бо назардошти таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти гузариш ба савдои электронӣ зарур шуморида мешавад, ки дар доираи консепсияи гузариш ба иқтисоди рақамӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолият дар самти савдои электронӣ таҳия ва қабул карда шаванд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки вазъи баамаломадаи ҷаҳонӣ дар баробари паёмадҳои қайдгардида имкониятҳои хубро низ барои зиёд намудани истеҳсол ва содироти маҳсулоти кишоварзӣ ва саноатӣ, бахусус хӯрока, ниқобҳои тиббӣ, либосҳои муҳофизатии тиббӣ, маҳлулҳои антисептикӣ, маводҳои безараргардонӣ муҳайё месозад, ки ҷиҳати истифодаи ҳаматарафаи онҳо ба манфиати иқтисодии кишвар Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вазорату идораҳо дастуру супоришҳои дахлдор доданд.

# БОБИ 4. РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ БАХШИ ИҶТИМОӢ

Таъмини шароити арзандаи зиндагии ҳар як шаҳрванди кишвар яке аз ҳадафҳои асосии БМР 2016-2020 ба ҳисоб рафта, корҳои назарраси дар ин самт ба анҷомрасонидашуда имкон дод, ки сатҳи иҷтимоии аҳолӣ беҳтар гардад.

Аз рӯи маълумоти расмӣ давомнокии пешбининамудаи умр пас аз таваллуд аз 73,5 (аз ҷумла мардон 71,7 ва занон 75,5) сол дар соли 2015 ба 75,0 сол, аз ҷумла мардон 73,3 сол ва занон 76,9 сол дар соли 2018 расидааст, ки болоравиии ин нишондиҳанда аз беҳтар шудани шароити зиндагӣ ва хизматрасониҳо ба аҳолӣ дарак медиҳад.

Дар соли 2019 хароҷоти буҷети давлатӣ ба хароҷоти ғайриасосии соҳаҳои иҷтимоӣ 15,4 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи пешбининамудаи барнома 3,3 банди фоизӣ кам мебошад. Вале нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса ба соли 2015 ба андозаи 2,3 банди фоизӣ зиёд шудааст.

## 4.1. Шуғли пурмаҳсул

Шуғли пурмаҳсул яке аз ҳадафҳои фарогири стратегии кишвар буда, тавассути ҳамасола таъсис додани шумораи зиёди ҷойҳои корӣ таъмин карда мешавад. Ба ин мақсад пешбинӣ шудааст, ки дар давраи то соли 2020 ҳамасола на кам аз 100 ҳазор ҷойи кори пурмаҳсули иловагӣ бояд таъсис дода шавад.

Дар ин давра барои рушди соҳа як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаҳои дахлдор, аз ҷумла Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба танзими қувваи корӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 октябри соли 2019, №494 ва Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи ҷалби мутташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баамалбарории фаъолияти муваққатии меҳнатӣ дар қаламрави Федератсияи Россия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 декабри соли 2019, №614, инчунин Барномаи маҷмӯии паст кардани сатҳи шуғли бақайдгирифтанашуда (ғайрирасмӣ) барои солҳои 2019 - 2023, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ барои солҳои 2018 – 2019 ва ғайраҳо қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд.

Дар чор соли татбиқи барнома 654,7 ҳазор ҷойи нави корӣ, аз ҷумла 300 ҳазор доимӣ, 166,2 ҳазор муваққатӣ ва 160,2 ҳазор мавсимӣ таъсис дода шуданд.

Танҳо дар соли 2019 аз рӯи маълумоти расмии оморӣ 69,9 ҳазор ҷойи кории доимӣ таъсис дода шудааст, ки дар муқоиса ба соли заминавӣ аз рӯи нишондиҳандаи мазкур 8,4 ҳазор ҷойи кории доимӣ зиёд мебошад.

**Намояи 6. Тақсимоти ҷойҳои нави корӣ дар солҳои 2016-2019 (ҳазор нафар)**




Аз рӯи нишондиҳандаи пешбинишудаи барнома афзоиши сатҳи шуғл дар соҳаи саноат ҳамасола на кам аз 4 фоиз пешбинӣ шудааст. Афзоиши музди меҳнати минималӣ дар соли 2019 аз руи нишондиҳандаи пешбинигардида 400 сомониро ташкил дод.

## 4.2. Маориф ва илм

Соҳаи маориф ва илм дар Барномаи миёнамуҳлати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 ҳамчун афзалияти стратегӣ муқаррар гардида, «Рушди сармояи инсонӣ» яке аз мавкеъи муҳимро ишғол менамояд.

Дар доираи татбиқи Барномаи мазкур бо қарорҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030, Барномаи давлатии рушди таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ва дигар барномаву ҳуҷҷатҳо таҳия ва қабул гардида, мавриди амал қарор доранд.

Барои рушди соҳаи маориф аз ҷониби ҳукумати кишвар маблағгузории соҳаи маориф ва сохтмону азнавсозии муассисаҳои таълимӣ диққати махсус дода шуда, маблағгузории соҳа дар соли 2019 4,4 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2016 1,2 маротиба зиёд аст.

Тибқи маълумоти оморӣ аз соли 2016 то соли 2019 дар ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 612 иншооти соҳаи маориф барои 138877 ҷойи нишаст ба маблағи умумии қариб 2,4 миллиард сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Танҳо соли 2019 ба маблағи 500 миллион сомонӣ 130 муассисаи таҳсилоти умумӣ бо зиёда аз 32 ҳазор ҷойи нишаст ба истифода супорида шуд.

Аз ин шумора 32 муассиса бо қариб 10 ҳазор ҷойи нишаст аз ҳисоби соҳибкорону шаҳрвандони саховатпешаи кишвар ба маблағи беш аз 122 миллион сомонӣ бунёд шуда, ҳиссаи онҳо дар сохтмон ва таъмиру азнавсозии муассисаҳои соҳаи маориф ва дигар бахшҳо рӯз ба рӯз афзуда истодааст.

Шароити таъминнокии муассисаҳои таълимӣ беҳтар гардида, шумораи компютерҳо аз 48 ҳазор то 67 ҳазор зиёд ва дар ин давра муассисаҳо бо 3046 тахтаи электронӣ муҷаҳҳаз гардонида шуданд.

Шумораи кӯдакистонҳо дар ҷумҳурӣ аз 603 адади соли 2016 ба 662 адад дар соли 2020 расонида шуд. Шумораи кӯдакон дар онҳо аз 94724 нафари соли 2016 ба 102175 нафар расида, фарогирии кӯдакон дар муассисаҳои томактабӣ 15 фоизро ташкил медиҳад.

Шумораи марказҳои инкишофи кӯдакон то ин давра 1771 ададро бо фарогирии 49721 нафар кӯдакон ташкил намуд. Ислоҳоти соҳаи илму таҳқиқот идома ёфта, Академияи илмҳо ба Академияи миллии илмҳо табдили ном ва сохтори он, ҳамзамон сохтори академияҳои соҳавии ҷумҳурӣ низ мукаммал гардид. Бо мақсади ҳамоҳангсозӣ ва назорати раванди ислоҳоти соҳаи илму маориф дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Шӯрои илм, маориф ва инноватсия таъсис дода шуд.

Солҳои 2020-2040 «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва риёзӣ» эълон гардида, дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ афзалият ба ихтисосҳои муҳандисиву техникӣ дода шуд.

Нишондиҳандаи ба истифода додани ҷойи нишаст дар муассисаҳои таҳсилоти мактабӣ дар давоми солҳои 2018-2019 ба 32 ҳазор ҷойи нишаст расид, ки нисбат ба нишондиҳандаи нақшавии барнома барои ду сол 49,5 фоиз иҷро шудааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ин самт пешравиҳо ба назар мерасанд, чунки афзоиши воқеии он дар соли 2017 20,6 ҳазор адад ва дар соли 2016 ба андозаи 12,2 ҳазор адад таъмин шудааст.

Сатҳи фарогирӣ бо мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёна дар соли 2018 94,4 фоизро ташкил дода, он дар соли 2019 ба 95,5 фоиз расид.

Фарогирии духтарон аз рӯи нишондиҳандаи мазкур беҳтар гардида, дар соли 2019 нисбат ба соли 2015 ба 9,1 фоиз боло рафт. Таъминоти мактабҳои миёна бо кадрҳои омӯзгории дорои маълумоти олии касбӣ мусбат арзёбӣ гардида, соли 2019 нишондиҳандаи он ба 79,9 фоиз расид, ки дар муқоиса ба соли 2018 ба андозаи 1,6 банди фоизӣ ва дар муқоиса ба соли 2015 бошад ба андозаи 7,2 банди фоизӣ зиёд шудааст. Тағйирёбии ин нишондиҳанда дар деҳот низ мусбат арзёбӣ мешавад, зеро он соли 2019 дар муқоиса ба соли 2018 ба андозаи 1,7 банди фоизӣ ва дар муқоиса ба соли 2015 бошад ба андозаи 17,8 банди фоизӣ баланд гардидааст.

Ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбие, ки ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дохил шудаанд 50 фоизро ташкил дод, ки баробари нақшаи барнома мебошад.

Шумораи донишҷӯён ба 10 ҳазор нафар аҳолӣ 246,2 нафар, аз ҷумла занҳо/духтарон 166,4 нафарро дар соли 2019 ташкил дод, ки нисбат ба нақшаи барнома шумораи духтарон ба 16,4 нафар зиёд гардидааст.

Хароҷоти буҷет ба соҳаи илм дар соли 2019 ба андозаи 0,14 фоизи ММД-ро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2018 ҳамагӣ 0,01 банди фоизи зиёд гардида, хароҷоти буҷет ба соҳаи илм нисбат ба нақшаи пешбинишуда 0,5 фоиз зиёд шудааст.

### 4.3. Тандурустӣ ва дарозумрӣ

Ҳифзи саломатии аҳолӣ яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати самти ҳифзи иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар доираи амалисозии Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2020 ҷиҳати фароҳам овардани инфрасохтори мусоиди соҳаи тандурустӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифат, саривақтӣ ва баландихтисоси тиббии муосир ва муқтадири тиббӣ фаъолият идома дода шуд.

Заминаҳои меъёрии ҳуқуқии раванди идоракунии солимии аҳолӣ ва фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таҷдид гардида, меъёрҳои пешбурди тарзи ҳаёти солим ҷорӣ шуданд.

Стратегияи рушди кумаки аввалияи тиббӣ–санитарӣ дар асоси принсипҳои тибби оилавӣ барои солҳои 2016–2020 таҳия ва ба тасвиб расида, татбиқи чорабиниҳо дар доираи ҳуҷҷати мазкур ба рушди фаъолият дар самти беҳдоштии муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ–санитарӣ ва беҳтар намудани дастрасии аҳолӣ ба сифати хизматрасониҳои тиббӣ мусоидат намуд.

Ҳамзамон Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардид, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи тандурустӣ ба танзим даровaрда, ба татбиқи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳифзи саломатии онҳо равона гардидааст.

Дар ин радиф низоми паст кардани хавфи мубталошавӣ ба беморшавӣ таъсис дода шуда, чорабиниҳои марбут ба таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ татбиқ карда шуданд.

Дар ин давра буҷети соҳаи тандурустӣ аз 1,3 то ба 1,7 млрд. сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 2016-ум 30 фоиз зиёд гардидааст.

Бо ин роҳ инфрасохтори ин соҳаи муҳими иҷтимоӣ, махсусан, дар деҳоти кишвар ва сифати хизматрасониҳо ба куллӣ тағйир ёфта истода, тайи як сол садҳо иншооти тандурустӣ, аз ҷумла беморхонаҳои замонавӣ, марказҳои саломативу бунгоҳҳои тиббӣ бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуданд.

Дар ин давра барои муассисаҳои тиббии мамлакат аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва дигар сарчашмаҳо дастгоҳу таҷҳизоти замонавӣ, аз ҷумла томографи компютерӣ ва магнитию резонансӣ, дастгоҳи эндовидеоҷарроҳӣ, дастгоҳи рентгении рақамӣ, дастгоҳи поксозии хун (гемодиализ), дастгоҳ барои майда кардани санги гурда (литотриптор), дастгоҳи рентгенӣ барои ташхиси ғадуди ширӣ (мамограф), ангиограф ва дастгоҳи ташхисиву

табобатӣ барои беморони гӯшу гулӯ ва бинӣ (ЛОР-комбайн) ва дигар таҷҳизоти муосир харидорӣ ва насб гардиданд.

Дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд дар шаҳри Душанбе аввалин Озмоишгоҳи миллии референсӣ ба фаъолият шурӯъ намуд, ки бо таҷҳизоти муосир ташхисҳои ниҳоят дақиқро бо сифати баланд ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ ба мурочиаткунандагон пешниҳод менамояд.

Дар натиҷаи фаъолияти босамари Маркази миллии илмии пайвандсозии узв ва бофтаҳои инсон шумораи ҷарроҳиҳо дар маркази мазкур бамаротиб зиёд гардида (то имрӯз 718 амалиёти ҷарроҳӣ), аз ҷумла теъдоди бемороне, ки аз хориҷи кишвар барои анҷом додани амалиёти пайвандсозии узвҳо ба кишвари мо мурочиат менамоянд, афзуд (то имрӯз 138 нафар). Бори аввал дар ҷумҳурӣ амалиёти пайвандсозии мағзи устухон роҳандозӣ гардида, ба 13 нафар беморон чунин амалиёт бомуваффақият анҷом дода шудааст.

Фаъолияти Муассисаи давлатии «Маҷмааи тандурустии Истиқлол» ба таври пурра ба роҳ монда шуда, дар пойгоҳи маҷмааи мазкур аввалин маротиба дар ҷумҳурӣ ба беморон амалиёти ҷарроҳӣ ҳангоми сактаи геморрагии майнаи сар гузаронида шуд.

Дар ин давра Маркази перинаталӣ дар шаҳри Кӯлоб ба кор оғоз намуда, сохтмони чунин Марказ дар шаҳри Бохтар идома дорад.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалишуда, шумораи муассисаҳои тиббӣ 3738 адади соли 2016 ба 4369 адад дар соли 2019 расонида шуд, ки ин ин 631 адад нисбат ба соли 2016 зиёд мебошад.Танҳо соли 2019 дар мамлакат 154 муассисаи тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ба истифода дода шуд.

Бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва мутахассисони хориҷӣ як қатор муассисаҳои тиббии сатҳи байналмилалӣ, аз қабили ҶСК «Дили солим» (Ҷумҳурии Исломии Эрон), ҶДММ «Нурафзо» (ИМА), ҶДММ «Риелт Компани» (ИМА), ҶДММ «Асан» (Ҳиндустон), ҶДММ «Эпикс» (Ҳиндустон) таъсисёфта, фаъолият менамоянд.

Ҳамзамон, тибқи таҳлилҳо дар давраи иҷрои Барнома чун нишондиҳандаи некӯаҳволии иҷтимоӣ – иқтисодии давлат ва самаранокии фаъолияти муассисаҳои тандурустӣ дарозумрии миёнаи шаҳрвандон то 75 сол боло рафта, фавти модарон 1,2 маротиба ва фавти кӯдакони то синни 5 сола 2,2 маротиба коҳиш ёфтааст.

Бо мақсади пешгирии паҳншавии пандемияи коронавирус дар соли 2020-2021 беш аз 1 млрд сомонӣ барои сохтмони беморхонаҳои сироятӣ ва маводи таҷҳизоти тиббӣ ҷудо мегардад.

Низоми таъин, маблағгузорӣ ва пардохти кумакпулии унвонии иҷтимоӣ барои шаҳрвандон ва оилаҳои камбизоат таҳия гардида, механизми мукаммали он дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ амалӣ карда мешавад.

Дар ин давра зиёда аз 470 ҳазор оилаҳои камбизоат дар ҳаҷми 177 миллион сомонӣ кумакпулии унвонии иҷтимоӣ таъин ва пардохт карда шудааст. Бо мақсади таҷлили сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳру ноҳияҳои кишвар сохтмону таҷдиди 24311 иншооти иҷтимоию иқтисодӣ ба нақша гирифта шуда, то нимаи соли 2020 зиёда аз 13687 иншоот сохта ба истифода дода шуд, ки 57,1 фоизи нақшаро ташкил медиҳад.

Дар натиҷаи ин тадбирҳо дар давоми чор соли татбиқи барнома иҷрои аксарияти нишондиҳандаҳои рушди соҳаи тандурустӣ дар сатҳи чашмдошти нақшавӣ таъмин гардиданд.

Аз ҷумла, дар соли 2019 ҳиссаи аҳолии ба кумаки тиббӣ таъминбуда 89 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба соли базавӣ 3 банди фоизӣ кам мебошад. Нишондиҳандаи мазкур аз сатҳи соли 2018 ба андозаи 1 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст.

Нишондиҳандаҳои таъмин намудани муассисаҳои табобатӣ бо кормандони олии тиббӣ ва кормандони миёнаи тиббӣ соли 2019 85 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба соли базавӣ 2,3 банди фоизӣ зиёд мебошад. Аз ҷумла дар деҳот 83 фоизро ташкил дод, ки дар қиёс ба соли базавӣ 11,0 банди фоизӣ ва нисбат ба нақшаи барнома 3 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Тибқи нишондиҳандаи нақшаи барнома ҳамасола коҳиш додани бемориҳои сирояткунанда на кам аз 10,0 фоиз пешбинӣ шудааст. Маълумоти расмӣ нишон медиҳад, ки вобаста ба нишондиҳандаи мазкур тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, шумораи нафарони гирифтори касалиҳои сирояткунанда тадриҷан кам шуда истодааст. Аз ҷумла, дар муқоиса ба соли базавӣ (16%) гирифтори бемориҳои сироятӣ ба андозаи 7,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст.

Бартараф намудани баъзе сироятҳои ба ваксина идорашаванда қариб ки пурра аз байн бурда шудааст. Пеш аз ҳама ба ин андешидани тадбирҳои пешгирикунанда ба гурӯҳҳои сатҳи хатари баланддошта равонашуда, дастрасӣ ба ёрии тиббӣ, бо флюорография фаро гирифтани бештари аҳолӣ, тавсеаи воридоти дорувории самарабахш, таъмини муассисаҳо бо кормандони баландихтисос бо таҷҳизоти замонавӣ барои табобати бемориҳои сироаткунанда, беҳтар намудани ташхис, такмили ихтисоси духтурон мусоидат намуд.

Дар давоми чор соли татбиқшавии барнома беш аз 19,4 фоиз кормандони тиббӣ бо такмили ихтисос фаро гирифта шуда, ҳамаи муассисаҳои кумаки аввалияи тиббӣ ба маблағгузории сарикасӣ гузаштанд, ки дар муқоиса ба соли базавӣ 72 банди фоизӣ зиёд аст. Дар натиҷаи мунтазам мукаммал намудани ҷадвали эмкунонӣ барои пешгирии бемориҳои сироятӣ ва дигар чорабиниҳои зидди сурхакон (гул) 97 фоизи кудакон дорои харитаи ваксинакунонӣ гардида, ин бморӣ мунтазам коҳиш ёфта истодааст.

Инчунин аз ҳисоби беҳтар гардидани хизматрасонии тиббӣ, таъмини аҳолӣ ба оби тозаи ошомиданӣ, пурзӯр кардани амалиётҳои тиббӣ бо мақсади пешгирии сироятёбӣ ва дигар чорабиниҳо камшавии дигар бемориҳои сироятӣ мушоҳид мегардад.

Вобаста ба барномаҳои эҳёгарӣ (реабилитатсия) дар иттиҳодҳои шахсони маъюб ҳоло 23 барномаи эҳёгарӣ мавриди амал қарор дорад, ки 13 барнома дар муқоиса ба соли 2015 зиёд мебошад.

Ба натиҷаҳои ноилшуда нигоҳ накарда ҳанӯз мушкилиҳо дар самти дастрасӣ ба хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ бахусус барои камбизоатон, норасоии ғизо дар байни кӯдакони то сини 5-сола, беморӣ ва фавт аз ҳисоби касалиҳои дилу раг, бемориҳои сироятӣ, сатҳи омода намудани мутахассисони касбии соҳа ва низоми тайёр намудани мутахассисони тиб боқӣ мемонанд.

Инчунин то ба ҳол дар самти таъсис додани ташхисгоҳҳо оид ба назорати бойторию санитарӣ ва фитосанитарӣ мушкилиҳои зиёд ба назар мерасад, ки ба саломатии инсон хатар дорад.

Бартараф намудани мушкилиҳо ва ноил шудан ба натиҷаҳои онҳо барои ташаккули механизмҳои таъмини рушди давомнокии солимии зиндагии мардум мусоидат мекунад.

Аз ин рӯ, дар давраи миёнамӯҳлати минбаъда рушди бахши тандурустӣ ба таъмини дастрасии баробар ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ, ташвиқу тарғиби тарзи ҳаёти солим, мунтазам паст кардани сатҳи фавти модару кӯдак, кам кардани мушкилоти вобаста ба бемориҳои сироятӣ, рушди низоми таҳсилоти тиббӣ ва дастгирии рушди муассисаҳои тиббии ғайридавлатӣ равона карда шавад.

**4.4. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ**

Вобаста ба афзоиши воқеии нафақа ҳамасола тадбирҳои зарурӣ андешида шуда, дар доираи имкониятҳои мавҷуда нафақа афзоиш дода мешавад. Дар ин давра нафақапулӣ 15,4 фоиз зиёд карда шудааст.

Дар соли 2019 нишондиҳандаи коэффитсиенти ивазкунӣ ба 20,0 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба нақшаи нишондиҳандаи пешбининамудаи барнома 18 банди фоизӣ ва дар муқоиса ба соли воқеӣ 8,2 банди фоизӣ кам мебошад.

Ҳамчунин, нишондиҳандаи мазкур дар соли 2018 ба 20,0 фоиз баробар гардида, нисбат ба соли 2017 бетаъғйир мебошад.

Ҳоло беш аз 40 фоизи минтақаҳо ба кумаки суроғавии иҷтимоӣ фарогир мебошанд, ки дар муқоиса ба соли воқеӣ 5 банди фоизи зиёд мебошад.

Тибқи нақшаи ҳиссаи кормандони иҷтимоие, ки аз такмили ихтисос гузаштанд 23,5 фоизро фаро мегирад, ки ин дар муқоиса ба соли заминавӣ 3,5 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар давоми чор сол ҷиҳати таҳияи спетсификатсия ва стандартҳои намунавии пешниҳоди хизматрасониҳо, ки барои аҳолии осебпазир равона шуданд 11 дастур таҳия карда шудааст, ки пешниҳоди сифатноки хизматрасониро барои аҳолии осебпазир ба роҳ мемонанд.

### 4.5. Фарҳанг

Фарҳанг дар БМР 2016–2020 ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҳифзи арзишҳои фарҳангӣ, бахши муҳими баланд бардоштани бахши фарҳангии ҷомеа, таъминкунандаи афзоиши шуғл ва ҷойҳои нави корӣ баррасӣ мегардад, ки ба воридоти сармоя ба мамлакат мусоидат менамояд.

Дар солҳои 2016–2019 дар маҷмӯъ дастгирии раванди рушди ҳамаи унсурҳои асосии фарҳанги миллӣ: мероси таърихӣ–фарҳангӣ, эҷодиёти бадеӣ дар асоси касбият ва ҳаваскорӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва эҷодиёти бадеӣ таъмин гардиданд.

Дар давраи татбиқи БМР 2016–2020 рушди соҳаи фарҳанг бо татбиқи Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016–2020, Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2019 ва Барномаи давлатии ҳифзи мероси таърихӣ – фарҳангӣ барои солҳои 2012 – 2020 таъмин карда шудаанд.

Равандҳои глобалӣ талаботи асосии фарҳангии аҳолиро тағйир доданд: тамоюл барои тавсеаи шаклҳои нави гузаронидани вақти холӣ барои фароғат ба қайд гирифта шуд.

Дар давраи солҳои 2016–2019 истироҳати фарҳангӣ ва фароғатӣ ташаккул ёфт. Дар мамлакат маҷмааҳои фарҳангию варзишӣ ва марказҳои савдо ва хизматрасони сохта мавриди истифода қарор гирифта, боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ азнавсози карда шуд ва як қатор фестивалу идҳо баргузор гардид.

Гузаронидани рӯзҳои фарҳангии Тоҷикистон дар мамлакатҳои ҳамсоя ва давлатҳо – шарикони стратегии ҷумҳурӣ афзалияти анъанавӣ пайдо карда, ниҳоятан устувор шудааст.

Ба феҳристи ЮНЕСКО ворид намудани санъати Шашмақом ва мероси ғайримодии фарҳангӣ – ҷашнҳои миллии Наврӯз, чакан ва Оши палов муяссар гардида, корҳо барои ворид намудани санъати Фалак ба феҳрист идома доранд.

Дар давоми чор сол шумораи чорабиниҳо оид ба оммавикунонии анъанаҳо беш аз 6211 чорабинӣ ва иншооти мероси фарҳангӣ 3528 воҳидро дар бар мегиранд, ки тибқи нақша ҳамасола на кам аз 100 чорабинӣ пешбинӣ шудааст.

Тибқи нишондиҳандаи таъминоти маҷмӯӣ бо китобхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангию истироҳатӣ дар давоми солҳои 2015-2019 ба 100 ҳазор аҳолӣ 76,8 нафар рост омад, ки дар муқоиса ба нақша 24,8 нафар ва дар қиёс ба соли базавӣ 50,7 нафар зиёд мебошад.

Дар соли 2019 таъминоти маҷмӯӣ бо театрҳо, осорхонаҳо, толорҳои консертӣ ва коллективҳои филармонӣ ба 100,0 ҳазор аҳолӣ 1,32 нафар рост омад, ки дар муқоиса ба соли заминавӣ 0,32 нафар зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда аз он шаҳодат медиҳад, ки фарогирӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ давоми солҳои охир беҳтар шудааст.

Солҳои 2018-2019 афзоиши шумораи донишҷӯёне, ки таълими касбӣ ва олии ба фарҳанг алоқамадро гирифтаанд мутаносибан 57,5 ва 46 фоизро

ташкил дод, ки нисбат ба нишондиҳандаи нақшавии барнома ҳамасола мувофиқан 47,5 ва 36 фоиз зиёд мебошад.

Бо вуҷуди мусоидат намудани тадбирҳои зиёди амалишуда ба рушди низоми фарҳанг дар ин самт ҳанӯз тамоюли афзоиши хизматрасониҳои фарҳангӣ нокифоя боқӣ мемонад.

Дар ин самт дар марҳилаи миёнамуҳлати минбаъда пешниҳод карда мешавад, ки чорабиниҳои муҳими татбиқнашудаи бахши фарҳанг, аз қабили таҳияи нақшаи минтақавии ҷойгиршавии муассисаҳои фарҳангӣ ва санъат, таҳия ва тасдиқи стандартҳои касбии кормандони муассисаҳои фарҳангӣ, истифодаи талаботи тахассусӣ ба кормандон, бозомӯзӣ, баланд бардоштани сатҳи тахассус, фароҳам овардани шароит ва омилҳо барои ҷалби тиҷорати хусусӣ дар лоиҳаҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ,таҳия ва тасдиқи Консепсияи бренди миллии мамлакат ва таъсиси кластерҳо оид ба саноати технологияҳои иттилоотӣ ба марҳилаи миёнамуҳлати солҳои 2021-2025 гузаронида шаванд.

# БОБИ 5. РУШДИ МАҶМӮИИ МИНТАҚАҲО

Рушди минтақаҳои мамлакат яке аз самтҳои бунёдии пешбурди ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун заминаи устувор дар таъмини дараҷаи зарурии бехатарии энергетикӣ ва амнияти озуқаворӣ, рушди имкониятҳои инфрасохторию коммуникатсионии мамлакат ва фарогир кардани шуғли пурмаҳсул дар саросари кишвар арзёбӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, дар БМР 2016–2020 баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунӣ дар шаҳрак ва деҳот; таъсис додани шароити ҷаззоб барои пешбурди тиҷорат; ташаккули асосҳои институтсионалии шаҳрнишинӣ; ташаккули кластерҳои минтақавӣ – истеҳсолӣ ва ҳудудҳои рушди саноатӣ ҳамчун манбаъҳои рушди устувор муайян карда шуданд.

Дар давоми татбиқи ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани равандҳои рушд дар ҷомеа, бахусус дар сатҳи рушду нумӯи минтақаҳои кишвар тадбирҳои зиёд андешида шуд, ки онҳо дар инкишофи минбаъдаи минтақаҳои кишвар заминаи воқеӣ гузоштанд. Инчунин қабул ва татбиқи барномаҳои соҳавӣ ва минтақавӣ низ бевосита ба рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳои кишвар такони ҷиддӣ доданд.

Дар натиҷа ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ (МММ) дар муқоиса ба соли 2007 (11,7 млрд. сомонӣ) ба андозаи 6 маротиба, аз ҷумла дар шаҳри Душанбе 6 маротиба, вилояти Суғд 7 маротиба, Хатлон 5 маротиба, ВМКБ 6 маротиба ва НТҶ 3,6 маротиба афзоиш ёфтааст, ки ин тамоюли устувори рушди муттасили иқтисодиёти минтақаҳои кишварро нишон медиҳад. Соли 2019 ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ 88,4 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил дод. Дар сохтори МММ ҳиссаи шаҳри Душанбе 19,6 фоиз, вилояти Суғд 26,5 фоиз, Хатлон 25,4 фоиз, ВМКБ 1,4 фоиз ва НТҶ 15,9 фоиз мебошад, ки ин фарқияти афзоишёбандаи байни минтақаҳоро нишон медиҳад.

Таҳлили маълумотҳои оморӣ нишон медиҳад, ки барои минтақаҳои мамлакат тамоюли мунтазам афзоишёбӣ аз рӯи нишондиҳандаи ҳаҷми МММ ба ҳар нафар аҳолии минтақаҳо хос мебошад. Масалан аз рӯи андозаи номиналии маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба ҳар нафар аҳолӣ дар шаҳри Душанбе аз 3326 сомонии соли 2007 то 17704 сомонӣ дар соли 2019 (ба андозаи 5,3 маротиба), вилояти Суғд аз 1331 сомонӣ то 7631 сомонӣ ( 5,7 маротиба), вилояти Хатлон аз 1344 сомонӣ то 6004 сомонӣ (4,5 маротиба), ВМКБ аз 1144 сомонӣ то 4653 сомонӣ (4,1 маротиба) ва НТҶ аз 1885 сомонӣ то 5600 сомонӣ (3 маротиба) зиёд шуда бошад ҳам, вале тафовути фарқунанда байни минтақаҳо аз рӯи ин нишондиҳанда ба мушоҳида мерасад. Масалан, ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон 1 маротиба, ВМКБ 1,2 маротиба ва НТҶ 2,3 маротиба дар муқоиса ба шаҳри Душанбе кам мебошад.

Тадбирҳои андешидашуда ба коҳишёбии нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ дар тамоми минтақаҳои кишвар мусоидат намуд. Камбизоатӣ

дар маҳаллаҳои деҳот аз 35,2 фоиз дар соли 2015 то 30,1 фоиз дар соли 2019, дар шаҳрҳо аз 23,2 фоиз то 18,4 фоиз паст гардид.

Арзёбӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра суръати пастшавии камбизоатӣ дар ВМКБ (9,7 банди фоизӣ), вилоятҳои Суғд (6,9 банди фоизӣ), Хатлон (3 банди фоизӣ) НТҶ (4,9 банди фоизӣ) ба қайд гирифта шудаанд. Дар робита ба ин, ҳарчанд сатҳи камбизоатӣ дар шаҳри Душанбе (2,4 банди фоизӣ) мутаносибан паст бошад ҳам, зарурати вусъатдиҳӣ ва натиҷабахшии фаъолнокии иқтисодӣ, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои кории пурмаҳсулро тақозо мекунад.

Дараҷаи фарқият дар рушди иҷтимоию иқтисодӣ байни вилоятҳо ва шаҳри Душанбе вобаста ба меъёрҳои сарикасӣ, аз ҷумла аз рӯи МММ – аз 4 маротиба дар соли 2015 то 3,8 маротиба дар соли 2019; саноат – аз 5,1 то 4,2 маротиба; гардиши чаканаи молҳо – аз 8,5 то 8,3 маротиба паст шудааст.

**Намояи 7. Сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои мамлакат**




Динамикаи мусбати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли саноатӣ дар тамоми минтақаҳои мамлакат ба мушоҳида расида, пешравиҳо дар сохтори минтақавии саноат ба назар мерасад. Ҳиссаи вилояти Суғд дар ҳаҷми умумии истеҳсоли саноатӣ зиёд гардидааст.

Дар давраи татбиқи БМР 2016–2020  ҳиссаи субвенсия дар ҳаҷми умумии даромаҳои буҷетҳои маҳаллӣ ба андозаи 1,5% паст гардид, аммо афзоиш нигоҳ дошта мешавад (ҳиссаи субвенсияҳо дар даромадҳои буҷетҳои маҳаллӣ 15% - ро ташкил медиҳад). Зарурати ҳавасмандкунии афзоиши манбаъҳои андозӣ дар минтақаҳои мамлакат ва хароҷотҳои муносиби буҷетӣ ва мусоидат дар беҳтар намудани муҳити сармоягузорӣ мутаносибан нигоҳ дошта мешаванд.

Дар иртибот ба ин, арзёбӣ нишон медиҳад, ки ҳиссаи аҳолии шаҳрҳо батадриҷ, аз ҷумла дар натиҷаи муҳоҷирати дохилӣ, рушди шаҳрҳои хурд ва азнавташкилдиҳии шаҳракҳои навъи шаҳр афзоиш меёбанд.

Вобаста ба ин тавсия дода мешавад, ки минбаъд барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳал аз рӯи чунин самт ва ҳадафҳо таҳия карда шаванд:

- баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ тавассути муҳайё кардани шароит барои таъмини рушди баробари иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон;
- паст кардани номутаносибии иқтисодӣ байни вилоятҳо, шаҳр ва ноҳияҳои кишвар;
- ҷобаҷогузории самараноки қувваҳои истеҳсолкунанда вобаста ба захираҳои дар минтақаҳо мавҷудбуда ва ба инобат гирифтани хусусиятҳои фарқунандаи минтақаҳо ҳангоми ҷобаҷогузорӣ;
- ба инобат гирифтани масъалаҳои ҳифзи муҳити зист.

# ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

Таҳлили иҷрои чараёни татбиқшавии нишондиҳандаҳои асосии Барномаи миёнамӯҳлати рушд барои солҳои 2016-2020 дар давоми чор соли амалишавӣ (БМР 2016-2020) нишон дод, ки ҳадафҳо ва вазифаҳои миллии стратегии муайянгардида дар маҷмӯъ татбиқ шуда, заминаи мусоидро барои рушди устувори минбаъдаи мамлакат фароҳам овардаанд.

Дар баробари дастовардҳо иҷрои баъзе нишондиҳандаҳои алоҳидаи барнома бо назардошти паёмадҳои бӯҳронҳои иқтисодии глобалӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва мушкилоти мавҷуда идома доранд ва ё дар сатҳи зарурӣ иҷро нагардиданд.

Бинобар ин аз рӯи афзалиятҳои асосии барнома ҳоло ҳам корҳо дар самти таъмини босифати рушди иқтисодӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати макроиқтисодӣ, пешгирии таъсири манфии омилҳои беруна, гуногунсамтии (диверсификатсияи) истеҳсолоти ватанӣ ва иқтисодиёти миллӣ дар маҷмӯъ ва баланд бардоштани рақобатпазирии он тақвият металабанд.

Таҳлил шаҳодат медиҳад, ки низоми самараноки миллии арзёбии натиҷагирӣ ва дурнамои рушд дар доираи татбиқи раванди иҷрои Барномаи миёнамуҳлати рушд барои солҳои 2016–2020 ҳоло ҳам дар марҳалаи ташаккулёбӣ қарор дорад.

Ҳиссаи сармоягузориҳои хусусӣ дар ММД аз рӯи нақша дар соли 2019 бояд 10 фоизро ташкил медод, аммо дар воқеъ 4 фоизро ташкил кард, ки ин 6 банди фоизӣ аз нақша ва 1 банди фоизӣ аз соли базавӣ (соли 2015) кам аст.

Ҳиссаи маблағгузориҳо ба сармояи асосӣ дар ММД дар нақшаи нишондиҳандаи чашмдошти барнома 14,5 фоиз пешбинӣ гардида, дар воқеъ соли 2019 ба 8,8 фоиз баробар гардид, ки аз нақша 6 банди фоизӣ кам аст. Дар соли 2019 ҳаҷми маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо 12,5 млрд. сомониро ташкил дод, ки назар ба соли базавӣ 28,9 фоиз зиёд мебошад.

Дар баробари ин таназзули иқтисодӣ дар сатҳи глобалӣ, ки бо паҳншавии пандемияи коронавирус, ҷой доштани мушкилоти геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ ва таҳримҳои иқтисодӣ байни кишварҳо ва тағйирёбии ноустувори нархҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ алоқаманд мебошад, дар соли 2020 ба вазъи иҷтимоию иқтисодии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад.

Вобаста ба ин тақвияти корҳо доир ба дастгирии қишри осебпазири аҳолӣ ва соҳибкорон ва ҳатто соҳаҳо муҳим арзёбӣ мегардад.

Ҳукумати кишвар дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида истода, дастгирии ҳаматарафаи шарикони рушд ва кишварҳои шарики тиҷоратӣ низ муҳим мебошад.

Бо назардошти нуқтаҳои қайдгардида, сиёсати иқтисодӣ дар давраи минбаъдаи миёнамуҳлат бояд ба тақвияти механизмҳои баланд бардоштани фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ ва соҳибкорон, таъмини дастрасӣ ба захираҳои молиявӣ ва технологияҳои рақамӣ дар ҳамаи бахшҳои иқтисодиёт равона карда шавад.

Дар робита ба ин, дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҷиҳати ҳавасмандгардонии рушд ва муайян намудани қувваҳои асосии ҳаракатдиҳандаи он дар давраи минбаъдаи миёнамуҳлат ба самтҳои зерин бояд диққати аввалиндараҷа дода шавад:

1. Таъмини устувории макроиқтисодӣ. Тақвияти ҳамоҳангсозии амалишавии сиёсати макроиқтисодӣ дар самтҳои буҷету андоз, пулию қарзӣ, бахши воқеӣ ва тавозуни пардохт, инчунин пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ. Рушди иқтисодӣ бояд ба рушди нисбатан босуръат ва инклюзивии сармояи инсонӣ такя намуда, маблағгузории хусусӣ сарчашмаи асосии сармоягузорӣ шавад.

2. Сиёсати фискалию буҷетӣ. Такмили самаранокии идораи молияи давлатӣ, роҳандозии буҷетикунонии гендерӣ, пурзӯр намудани назорати истифодаи мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи шаффофият ва қобилияти пешгӯии низоми андоз ва такмили маъмурикунонии он.

3. Сиёсати пулию қарзӣ. Нигоҳ доштани сатҳи таварруми солона дар доираи нишондиҳандаи ҳадафнок (то 5–6%), таъмини рушди бозорҳои молиявӣ (пурзӯр намудани талабот ба сармояи бонкҳо, гузариши пурра ба стандартҳои ягонаи байналмилалии ҳисоботдиҳии молиявӣ, идоракунии корпоративӣ, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирӣ дар бахши бонкӣ, риояи меъёрҳои мақбул аз ҷониби бонкҳо ва институтҳои ғайрибонкии низомсоз, татбиқи барномаҳои баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ).

4. Иқтисоди кушод ва ҳавасмандгардонии рақобатпазирӣ. Дар ин самт идомаи тадбирҳо ҷиҳати таъмини рушди иқтисодӣ тавассути тавсеаи босифати иқтидорҳои кишоварзӣ ва зерсоҳаҳои саноати коркард, муосиргардонии инфрасохтори энергетикӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ мусоидат ба содироти маҳсулоти ниҳоии рақобатпазир мувофиқи мақсад мебошад. Бо мақсади афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза, вусъат бахшидани ҳамгироии иқтисодӣ ва истеҳсолӣ ва шомилшавӣ ба занҷираи байналмилалии истеҳсоли арзиши иловашудаи баланд муҳим арзёбӣ мегардад.

5. Таҳкими нерӯи институтсионалӣ ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ. Дар соҳаи мазкур андешидани тадбирҳо доир ба беҳтар намудани ҳифзи қонунии рақобати солим, тавсеаи ҳуқуқҳои соҳибкорон ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои худ, кам намудани дахолати давлатӣ ва баланд бардоштани самаранокии танзиму ҳавасмандгардонӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар сатҳи минтақавӣ, бартараф намудани омили инсонӣ дар ҳуҷҷатгузорӣ, маъмурикунонии андоз ва ҳисоботдиҳӣ бо истифода аз технологияҳои рақамӣ, баланд бардоштани сифати хизматрасонии давлатӣ ва дигар тадбирҳо муҳим мебошанд).

6. Рушди сармояи инсонӣ. Дар давраи миёнамуҳлати оянда рушди сармояи инсонӣ бо ҳалли масъалаҳои молиявӣ ва институтсионалӣ алоқаманд мебошад. Дар иртибот ба ин, ташаккули талаботи шаҳрвандон

барои таълим ва тандурустии муттасил зарур аст. Ҳамзамон, пешниҳоди хизматрасонии гуногун, ҳавасмандгардонии сармоягузории хусусӣ ва ҷорӣ намудани технологияи рақамӣ ба рушди соҳа таъсир мерасонад.

7. Рушди минтақаҳо. Идома додани корҳо барои пайвасти пурраи минтақаҳо тавассути роҳҳои автомобилгард ва оҳан, ҷорӣ кардани механизмҳои ҳавасмандгардонии ташкили маҷмааҳои истеҳсолӣ, рушди деҳот ва инфрасохтори муосири он, идома додани татбиқи «иқтисоди сабз» ва ташаккули замина барои «шуғли сабз» зарур мебошанд.

Вобаста ба ин Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ҷиҳати иҷрои пурраи Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 тадбирҳои доимӣ меандешад.

**Замима**

## ИНДИКАТОРҲОИ АСОСИИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| | **НИШОНДИҲАНДАҲОИ МАКРОИҚТИСОДӢ** | | | | | | | | | | | | |
| | Шумораи аҳолӣ дар охири сол | млн. нафар | 8,5 | 8,8 | 8,7 | 9,0 | 8,9 | 9,1 | 9,1 | 9,3 | 9.3 | 9,5 | 0,8 |
| | Сурати афзоиши ММД воқеӣ ба ҳисоби миёна дар як сол | % | 6,0 | 6,0 | 6,9 | 6,3 | 7,1 | 6,7 | 7,6 | 6,8 | 7,5 | 7,5 | -1,5 |
| | ММД | млрд. сомонӣ | 48,4 | 53,4 | 54,5 | 58,2 | 61,2 | 64,3 | 71,1 | 71,3 | 77,4 | 80,1 | 29 |
| | ММД ба ҳар нафар аҳолӣ (аз рӯи ПКҲ) | сомонӣ | 5727,8 | 6100 | 6300,3 | 6500 | 6925,2 | 7000 | 7870,2 | 7700 | 8388,3 | 8400 | 2447 |
| | Ҳиссаи сармоягузориҳои хусусӣ дар ММД | % | 5 | 6-7 | 3,5 | 7-8 | 2,8 | 8-9 | 3,2 | 9-10 | 4,0 | 10-11 | -1 |
| | Ҳиссаи саноат дар ММД | % | 15,1 | 13 | 16,9 | 13 | 19,8 | 13 | 21,2 | 13 | 21,9 | 13 | 6,8 |
| | Ҳиссаи кишоварзӣ дар ММД | % | 21,6 | 21-22 | 20,9 | 21-22 | 20,3 | 20-21 | 19,9 | 20-21 | 20,7 | 21 | -0,9 |
| | Ҳиссаи сохтмон дар ММД | % | 15,1 | 13-14 | 15,3 | 13,5-14,6 | 11,9 | 14-14,8 | 13,2 | 14,5-15,3 | 11,4 | 16-16,5 | -3,7 |
| | Ҳиссаи хизматрасониҳо дар ММД | % | 37,8 | 40-41 | 36,7 | 39-40 | 38,1 | 39-40 | 36,0 | 39-40 | 36,9 | 37-38 | -0,9 |
| | Андозҳои тозаи ғайри мустақим дар ММД | % | 10,5 | 12 | 10,3 | 12 | 9,8 | 12 | 9,8 | 12 | 9,1 | 13 | -1,4 |
| | Хароҷоти буҷет ба ММД | % | 33,6 | 32 | 33,6 | 31 | 36,4 | 28 | 34,0 | 26 | 30,8 | - | -2,8 |
| | Қарзи беруна ба ММД | % | 27,9 | 37 | 32,7 | 41 | 40,2 | 40 | 37,7 | 39 | 36,0 | - | 8,1 |
| | **ТАТБИҚИ ИҚТИДОРИ ЗАХИРАВӢ ВА БЕҲТАР НАМУДАНИ РАҚОБАТПАЗИРИИ ИҚТИСОДИЁТ** | | | | | | | | | | | | |
| | **1. САНОАТ** | | | | | | | | | | | | |
| **1.1** | Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ (бо нархҳои соли 2019) | млн. сомонӣ | 15674 | 13400 | 18182 | 14700 | 22055 | 16100 | 24393 | 17700 | 27613 | 19500 | 11939 |
| **1.2** | Зиёдшавии ҳиссаи саноат дар ММД | % | 15,1 | 13,5 | 15,1 | 14,0 | 17,2 | 14,5 | 21,2 | 15,0 | 21,9 | 16,0 | 6,8 |
| **1.3** | Шумораи ҳайати истеҳсолии саноат (ППП) | ҳаз.наф. | 68 | 75 | 80,9 | 80 | 86,8 | 85 | 85,6 | 90 | 93,9 | 100 | 25.9 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| **1.4** | Ҳиссаи коркарди нахи пахта | % | 6,1 | 11 | 10,7 | 20 | 20,2 | 24 | 24,3 | 28 | 26,3 | 32 | |
| **1.5** | Ҳиссаи коркарди пилла | тонна | 897,3 | | 931,3 | | 928 | | 784,9 | | 803,7 | 900 | -93,6 |
| **1.6** | Истеҳсоли матоъҳои пахтагин | млн. $м^2$ | 8,4 | 10 | 2,5 | 15 | 3,4 | 20 | 7,5 | 30 | 12,6 | 18 | 4,2 |
| **1.7** | Истеҳсоли семент | ҳаз.т | 1418 | 1800 | 2001 | 2000 | 3121,1 | 2400 | 3844,2 | 2800 | 4202,1 | 3000 | 2793,2 |
| **1.8** | Истеҳсоли хишти сохтмонӣ | млн. дона | 113 | 130 | 116,0 | 140 | 116,3 | 145 | 128,6 | 150 | 156,3 | 155 | 109 |
| **БАХШИ АГРАРӢ** | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | **2. ИНДУСТРИАЛИЗАТСИЯ ВА РУШДИ УСТУВОРИ БАХШИ АГРАРӢ** | | | | | | | | | | | | |
| **2.1** | Сатҳи механизатсияи истеҳсолоти кишоварзӣ | % | 50 | 53 | 50,0 | 56,0 | 51,0 | 59 | 52,0 | 62,0 | 60,0 | 65,0 | 120 |
| **2.2** | Афзоиши маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ | % | 100 | 108 | 105,2 | 118 | 106,8 | 128 | 104,0 | 138 | 107,1 | 150 | 7,1 |
| **2.3** | Азхудкунии заминҳои кишт | ҳаз.га | - | 4,0 | -2,5 | 8,0 | -2,7 | 12,0 | 6,8 | 16,0 | 20,0 | 20,0 | - |
| **2.4** | Афзоиши коркарди саноатии маҳсулоти кишоварзӣ | % | 20,0 | 22 | | 24 | | 26 | 52,0 | 28 | 30,0 | 30 | 150 |
| 3 | **3. АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ВА ТАЪМИНИ ДАСТРАСИИ АҲОЛӢ БА ҒИЗОИ ХУШСИФАТ** | | | | | | | | | | | | |
| **3.1** | Сатҳи худтаъминкунӣ бо маводи хӯрокворӣ | % | 50 | 53 | | 56 | | 58 | | 60 | | 65 | |
| **3.2** | Дастрасии иқтисодии аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ | % | 55 | 54 | | 53 | | 52 | | 51 | | 50 | |
| **3.3** | Истеъмоли ғизо, ккалория ба 1 нафар/шабонарӯз | - | 2280 | 2300 | 2433,16 | 2350 | 2588,11 | 2400 | 2659,09 | 2450 | 2547,13 | 2500 | 267,13 |
| **3.4** | Дастрасии аҳолии деҳот ба оби нӯшокии тозаи безарар | % | 59-60 | 61 | | 62 | | 63 | | 64 | | 65 | |
| 4 | **4. ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ ДЕҲОТ** | | | | | | | | | | | | |
| **4.1** | Ҳиссаи табақаи миёна дар деҳот | % | 20,0 | 22,0 | 24 | 24,0 | 22 | 26,0 | 23,9 | 28,0 | 24,7 | 30,0 | 1 |
| **4.2** | Ҳиссаи ҷойҳои кории таъсисдодашуда дар деҳот аз рӯи соҳаҳо | % | | На кам аз 70 % шумораи умумии корҳои таъсис-додашуда | | На кам аз 70 % шумораи умумии корҳои таъсис-додашуда | | На кам аз 70 % шумораи умумии корҳои таъсис-додашуда | | На кам аз 70 % шумораи умумии корҳои таъсис-додашуда | | На кам аз 70 % шумораи умумии корҳои таъсис-додашуда | |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | **нақша** | **иҷро** | **нақша** | **иҷро** | **нақша** | **иҷро** | **нақша** | **иҷро** | **нақша** | |
| **5** | **5. КОМПЛЕКСИ ЭНЕРГЕТИКИЮ СӮЗИШВОРӢ** | | | | | | | | | | | | |
| **5.1** | Истеҳсоли нерӯи барқ, ҳамагӣ | млн. кВт.соат | 17162 | 17800 | 17232 | 17900 | 18144 | 19300 | 19742 | 24100 | 20676 | 26200 | 3514,0 |
| **5.2** | Истеҳсоли нерӯи барқ дар НБО | млн. кВт.соат | 16860,2 | 17100 | 16631,6 | 17200 | 17162,8 | 18400 | 18394,5 | 23300 | 19169,7 | 24500 | 2069,7 |
| **5.3** | Истеҳсоли нерӯи барқ дар НБҲ (ТЭС) | млн. кВт.соат | 301,8 | 625 | 600,4 | 725 | 981,2 | 825 | 1347,5 | 825 | 1507,3 | 1730 | 1205,5 |
| 5.4 | Ба кор андохтани иқтидорҳо, ҳамагӣ<br>Аз он ҷумла:<br>ба НБО<br>ба СБХ | Мвт | -<br><br>- | 300<br><br>150<br>150 | 600<br><br>300<br>300 | 300<br><br>150<br>150 | | 820<br><br>410<br>410 | 720<br><br>360<br>360 | 810 | 800<br><br>400<br>400 | 825<br><br>125<br>700 | |
| **5.5** | Норасогии нерӯи барқ (-) | кВт.соат | -4476 | -4400 | -4949 | -4600 | -4356 | -3500 | -3058 | +900 | -2508,3 | +2600 | -1967,6 |
| **5.6** | Талаботи солона ба истеҳсоли нерӯи барқ | млн. кВт.соат | 21860 | 22200 | | 22500 | | 22800 | | 23200 | | 23600 | |
| **5.7** | Истеҳсоли нерӯи барқ ба ҳар сари аҳолӣ | ҳаз. квт.соат/наф. | 2,02 | - | 1,97 | - | 2,03 | - | 2163 | - | 2,24 | 2,78 | 0,22 |
| **5.8** | Истихроҷи нафт | ҳаз.т | 24,6 | 31 | 25,1 | 32 | 23,4 | 32 | 23,9 | 25 | 23,2 | 25 | -1,4 |
| **5.9** | Истихроҷи газ | ҳаз.$м^3$ | 4111 | 4900 | 2979 | 7200 | 1492 | 7800 | 910 | 4500 | 730 | 4600 | -3381 |
| **5.10** | Сармоягузориҳои банақшагирифташуда, ҳамагӣ<br>аз ҷумла, хориҷӣ | млн. сомони<br><br>долл. США | 388,2<br><br>129,8 | 870<br><br>486 | | 1009<br><br>503 | | 1533<br><br>894 | | 1264<br><br>539 | | 1394<br><br>699 | |
| **5.11** | Содироти нерӯи барқ | млн. кВт.соат | 1400,2 | 1388 | 1428 | 1396 | 1421 | 1533 | 2495 | 4311 | 2814 | 4926 | 1413,8 |
| **5.12** | Тарифи миёнаи нерӯи барқ | сент/кВт. соат | 2,04 | 2,35 | 1,65 | 2,8 | 1,86 | Баъди таҷдид ҳисоб карда мешавад | | Баъди таҷдид ҳисоб карда мешавад | | Баъди таҷдид ҳисоб карда мешавад | |
| **5.13** | Суръати афзоиши тариф дар соли 2015 | % | 15 | 15 | 16,5 | 15 | 15,0 | Баъди таҷдид ҳисоб карда мешавад | | Баъди таҷдид ҳисоб карда мешавад | | Баъди таҷдид ҳисоб карда мешавад | |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| 6 | **6. НАҚЛИЁТ** | | | | | | | | | | | | |
| 6.1 | Боргардиш | млн. т. км | 6317,2 | 6507 | 5515,3 | 6702 | 6094,1 | 6903 | 6516,8 | 7110 | 7693,3 | 7265 | 1220,4 |
| 6.2 | Мусофиргардиш | млн.мусоф .км | 10554,5 | 10871 | 9148,0 | 11197 | 9308,8 | 11533 | 9477,2 | 11879 | 9264,6 | 12138 | -1304,5 |
| 7 | **7. БАХШИ МОЛИЯ** | | | | | | | | | | | | |
| 7.1 | Активҳои ташкилотҳои қарзӣ | млн. сомонӣ | 17 825 | 21 400 | 21187 | 25 700 | 20932 | 30 800 | 21201 | 37 000 | 21976 | 44 400 | 4151 |
| 7.2 | Меъёрӣ кифоягии сармояи ташкилотҳои қарзӣ | % | 14,6 | 16,2 | 17 | 18,4 | 22,93 | 20,6 | 22,1 | 23 | 21,4 | 26,4 | 146 |
| 7.3 | Ҳиссаи қарзҳои беэътимоди ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла: | % | 12,3 | 10,1 | 46,8 | 8,5 | 35,8 | 6,8 | 30,4 | 5,2 | 25,6 | 4,4 | 208 |
| 7.4 | Бонкҳо | % | 14,6 | 12 | 54 | 10 | 42,5 | 8 | 38,2 | 6 | 31,8 | 5 | 218 |
| 7.5 | Ташкилотҳои молиявии хурд | % | 1,4 | 1,5 | 13,4 | 1,6 | 9,6 | 1,8 | 5,6 | 2 | 3,4 | 2,2 | 243 |
| 7.6 | Даромаднокии активҳои ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла: | % | 2,52 | 2,9 | -3,0 | 3,2 | 0,0 | 3,5 | 1,3 | 3,8 | 1,4 | 4 | 55,6 |
| 7.7 | Бонкҳо | % | 2,4 | 2,8 | -3,6 | 3 | 0,0 | 3,2 | 1,2 | 3,4 | 1,2 | 3,6 | 50 |
| 7.8 | Ташкилотҳои қарзӣ | % | 2,6 | 3 | -1,0 | 3,4 | 0,3 | 3,8 | 1,8 | 4,2 | 2,4 | 4,4 | 92,3 |
| 7.9 | Шумораи ташкилотҳои қарзӣ ба 100 ҳазор аҳолӣ | адад | 1,6 | 1,8 | 1,8 | 2 | 1,5 | 2,2 | 1,3 | 2,4 | 1,3 | 2,6 | -0,3 |
| 7.10 | Шумораи филиалҳои ташкилотҳои қарзӣ ба 100 ҳазор аҳолӣ | адад | 5 | 5,5 | 7,7 | 6 | 5,9 | 6,5 | 5,7 | 7 | 5,5 | 7,5 | 0,5 |
| 8 | **8. БАХШИ БЕРУНИИҚТИСОДӢ** | | | | | | | | | | | | |
| 8.1 | Гардиши савдои хориҷӣ | млн долл. ИМА | 4254,0 | 4200,0 | 3929,9 | 4300,0 | 3972,9 | 4400,0 | 4224,3 | 4600,0 | 4523,7 | 4700,0 | 269,7 |
| 8.2 | Гардиши савдои хориҷӣ, суръати рушд нисбат ба соли гузашта, | % | 101,3 | 99,0 | 90,8 | 101,2 | 101,1 | 104,3 | 106,3 | 102,9 | 107,1 | 103,0 | 105,7 |
| 8.3 | Содирот | млн долл. ИМА | 927 | 950,0 | 898,7 | 1000 | 1198,0 | 1200 | 1073,3 | 1400 | 1174,4 | 1600 | 247,4 |
| 8.4 | Содирот, суръати афзоиш нисбати соли гузашта | % | 97,9 | 102,8 | 100,9 | 104,5 | 133,3 | 122,5 | 89,6 | 116,2 | 109,4 | 115,2 | 111,7 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | накша | ичро | накша | ичро | накша | ичро | накша | ичро | накша | |
| **8.5** | Воридот | млн долл. ИМА | 3327 | 3300 | 3031,2 | 3300 | 2774,9 | 3200 | 3151,0 | 3200 | 3349,3 | 3100 | 22,3 |
| **8.6** | Воридот, суръати афзоиш нисбат ба соли гузашта | % | 77,4 | 98,0 | 88,2 | 100,2 | 91,5 | 98,7 | 113,6 | 97,1 | 106,3 | 97,5 | 137,3 |
| **8.7** | Салдои тавозуни савдо | млн долл. ИМА | -2400 | -2300 | -2132,5 | -2300 | -1576,9 | -2000 | -2077,7 | -1700 | -2174,9 | -1400 | -225,1 |
| **8.8** | Таносуби содирот ба воридот | % | 27,9 | 29 | 29,6 | 31 | 43,2 | 38 | 34,1 | 45 | 35,1 | 53 | 125,8 |
| **8.9** | Таносуби воридот ба содирот | маротиба | 3,6 | 3,4 | 3,4 | 3,3 | 2,3 | 2,7 | 2,9 | 2,2 | 2,9 | 1,9 | 80,6 |
| **8.10** | Индекси кушодагии савдо | | 52,9 | 52,6 | 51,3 | 52,0 | | 52,3 | | 53,9 | 55,6 | 54,7 | 2,7 |
| **8.11** | Индекси шароитҳои савдо | | 0,26 | 0,27 | | 0,30 | | 0,30 | | 0,35 | | 0,40 | |
| **8.12** | Индекси консентратсияи содирот | | 0,50 | 0,47 | | 0,45 | | 0,43 | | 0,41 | | 0,40 | |
| **8.13** | Индекси диверсификатсияи содирот | | 0,85 | 0,85 | | 0,83 | | 0,83 | | 0,80 | | 0,80 | |
| **8.14** | Индекс консентратсияи воридот | | 0,12 | 0,12 | | 0,11 | | 0,10 | | 0,10 | | 0,10 | |
| **8.15** | Индекс диверсификатсияи воридот | | 0,55 | 0,55 | | 0,53 | | 0,53 | | 0,52 | | 0,52 | |
| **ПРОЕКСИЯИ ИҶТИМОИИ ИСЛОҲОТИ СОХТОРИ: РУШДИ САРМОЯИ ИНСОНӢ** | | | | | | | | | | | | | |
| **1.1** | Давомнокии пешбинишудаи умр ҳангоми таваллуд<br>Аз ҷумла<br>- мардон<br>- занон | сол | 73,5<br>71,7<br>75,5 | 73,9<br>72,1<br>75,9 | 73,7<br>71,9<br>75,7 | 74,4<br>72,5<br>76,4 | 74,9<br>73,0<br>76,9 | 74,8<br>73,0<br>76,8 | 75,0<br>73,3<br>76,9 | 75,2<br>73,4<br>77,3 | 75,1<br>73,5<br>76,8 | 75,9<br>73,8<br>77,7 | |
| **1.2** | Хароҷотҳои умумии буҷети давлатӣ ба хароҷоти ғайри асосии соҳаҳои иҷтимоӣ | бо % ба ММД | 13,1 | 14,2 | 16,3 | 15,6 | 15,8 | 17,8 | 15,0 | 18,7 | 15,4 | 20 | 2,3 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| 2. | **2. БОЗОРИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛ** | | | | | | | | | | | | |
| 2.1 | Таъсиси ҷойҳои кории доимӣ | ҳазорҷой | 61,5 | Ҳамасола на камтар аз 100 ҳазор ҷойи нави кории истеҳсолӣ | 71,1 | Ҳамасола на камтар аз 100 ҳазор ҷойи нави кории истеҳсолӣ | 80,5 | Ҳамасола на камтар аз 100 ҳазор ҷойи нави кории истеҳсолӣ | 78,3 | Ҳамасола на камтар аз 100 ҳазор ҷойи нави кории истеҳсолӣ | 69,9 | Ҳамасола на камтар аз 100 ҳазор ҷойи нави кории истеҳсолӣ | |
| 2.2 | Афзоиши сатҳи шуғлнокӣ дар соҳаи саноат | % нисбат ба соли гузашта | | на кам аз 4% | | на кам аз 4% | | на кам аз 4% | | на кам аз 4% | | на кам аз 4% | |
| 2.3 | Ҳиссаи ҷойҳои кории дар деҳот таъсисдодашаванда дар тақсимот бо соҳаҳо | % | | на кам аз 70% | | на кам аз 70% | | на кам аз 70% | | на кам аз 70% | | на кам аз 70% | |
| 2.4 | Ҳиссаи шуғл дар бахши ғайрирасмӣ | % | 40 | 40 | 15.7 | 39 | | 39 | | 38 | | 37 | |
| 2.5 | Ҳиссаи шахсони дорои маълумоти касбӣ дар байни аҳолии машғулбуда,<br>Аз ҷумла дар байнизанон | % | 26<br>20 | на кам аз 27<br>на кам аз 21 | 29.8<br>37.4 | на кам аз 28<br>на кам аз 22 | | на кам аз 29<br>на кам аз 23 | | на кам аз 30<br>на кам аз 24 | | на кам аз 30<br>на кам аз 24 | |
| 2.6 | Афзоиши музди меҳнати минималӣ | % | | Бо суръати на камтар аз сатҳи таваррум | 15 | Бо суръати на камтар аз сатҳи таваррум | 0 | Бо суръати на камтар аз сатҳи таваррум | 15 | Бо суръати на камтар аз сатҳи таваррум | 0 | Бо суръати на камтар аз сатҳи таваррум | |
| 3. | **3. МАОРИФ ВА ИЛМ** | | | | | | | | | | | | |
| 3.1 | Фарогирии кӯдакони аз 3 то 6 сола бо муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ | % ба гуруҳи синну солии дахлдор | 12 | 17 | 12.5 | 19 | 13,5 | 20 | 14,7 | 25 | 15,9 | 30 | 3,9 |
| 3.2 | Ба истифода додани ҷойи нишаст дар муассисаҳои таҳсилоти мактабӣ | Ба истифодадиҳиимиёнаи солона, ҳазор.адад | 10,9 | на кам аз 30 | 12,2 | на кам аз 30 | 20,6 | на кам аз 30 | 10,3 | на кам аз 30 | 21,7 | на кам аз 30 | -48,7 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | ичро | нақша | ичро | нақша | ичро | нақша | ичро | нақша | |
| **3.3** | Сатҳи фарогирӣ бо мактабҳои таҳсилоти ибтидоӣ вам мёна<br>-аз ҷумла духтарон | % шумораи кӯдакон аз 6 то 16 сола | 86,4<br>85,2 | на кам аз 92<br>на камтар аз 89 | 93,3<br>91,3 | на кам аз 94<br>на камтар аз 91 | 94<br>92,5 | на кам аз 96<br>на камтар аз 93 | 94,4<br>93,1 | на кам аз 97<br>на камтар аз 94 | 95,5<br>94,7 | 98<br>95 | +9,1<br>+9,5 |
| **3.4** | Таъминоти мактабҳои миёна бо кадрҳои педагогие, ки дорои маълумоти олии касбӣ, аз ҷума, дар деҳот | % | 72,7<br>59,4 | 75,0<br>60,0 | 75,6<br>72,3 | 80,0<br>70,0 | 77,1<br>74,2 | 85<br>75 | 78,3<br>75,5 | 88<br>78 | 79,9<br>77,2 | 90,0<br>80,0 | +7,2<br>+17,8 |
| **3.5** | Бозтайёркунӣ ва баланд бардоштани сатҳи тахассуси омӯзгорон | Ҳамасола бо % | на камтар аз 20% | на кам аз 34 | 15,0 | на кам аз 34 | 17,5 | на кам аз 34 | 16,2 | на кам аз 34 | 18,2 | на кам аз 34 | -1,8 |
| **3.6** | Фарогирии кӯдакони маъюбу синну соли мувофиқ бо барномаҳои таълимӣ | % | 22 | на камтар аз 80 | 23,4 | на камтар аз 80 | 24,4 | на камтар аз 80 | 26,5 | на камтар аз 80 | 26,1 | на камтар аз 80 | +4,1 |
| **3.7** | Ҳиссаи хатмкунандагони синфи 9, ки ба низоми муассисаҳои ибтидоӣ ва миёнаи касбии таълимӣ дохил шуданд | % | кариб 12 | кариб 14 | 10,6 | кариб 20 | 12,2 | на кам аз 30% | 12,7 | на кам аз 30% | 9 | на кам аз 30% | -3 |
| **3.8** | Ҳиссаи муассисаҳои таҳсилоти касбие, ки биноҳояшон барои нафарони маъюб мутобиқ гардонида шудаанд | % | | на кам аз 10 | | на кам аз 10 | | на кам аз 13 | | на кам аз 15 | | на кам аз 18 | |
| **3.9** | Ҳиссаи хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ, муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбие, ки ба МТО дохил шуданд. | % | 26 | на кам аз 50 | 50 | на кам аз 50 | 50 | на кам аз 50 | 50 | на кам аз 50 | 50 | на кам аз 50 | 24 |
| **3.10** | Шумораи донишҷӯёни МТО<br>- аз ҷумла духтарҳо/занҳо | ба 10 ҳаз. навар аҳолӣ | 198<br>122 | на кам аз 250<br>на кам аз 150 | 213,8<br>136,8 | на кам аз 250<br>на кам аз 150 | 219,1<br>149,7 | на кам аз 250<br>на кам аз 150 | 229,9<br>156,5 | на кам аз 250<br>на кам аз 150 | 246,2<br>166,4 | на кам аз 250<br>на кам аз 150 | 48,2<br>44,4 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| **3.11** | Ҳиссаи ба тадқиқот ва таҳия машғулбудагон нисбат ба шумораи умумии машғулбудагон | % | 0,15 | на кам аз 0,18 | 0,16 | на кам аз 0,2 | 0,16 | на кам аз 0,26 | 0,16 | на кам аз 0,28 | 0,16 | на кам аз 0,3 | 0,01 |
| **3.12** | Хароҷоти буҷет ба соҳаи илм | бо % нисбат ба ММД | 0,15 | на кам аз 0,18 | 0,14 | на кам аз 0,5 | 0,13 | на кам аз 0,75 | 0,13 | на кам аз 0,9 | 0,14 | на кам аз 1,0 | 0,01 |
| **3.13** | Таносуби музди меҳнати кормандони ба илм машғул буда ва хизматрасонии илмӣ ва ба иқтисодиёт ва дар маҷмӯъ | таносубӣ | 1,14:1 | на кам аз 1,25:1 | 1,1:1 | на кам аз 1,25:1 | 1,1:1 | на кам аз 1,25:1 | 1,2:1 | на кам аз 1,25:1 | 1,1:1 | на кам аз 1,25:1 | 0 |
| **4.** | **4. ТАНДУРУСТӢ** | | | | | | | | | | | | |
| **4.1** | Ҳиссаи аҳолие, ки ба кумаки аввалияи тиббӣ таъмин мебошанд | % | 92 | 92, 6 | 86,0 | 93,2 | 87,0 | 93,8 | 88,0 | 94,4 | 89,0 | 95 | 96,7 |
| **4.2** | Ҳиссаи муассисаҳои КАТС, дар асоси номгӯи тасдиқшуда муҷаҳҳаз гардонидашудаанд | % | 85 | 86, 0 | 74,0 | 87,0 | 76,0 | 88,0 | 78,0 | 89,0 | 80,0 | 90 | 94,1 |
| **4.3** | Таъмин намудани муассисаҳои табобатӣ бо кормандони тиб | % | 82,7 | 84,2 | 82,5 | 85,7 | 82,6 | 87,2 | 83,2 | 88,7 | 85,0 | 90 | 102,8 |
| **4.4** | Аз ҷумла дар деҳот | % | 72,0 | 74,0 | 74,0 | 76,0 | 78,0 | 78,0 | 82,0 | 80,0 | 83,0 | 82,0 | 115,3 |
| **4.5** | Коҳиш додани касалиҳои сирояткунанда | ҳамасола, % | афзоиш | на кам аз 10% | 2,2 | на кам аз 10% | 2,2 | на кам аз 10% | 2,2 | на кам аз 10% | 2,2 | на кам аз 10% | - |
| **4.6** | Бартараф намудани баъзе сироятҳои бо ваксина идорашаванда | % | | 100% | 60,0 | 100% | 60,0 | 100% | 60,0 | 100% | 60,0 | 100% | 60,0 |
| **4.7** | Ҳиссаи кормандони тиббие, ки аз такмили ихтисос гузаштанд | нафар | | на кам аз 20 | 19,4 | на кам аз 20 | 19,4 | на кам аз 20 | 19,4 | на кам аз 20 | 19,4 | на кам аз 20 | - |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| **4.8** | Вазни қиёсии стандартҳои ҷоригардида (Роҳнамоии клиникӣ) дар байни бемориҳо. | % | 70,0 | 74,0 | 86,0 | 78,0 | 87,0 | 82,0 | 88,0 | 86,0 | 89,0 | 90,0 | 127,1 |
| **4.9** | Шумораи минтақаҳое, ки дар низоми тандурустӣ ба маблағгузории сарикасӣ гузаштанд | Шумора/ бо % | 18/28 | 26/40 | 63,2 | 34/52 | 75,0 | 42/64,6 | 87,5 | 50/76,9 | 100 | 60/92 | 200 |
| **4.10** | Бо дидбонгоҳи санитарӣ таъмин будани нуқтаҳои гузариш дар сарҳади гумрукӣ | % | 50,0 | 60,0 | 25,0 | 70,0 | 40,0 | 80,0 | 55,0 | 90,0 | 70,0 | 100 | 140 |
| **4.11** | Шумораи озмоишгоҳҳои бактериологие, ки мутобиқи стандарти тасдиқшуда муҷаҳҳаз гардонида шудааст | % | 50,0 | 60,0 | 74,0 | 70,0 | 78,0 | 80,0 | 82,0 | 90,0 | 86,0 | 100 | 172 |
| **4.12** | Иҷрои чорабиниҳои зидди сурхакон (гул) дар мониторинги беҳдошти санитарию эпидеомологӣ | % | 0,0 | 10,0 | 26,0 | 20,0 | 34,0 | 30,0 | 42,0 | 40,0 | 50,0 | 100 | 100 |
| **4.13** | Миқдори барномаҳои эҳёгарӣ (реабилитатсия) дар иттиҳодҳои шахсони маъюб | воҳид. | 10,0 | 16,0 | 60,0 | 22,0 | 70,0 | 28,0 | 80,0 | 34,0 | 90,0 | 40 | 900 |
| **5.** | **5. ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ** | | | | | | | | | | | | |
| **5.1** | Афзоиши ҳақиқии нафақа | Афзоиши миёнаи солонабо % | 10 | на кам аз 10 | 20,0 | на кам аз 10 | 0 | на кам аз 10 | 15,4 | на кам аз 10 | 0 | на кам аз 10 | 0 |
| **5.2** | Коэффитсиенти ивазкунӣ | % | 28,2 | на кам аз 30 | 20,0 | на кам аз 33 | 20,0 | на кам аз 36 | 20,0 | на кам аз 38 | 20,0 | на кам аз 40 | 70,9 |
| **5.3** | Ҷорӣ намудани кумаки суроғавии иҷтимоӣ | % фарогирии минтақаҳо | 42 | 100 | 25,0 | 100 | 40 | 100 | 40 | 100 | 40 | 100 | 95,2 |
| **5.4** | Ҳиссаи кормандони иҷтимоие, ки аз такмили ихтисос гузаштанд | ҳамасола, % | 20 | на кам аз 20% | 18,0 | на кам аз 20% | 18,0 | на кам аз 20% | 21,6 | на кам аз 20% | 23,5 | на кам аз 20% | 117,5 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| **5.5** | Спетсификатсия ва стандартҳои намунавии пешниҳоди хизматрасониҳо ба аҳолии осебпазир таҳия шуданд | воҳид | 6 | 9 | 6 | 11 | 9 | 13 | 11 | 14 | 11 | 14 | 183 |
| **5.6** | Ҳиссаи шахсони маъюб, ки воситаҳои барқарорсозии техникии ёридиҳанда гирифтаанд | % | 50 | 56 | 56 | 62 | 62 | 68 | 68 | 74 | 74 | 80 | 148 |
| **5.7** | Афзоиши андозаи ҳақиқии кумакпулӣ | % | 3-5% | 3-5% | 1% | ҳамасола 3-5 % | 1% | ҳамасола 3-5 % | 1% | ҳамасола 3-5 % | 1% | ҳамасола 3-5 % | |
| **6.** | **6. ФАРҲАНГ** | | | | | | | | | | | | |
| **6.1** | Шумораи чорабиниҳо оид ба оммавикунонии анъанаҳо ва иншоотҳои мероси фарҳангӣ | воҳид | 28 | ҳамасола на кам аз 100 | 25 | ҳамасола на кам аз 100 | 54 | ҳамасола на кам аз 100 | 2822 | ҳамасола на кам аз 100 | 6211 | ҳамасола на кам аз 100 | 6183 |
| | | | 2020 | | 2936 | | 2936 | | 3528 | | 3528 | | 1508 |
| **6.2** | Ҳиссаи иншоотҳои фарҳангии дар ҳолати қаноатбахш қарордошта (таъмири асосӣ талаб намекунад) аз шумораи умумии иншоотҳои фарҳангӣ | % | 68,9 | на бештар аз 40 | 70,9 | на бештар аз 40 | 72 | на бештар аз 40 | 38 | на бештар аз 40 | 20 | на бештар аз 40 | 29 |
| **6.3** | Таъминоти маҷмӯӣ бо китобхонаҳо ва муассисаҳои фарҳангию истироҳатӣ | ба 100 ҳаз. аҳолӣ | 26,1 | на кам аз 54 | 11,6 | на кам аз 54 | 11,7 | на кам аз 54 | 25,7 | на кам аз 54 | 76,8 | на кам аз 54 | 50,7 |
| **6.4** | Таъминоти маҷмӯӣ бо театрҳо, осорхонаҳо, толорҳои консертӣ ва коллективҳои филармонӣ | ба 100 ҳаз. аҳолӣ | 1 | на кам аз 1,5 | 1,2 | на кам аз 1,5 | 1,4 | на кам аз 1,5 | 1,5 | на кам аз 1,5 | 1,32 | на кам аз 1,5 | 0,32 |
| **6.5** | Ҳиссаи репертуарҳо барои кӯдакон ва ҷавонон аз шумораи умумии спектаклҳо (намоишҳо) (чорабиниҳо дар толорҳои театр) | % | 58,6 | на кам аз 55 | 49,1 | на кам аз 55 | 57,1 | на кам аз 55 | 55,2 | на кам аз 55 | 50,7 | на кам аз 55 | 86,5 |

| № | Индикатор | Воҳиди ченак | 2015 | 2016 | | 2017 | | 2018 | | 2019 | | 2020 | 2019 нисбат ба соли 2015 (%) +;- |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | иҷро | нақша | |
| **6.6** | Афзоиши шумораи донишҷӯёне, ки таълими касбӣ ва олии ба фарҳанг алоқамад гирифтаанд | Афзоиши миёнаи солона, % | 20,5 | на камтар аз 10 | 20,2 | на камтар аз 10 | 13,3 | на камтар аз 10 | 57,5 | на камтар аз 10 | 46 | на камтар аз 10 | 224 |
| **6.7** | Ҳиссаи маҳсулотҳои индустрияи эҷодӣ дар ҳаҷми умумии содирот | % | 11 | на камтар аз 0,5 | 6 | на камтар аз 0,5 | 14 | на камтар аз 0,5 | | на камтар аз 0,5 | | на камтар аз 0,5 | |
| **7.** | **7. МУҲИТИ ЗИСТ** | | | | | | | | | | | | |
| **7.1** | Сатҳи таъминот бо манзил | $м^2$/нафар | 10,7 | 11 | 10,7 | 11,5 | 10,9 | 12 | 10,8 | 12,5 | 10,9 | 13 | |
| **7.2** | Фарсудашавии инфрасохтори коммуналӣ | % | | на бештар аз 50 | | на бештар аз 40 | | на бештар аз 40 | | на бештар аз 40 | | на бештар аз 40 | |